Замимаи 1

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар давраи ҳисоботии нӯҳмоҳаи соли 2020 бо истифода аз "Маълумот оид ба арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал"

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ дар маҷмуъ 3146 ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки 1899 адади он аз ҷониби раёсату кумитаҳо, идораву муассисаҳо, шуъбаҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят буда, боқимондаи он теъдоди 1247 ҳуҷҷат аз мақомоти болоӣ, аз ҷумла 6 адад Қонун ва 2 адад Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 адад Амр ва Фармони Президенти мамлакат, 64 қарор ва 1 фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 155 адад протоколҳои Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 адад супориши Вазир, 90 адад супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 138 супоришҳои муовинони Сарвазири мамлакат, 276 адад супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 адад барқияҳои Ҳукуматӣ, 6 адад ҳуҷҷат аз Маҷлиси Олӣ, 445 аз Вазорату кумитаҳо, 12 адад аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони рушд ворид гардидааст.

Аз ҷониби Раиси вилоят дар ин давра 13 адад амр ва 297 қарори раиси вилоят, аз ҷумла 35 адади онҳо дар заминаи Фармон, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 ададашон дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расида, ҷиҳти маълумот, корбарӣ ва иҷрои саривақтии минбаъда ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардида, ҷараёни амалишавии онҳо таҳти назорати ҳамарӯза қарор доранд.

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. (2.1,2.1.2) Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», 2.1.1. Тадбирҳои андешида, ҷиҳати амалисозии саривақтии нақша чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, 2.2.(2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, 2.4. (2.4.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, 2.5. (2.5.1, 2.5.2) Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», 2.6. (2.6.1, 2.6.2) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», арзёбӣ гардиданд.**

### 2.1. (2.1.2) Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

**(2.1, 2.1.2) Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба такмили шаклу услуби кор, сифат ва самаранокии корҳои сиёсӣ, ташкилию оммавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо назардошти масъалаҳои афзалиятноки соҳа нақшаи кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятро барои 9 моҳи соли равон таҳия ва тасдиқ намуд. Мутобиқи нақшаи мазкур дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020, 8 машварати васеъ, 8 машварати назоратии назди раиси вилоят ва 3 маротиба иҷлосияи даъвати шашуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ гузаронида шуданд, ки дар онҳо зиёда аз 25 масъалаи рӯзмарраи дорои аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, доир ба ин масъалаҳо қарорҳои дахлдор ба тасвиб расонида шуданд.

Супоришҳо дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва машваратҳои васеъ ва назоратии назди раиси вилоят дар шакли қарор, протокол ба расмият даровarda шуда, бо мақсади иҷро дастраси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳо ва раёсату идораҳои дахлдори вилоят гардонида шуданд. Ҳангоми қабули қарорҳо талаботи меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ” риоя мегардад.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 45 Ҷамоати шаҳраку деҳот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, Низомнома ва Дастури ҷамоатҳо кор ва фаъолият карда истодаанд.

Ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба расонидани кӯмакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба маблағи 2143,7 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллии вилоят кӯмаки молиявӣ расонида шудааст. (нисбати шашмоҳаи аввали соли бетағйир).

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ ба 564,6 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияҳои Шуғнон 47 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 11,5 ҳазор сомонӣ, Дарвоз 7,6 ҳазор сомонӣ ва Рӯшон 7 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нишондиҳандаҳои пешниҳодгардида нисбати шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир буда, барои иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст.

Оид ба риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба расонидани кӯмакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби пешниҳод нагардидани маълумот дар ҳисоботҳои ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа ва Мурғоб гузаронидани арзёбӣ ғайриимкон гардидааст.

### 2.1.1. Тадбирҳои андешида, ҷиҳати амалисозии саривақтии нақша чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 109 лоиҳаро бо маблағи умумии 4080,8 миллион сомонӣ пешбини шуда, ба ҳолати 1 октябри соли 2020 аз 109 лоиҳа 74 лоиҳа ба маблағи умуии 1117,2 млн сомонӣ маблағгузорӣ гардиданд, ки ин 67,9 фоизи шумораи умумии лоиҳаҳои амалигардида ва қисман амалигашта ва 27,4 фоизи умумии маблағи Барномаро ташкил медиҳад. Аз 74 лоиҳа 37 лоиҳа ба маблағи 978,7 млн. сомонӣ пурра иҷро гардида, аз ҳисоби бучети ҷумҳуриявӣ 15 банд ба маблағи 161,5 млн сомонӣ (16,6 фоиз), буҷети маҳаллӣ 1 банд ба маблағи 0,9 млн сомонӣ (0,1 фоиз), сармояи хориҷӣ 17 банд ба маблағи 679,7 млн сомонӣ (69,4 фоиз) ва маблағҳои хусусӣ 4 банд ба маблағи 136,6 млн сомонӣ (13,9 фоиз) ташкил дод. Амалишавии 37 лоиҳа ба маблағи 138,6 млн. сомонӣ идома дошта 35 банд ба маблағи 2586,8 млн сомонӣ ҷиҳати дарёфт нагардидани манбаи маблағгузорӣ амалӣ нагардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 115% ва Рӯшон 63,8%, таъмин

гардида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Рошткалъа 18,1% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Дарвозу Шуғнон барои солҳои 2020 - 2025 таҳия гардиданд.

Барномаи рушди иҷтимоию иҷтисодии шаҳри Хоруғ барои солҳои 2020-2025 бошад бо дарназардошти 45 лоиҳа бо ҷалби маблағи 1046,6 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, давоми нуҳ моҳи соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бунёду барқарорсозии иншоотҳо 133747,9 ҳазор сомонӣ равона шудааст, ки аз он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 94826,6 ҳазор сомонӣ (70,9%), буҷети маҳаллӣ 9,7 ҳазор сомонӣ (0,01%), сармояи хориҷӣ 25478,6 ҳазор сомонӣ (19,0%), маблағҳои худӣ 13433,0 ҳазор сомониро (10,1%) ташкил додааст, ки иҷроиш дар давраи ҳисоботи ба 12,8 фоизи маблағи умумии барнома баробар мебошад.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шуғнон барои солҳои 2020-2025 бо дарназардошти 78 лоиҳа бо ҷалби маблағи 93,0 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, дар давоми нуҳ  соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бунёду барқарорсозии иншоотҳо 20173,0 ҳазор сомонӣ равона шудааст, ки аз он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 10856,0 ҳазор сомонӣ (53,8%), буҷети вилоятӣ 1103,0 ҳазор сомонӣ (5,5%), буҷети маҳаллӣ 213,0 ҳазор сомонӣ (1,1%), сармояи хориҷӣ 3118,0 ҳазор сомонӣ (15,4%), маблағҳои худии соҳибкорон 4883,0 ҳазор сомонӣ (24,2%) иҷро гардидааст, ки ин 21,7 фоизи маблағи умумии барномаро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим вобаста ба ин банд маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайян дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ гардида, истифодаи натиҷаи мониторинг ва арзёбии барномаҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.3. Риояи ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон“Дарбораи мурожиатишахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”

Дар давоми 9 моҳи соли 2020 шумораи умумии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар вилоят 941 (1539) нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -598 нафар кам гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои вилоят муроҷиати умумии шаҳрвандон дар ноҳияҳои Шуғнон +381 (1273) нафар, Мурғоб +158 (386)

нафар, Ишкошим +160 (1141), Ванҷ + 35 (418) ва Роштқалъа +6 (795) адад нафар нисбати соли гузашта зиёд гардида, мавҷудияти мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Шумораи муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ -448 (534) адад, Рӯшон -281 (785) адад ва Дарвоз -66 (914) адад нисбати соли гузашта кам гардида, саривақт баррасӣ ва ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Аз таҳлили мазкур бармеояд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон оид ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар вилоят 62 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати соли гузашта - 48 адад кам гардида, дар шаҳри Хоруғ -17 (53) ададро ташкил медиҳад, ки аз беҳтар гардидани шароити манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати соли гузашта дар ноҳияҳои Мурғоб +66 (133) адад, Роштқалъа +35 (188) адад, Дарвоз +19 (42) адад, Рӯшон +16 (24) Ванҷ +3 (33) адад, Шуғнон +1 (23) адад ва Ишкошим +- 0 (281) адад ба назар расида, дар доираи имкониятҳои мавҷудбудаи ноҳияҳо барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар давоми 9 моҳи соли 2020 дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи муроҷиати шаҳрвандон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 46 ададро ташкил додааст, ки нисбати соли гузашта, 34 адад кам гардидааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ - 5 (1) адад ва ноҳияҳои Ишкошим - 4 (7) адад, Дарвоз - 4 (5) адад, Мурғоб - 3 (3) адад, Роштқалъа, - 2 (3) адад, Шуғнон - 2 (1) адад шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли гузашта кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳалли саривақти масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

**2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

**2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси Протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)**

Мувофиқи қарори раиси шаҳри Хоруғ аз 16 декабри соли 2016, №697 “Дар бораи ҳайати комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ҳайти комиссияи забон тасдиқ

гардид. Вобаста ба ин, ҷараёни иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваста мавриди назорат қарор дода шуда, аз тарафи гурӯҳҳои корӣ 6 маротиба дар бозори марказӣ ва роҳи марказии шаҳр номгузории иншоотҳои маишӣ корҳои ташвиқотию тарғиботӣ анҷом дода шудаанд.

Дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Рӯшон, Ишкошим ва Мурғоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" дар ноҳия комиссияи доимамалкунанда дар ҳайати муовини раиси ноҳия-сарпарсти соҳа ва дигар мудирону шуъбаю бахшҳои дахлдор ташкил карда шудааст, ки кори худро дар самти риояи меъёрҳои забони адабӣ ва дурусту бехато навиштани калимаву ибораҳои тоҷикӣ равона намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро аз муассисаҳои таълимӣ оғоз намудаанд. Комиссияи мазкур пеш аз ҳама ба шиору овезаҳои мағозаву дӯконҳои соҳибкорон диққати зарурӣ дода, корҳои фаҳмондадиҳиро байни соҳибкорон ҷоннок намудааст (маълумот нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ батеғйир боқӣ мондааст).

Тибқи маълумоти пешниҳодгардида аз 25 июли соли 2020, №1-5/662, аз ҷониби мутахассисони Кумитаи забон ва истилоҳот ба ВМКБ 102 адад номи мавзеъҳои ҷуғрофии ғайримеъёрии ҳудуди шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, номи чарогоҳҳо, дараҳо, кӯлҳо, дарёҳо, обанборҳо, чашмаҳо ва ағбаҳо тавзеҳнома навишта шуда, ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ирсол гардид (маълумот нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ батеғйир боқӣ мондааст).

Бояд тазаккур дод, ки муроҷиати сокинони ВМКБ оид ба пешниҳоди номҳои тозаэҷод, ки бояд мувофиқи банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2016, №325 тасдиқ гардидааст, аз ҷониби сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят пешниҳод гарданд, мутаассифона хеле кам ба назар мерасад.

**2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"**

**2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон (банди 81 паём).**

Дар 9 моҳи соли 2020 Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ байни хонандагон оид ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Ҳуқуқи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» зарари нашъамандӣ, сӯиқасд ба ҷони худ ва дар доираи дигар мавзӯъҳо 133 адад вохӯриҳою сӯҳбатҳо, аз ҷумла 99 адад дар мавзӯъи «Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», баргузор намуда, маълумоти пешниҳоднамуда нисбати шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мебошад.

Дар ҳудуди вилоят ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар нӯҳ моҳи соли 2020, 9 ҷиноят бо иштироки 10 нафар ноболиғ ба қайд гирифта шуда, ҷаримабандӣ бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ

379 нафар волидон ба маблағи 23972 сомонӣ ва 46 нафар волидон бо дигар намуди ҳуқуқвайронкунӣ, ба маблағи 1296 сомонӣ, дар умум 25268 сомонӣ ҷарима гардиданд.

Дар 9 моҳаи соли 2020 дар ноҳияи Ишкошим ду адад ҳолати ҷинояти дуздӣ аз ҷониби 4 нафар ноболиғон ва дар ноҳияи Мурғоб 1 адад ҷинояткорӣ аз тарафи хонандагони синфи 8 ба қайд гирифта шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2020 дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон ва Рӯшон ҳолати ҷинояткорӣ аз тарафи ноболиғон ба қайд гирифта нашудааст, ки нисбати нимсолаи аввал бетағйир мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби ноҳияи Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он фаъолияти кумитаи волидон ва ассотсиатсияи волидони вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» корҳои ташкилию тағриботиро пурзӯр намоянд ва ҷиҳати нест кардани ҳолатҳои ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар ноҳияҳои Ишкошим ва Муғоб масъулини соҳаҳо дар ноҳияҳои зикргардида, чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

**2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**“Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”**
**2.4.1. Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда**

Дар 9 моҳи соли 2020 дар ҳудуди вилоят 696 маъракаҳо гузаронида шудааст, ки нисбати соли гузашта 400 адад кам гардидааст. Хароҷотҳои умумии маъракаҳо дар ин давра 2147,8 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли гузашта 2410,0 ҳаз. сомонӣ зиёд гардида, хароҷоти миёна ба ҳар як маърака маблағи 3085 сомонӣ рост меояд.

Хароҷоти миёнаи аз ҳама баланд дар шаҳру ноҳияҳои Ишкошим 4408 сомонӣ, Дарвоз 4154 сомонӣ, Хоруғ 3514 сомонӣ, Рӯшон 3509 сомонӣ, Шуғнон 3153 сомонӣ, Мурғоб 3120 сомонӣ, Ванҷ 3119 сомонӣ ва Роштқалъа 3033 сомониро ташкил дода, ки омӯзиши сабабҳои фарқияти каму зиёди хароҷотҳои маъракаро талаб менамояд.

Зиёдшавии ҳолати қонуншиканӣ дар вилоят ба қайд гирифта нашудааст, ки аз пурзӯр намудани ташвиқу тарғиботро ҷиҳати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” ба назар мерасад.

**2.5. (2.5.1, 2.5.2) Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 “Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет”**
**2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар**

**фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои «ҳукумати электронӣ»).**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ бахри иҷрои ин банд ва қарори мазкур, чораҳои мушаххас рӯйи кор овардааст. Тамоми шӯъба ва бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят, сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят айни ҳол пурра аз технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ таъмин мебошанд ва ҳар як корманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар шабакаи Интернет суроғаи электронӣ доранд.

Сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят www.badakhson.tj аз соли 2012 боз фаъолият мекунад. Бо сабаби рӯйи кор оварда шудани Барномаи нави HTML сомона аз моҳи январи соли 2019 фаъолияташро тибқи талаботи он роҳандозӣ намудааст. Суроғаи электронии он badakhshon@mail.ru буда, он тибқи мактуби расмии роҳбари дастгоҳи раиси вилоят ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, раёсату идораҳо дастрас гардидааст. Ҳамчунин ҷиҳати дастрасии мардуми вилоят ба сомона, расидани дархост, арзу шикояти шаҳрвндон эълоне ба ин мазмун дар сомона ҷой дода шудааст.

Ҷиҳати ташкили назорат дар шабакаҳои иҷтимоӣ, матбуоти даврӣ, телевизион ва дигар васоити ахбори омма сари вақт чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Ҷиҳати амалӣ намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вокуниши шахсони мансабдор аз ҷониби бахши иттилоотию таҳлилӣ ба мақолаҳои танқидӣ дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла дар Рузномаи Бадахшон 20 маротиба ва 25 маротиба дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷавобҳои мушахас гардонида шуданд.

Сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (badakhshon.tj), наздики 200 ҳазор хонанда дорад. Дар сомона ҳамаруза мақолаҳо оид ба ҷаласаҳо назди раиси ВМКБ, муовинон, роҳбари дастгоҳ ва дигар идораву муассисаҳои вилоятӣ инъикос гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи Раиси ВМКБ 10,4% (ҳамагӣ 67 адад) ва дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) - и онҳо дар ноҳияҳои Мурғоб 26,5% (64 адад), Роштқалъа 25,4% (55 ҳамагӣ адад), Дарвоз 20,6% (ҳамагӣ 63 адад), Ванҷ 15,1% (ҳамагӣ 86 адад), Ишкошим 15% (ҳамагӣ 113 адад) ва Шуғнон 10,5% (57 адад) ташкил медиҳад, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мерасонад.

Инчунин, нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Хоруғ 0% (ҳамагӣ 30 адад) ва ноҳияи Рӯшон 0% (ҳамагӣ 483 адад)-ро ташкил додааст, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидати мусбӣ мерасонад.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи Раиси ВМКБ (10,4% корношоям ва ҳамагӣ 67 адад компютерҳо) ва дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) - и онҳо дар ноҳияи Роштқалъа +6,1% (25,4%, ҳамагӣ 55адад) нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ афзоиш ёфта, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо дар ин самт таъмин карда нашудааст.

Инчунин, нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Мурғоб, Дарвоз ва Ишкошқим нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳри Хоруғ 11 нуқтаи дастрасӣ ба интернет дошта, 1 нуқтаи сомонаи расмии худро дорад, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон 30/1, Ишкошим 8/1, Дарвоз 5/1, Шуғнон 4/1, Роштқалъа 2/1 ва Ванҷ -/1 нуқтаро ташкил додааст.

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб ва Ишкошим сомонаи расмӣ мақомот дар Facebook фаъол карда шудааст.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Мурғоб, Ишкошим, Роштқалъа ва Шуғнон хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт дар якҷоягӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Ҳамзамон, ҷиҳати ичрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 “Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар солҳои минбаъда чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

**2.5.2. Ташкили давраи омӯзишӣ ҷиҳати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот АПҶТ аз 06.03.2019 с., №АП-1176 оид ба Нақша чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (банди 21);**

Дар ноҳияи Дарвоз ҳармоҳа бозомӯзии хизматчиёни давлатиро ба роҳ монда, дар як моҳ ду маротиба иловатан омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба роҳ монда шуда, бахри аз худ намудани технологияи иттилоотӣ барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот чораҷӯӣ карда мешавад. Инчунин, ҳангоми ба кор қабул намудани кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дараҷаи донистани истифодабарии технологияи муосир санҷиш гузаронида, барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ бартарӣ дода мешавад.

Омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ноҳияи Рӯшон барои кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба рафти иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.03.2019 с., №АП-1176 оид ба Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (банди 21) то кунун ташкил карда нашудааст.

Ҳамзамон, вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯшон, Ишкошим ва Дарвоз ҳисоботҳо такроран аз аввали сол буда, аз ҷониби мақомоти вилоят, шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Мурғоб, Роштқалъа ва Шуғнон маълумот умуман пешниҳод нагардидааст.

### 2.6.(2.6.1, 2.6.2) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

#### 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо.

Дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ 1 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни мазкур таъмин карда шуда, мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатро ишғол намуданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бошад, 24 маротиба озмун гузаронида шуда, 44 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардидаанд, ки аз ин шумора 6 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Ҳол он, ки дар ҳисоби нимсолаи соли ҷорӣ 51 нафар ба мансаб таъин гардида буданд. Гарчанде дар ноҳияи Ишкошим 9 маротиба озмун гузаронида шуда бошад ҳам, оид ба натиҷаи он маълумот пешниҳод нагаштааст. Дар ноҳия Шуғнон бошад шумораи озмунҳои гузаронидашуда пешниҳод нагаштааст. Инчунин доир ба масъалаи мазкур дар ҳисоботҳои хеш ноҳияи Рӯшон ва шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод накардаанд.

Ба ҳолати 1 октябри соли ҷорӣ дар ВМКБ 4 мансаби холӣ мавҷуд мебошад. Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар ноҳияи Ванҷ 3 мансаби холӣ ва дар ноҳияи Мурғоб 10 мансаби холӣ мавҷуд мебошад. Доир ба масъалаи мазкур дар дигар ҳисоботҳо маълумот пешниҳод нагаштааст.

Доир ба бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо қарори раиси вилоят аз 24 январи соли 2020, №21 «Дар бораи Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни

давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2020» ба тасвиб расонида, дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби мудирони шуъбаҳо ва бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят ва сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 6 маротиба машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб ва Рушон машғулиятҳои идоравӣ гузаронида мешаванд. Дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод накардаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо назардошти аз моҳи апрели соли ҷорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ эълон намудани бемории сироятии паҳншавии каронавирус, яъне COVID -19 дар бештари мақомотҳо машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ то моҳи августи соли ҷорӣ гузаронида нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ 236 нафар ба курси такмили ихтисос фаро гирифта шуда, 2 нафар дар магистратура ва 1 нафар дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда истодаанд. Оид ба масъалаи мазкур ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Шуғнон ва шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Дар ин давра, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ дар ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20) гузаронида нашудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб 18 нафар (5 нафар зан) ва ноҳияи Роштқалъа 14 нафар (5 нафар зан) дар руйхати захираи кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд. Доир ба масъалаи мазкур дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот дода нашудааст.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта, 3.2. Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ, 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо, 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат, 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат, 3.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта

Иҷрои нақшаи даромади буҷети вилоят дар нӯҳ моҳи соли 2020 аз рӯи даромадҳои худии буҷети вилоят ба андозаи 100,1% таъмин гардида, дар

маҷмӯъ дар вилоят тибқи нақшаи маблағӣ 142,5 млн. сомониро ташкил дода, иҷрои он 142,6 млн. сомониро ташкил додааст.

Саҳми шаҳру ноҳияҳои Дарвоз +5,2 млн. сомонӣ (131,2%), Хоруғ +448,3 ҳазор. сомонӣ (101,2%), Ишкошим +189,7 ҳазор сомонӣ (102,4%) ва Рӯшон +160,8 ҳазор сомонӣ (101,5%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидани воридоти маблағ назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияҳои Шуғнон -2,05 млн сомонӣ (86,7%) , Мурғоб -1,3 млн. сомонӣ (85,3%), Ванҷ -1036,2 ҳазор. сомонӣ (94,9%) ва Роштқалъа -283 ҳазор сомонӣ (95,7%) иҷро нагардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қисми хароҷоти буҷети вилоят дар нӯҳмоҳаи соли 2020 ба андозаи 90,1 фоиз таъмин гардида, маблағи 204,1 млн сомонӣ барои сохторҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят равона гардид.

Хароҷоти буҷет дар алоҳидагӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бошад, дар ноҳияи Дарвоз 92,8 фоиз, Шуғнон 91,8 фоиз, Хоруғ 91,3 фоиз, Рошткалъа 90,4 фоиз, Ванҷ 89,7 фоиз, Ишкошим 89,0 фоиз, Рӯшон 88,4 фоиз, Мурғоб 85,7 фоиз ва буҷети вилоят 90,8 фоизро ташкил дод.

### 3.1. Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба нақшаи даромад

Сифатнокии иҷроиши нақшаи қисми даромади буҷет бошад ба ғайр аз ноҳияи Дарвоз дар дигар ноҳияҳо ва шаҳри Хоруғ таъмин карда нашуд. Дар вилоят иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи се намуди андоз- андоз аз боҷи давлатӣ 95,0%, андоз барои захираҳои табиии 91,6% ва андоз аз арзиши иловашуда ба андозаи 87,6%, таъмин нагардид.

Ҳолати таъминнагардидани иҷрои буҷет дар шаҳру ноҳияҳо:

- ноҳияи Ванҷ аз руи ду намуди андоз - андози даромад аз шахсони воқеъӣ (91,6%) ва андоз аз истифодабарандагони қаҳри замин (31,4%).
- ноҳияи Рушон аз рӯи ду намуди андоз - андози даромад аз шахсони воқеъӣ (91,3%) ва боҷи давлати (91,4%).
- ноҳияи Шуғнон аз рӯи ду намуди андоз –боҷи давлатӣ (60,6%) ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ (17,2%).
- ноҳияи Рошткалъа аз рӯи ду намуд - андоз аз воситаҳои нақлиёт (92,8%) ва андоз аз даромади шахсони воқеъӣ (90,7%).
- ноҳияи Ишкошим аз рӯи як намуди андоз- андоз аз воситаҳои нақлиёт (60,5%).
- ноҳияи Мурғоб аз рӯи чор намуд – Боҷи давлатӣ (56,0%), андоз аз захираҳои табиии (28,4%), андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ягон маблағ ворид нагардидааст.
- шаҳри Хоруғ аз рӯи як намуди андоз - андоз аз арзиши иловашуда (73,5%);

- ва буҷети худии вилоят аз руи шаш намуди андоз - воридоти ғайриандозӣ (91,6%), андоз аз моликияти ғайриманқул (67,7%), андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (63,9%), андоз аз захираҳои табиии (39.5%), андоз аз арзиши иловашуда (27,0%), ва аксизҳо ягон маблаг ворид нагардидааст, таъмин карда нашуд.

Вобаста ба ҳолати бамиёномада мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикрро зарур аст, ки ҳамкориро бо мақомоти нозироти андоз ва андозсупорандагон дуруст ба роҳ монанда, корҳои фаҳмонда диҳиро дар назди мардум ҷоннок намоянд.

### 3.3. Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ВМКБ 2,0 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба 1 январи соли 2020 -288,9 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Мурғоб +22,6 ҳазор сомонӣ (104,2 ҳазор сомонӣ) ташкил дода, ташвишовар боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар шаҳри Хоруғ -335,5 ҳазор сомонӣ (1,3 млн сомонӣ) ва ноҳияҳои Роштқалъа -559 сомонӣ (40,7 ҳазор сомонӣ), Дарвоз -155,0 ҳазор сомонӣ (16,4 ҳазор сомонӣ), Ишкошим -65,0 ҳазор сомонӣ (5,56 ҳаз. сомонӣ), Ванҷ -29,4 ҳазор сомонӣ (89,5 ҳазор сомонӣ), Рӯшон -4,8 ҳазор сомонӣ (58,9 ҳазор сомонӣ) ва Шуғнон - 4 ҳазор сомонӣ (260,1 ҳазор. сомонӣ) бақияи андоз кам гардидааст, ки натиҷаи чораҳои саривақтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

### 3.4. Мавҷудияти қарзи музди меҳнат

Дар вилоят қарздорӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2020 174,1 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -225,2 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ қарздорӣ аз ҳисоби музди меҳнат вуҷуд надорад.

### 3.5. Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар ҳамин давра оиди сари вақт пардохт намудани музди меҳнати кормандон, суғуртаи иҷтимоӣ, ҷубронпулиҳо ва дигар пардохтҳои ба онҳо баробар чораҳои амалӣ андешида шуда, дар навбати аввал моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ маблағгузорӣ карда шудаанд.

Музди миёнаи меҳнат дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 1268,1 сомонӣ муайян гардида, нисбати ҳамин давраи соли 2019 ба андозаи 287,6 сомонӣ ё 129,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Хоруғ +150 сомонӣ (940,0 сомонӣ) ва ноҳияҳои Дарвоз +155 сомонӣ (1083,83 сомонӣ), Ишкошим +107 сомонӣ (765 сомонӣ), Рӯшон +30 сомонӣ (863,0 сомонӣ), Ванҷ + 18,2 сомонӣ (907,2 сомонӣ), Шуғнон +13 сомонӣ (923,0 сомонӣ), -ро ташкил дода, дар Роштқалъа -+0 (740 сомонӣ) бетағйир боқӣ мондааст.

Ин нишондиҳанда дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб -147,52 сомонӣ (1061,48 сомонӣ)-ро ташкил додааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим ва Рӯшон ба назар расида, барои беҳтар намудани ҳолати иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намудааст.

### 3.6. Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 мувофиқи нақшаи кории Шуъбаи аудити дохилӣ ва назорати Сарраёсати молияи ВМКБ, баҳри хароҷоти мақсадноку шаффофи маблағҳои буҷети ва риояи қатъии интизомии молиявӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ВМКБ аз тарафи мутахассисони шуъба дар 63 идораву муассисаҳои давлатии вилоят санҷишу таҳлилҳо гузаронида шуданд, ки ин ҳамагӣ 70,0%-и нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Натиҷаи супоришҳои аудитӣ дар ин идораву муассисаҳо зарари умумиро ба маблағи 190895 сомонӣ ошкор намуд, ки аз он маблағи 84478 сомонӣ аз ҳисоби пардохти музди меҳнат ва мукофотпулӣ, 1338 сомонӣ аз ҳисоби пардохти беасоси нафақаву кӯмакпулӣ, 9001 сомонӣ аз ҳисоби сафархарҷӣ, 2062 сомонӣ аз ҳисоби аз меъёр зиёд истифода бурдани хароҷоти сӯзишворӣ, 1235 сомонӣ оид ба дигар хароҷотҳои ғайриқонунӣ ва аз меъёр зиёд, дигар хароҷотҳои ғайриқонунӣ, 867 сомонӣ аз ҳисоби камомади маводҳои арзишнок, 432 сомонӣ аз ҳисоби изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ, 10779 сомонӣ талафи воситаҳои пулию молӣ ва 63256 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби андозҳо ташкил медиҳад.

Аз маблағҳои ошкоршудаи зарари молиявӣ ба ҳолати 25 сентябри соли 2020 ба андозаи 70 %, ё ки маблаги 133742 сомонӣ ҷо ба ҷо карда шуда, ҳоло ҷобаҷокунии маблағҳои ғайриқонунӣ хароҷотгардида идома дорад.

Дар самти ташаккул додани маблағҳои буҷетӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ чораҳои заруриро амалӣ намуда, бо дастгирии соҳибкорон се адад корхонаҳои саноатӣ ба нақша гирифта шуда, дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳия ду адад корхона мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд. Инчунин, як адад корхонаи саноатӣ оид ба истихроҷи ангишт ба қайд гирифта шуда, фаъолияташро баъд аз барасмиятдарорӣ соли 2021 оғоз менамояд, ки барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳанд кард.

Инчунин, давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ нозироти андози ноҳияи Рушон мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи кории худ дар 38 корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатию ғайридавлатии амалкунанда санҷиши дуруст ҳисоб намудани андозҳо, пурра ва сари вақт ворид намудани андозҳо ба буҷети маҳаллӣ гузаронидааст. Дар натиҷа маблағи 159,8 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардид.

Дар ноҳияи Рошткалъа бошад, кормандони идораи Нозироти андози ноҳия нисбати 2 шахси хуқуқӣ санҷишҳои камериалӣ гузаронида ба маблағи 57400 сомонӣ маблағҳои иловагӣ дарёфт намуда ба буҷет ворид карда шуд. Ба 11 адад андозсупорандагон барои вайрон намудани қонунгузории андоз огоҳинома дода шуд.

Пешниҳод: Вобаста ба иҷроиши буҷет ва пардохти андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, гарчанде, ки аз тарафи мақомоти молия ва андоз корҳои назаррас ба иҷро расонида шуда бошад ҳам, бояд барои пурра ба даромади буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ворид шудани даромадҳои андозию ғайриандозӣ бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии даромадро таъмин намоянд.

Ба хотири кам кардани сарборӣ аз буҷети ҷумҳурӣ ва зиёд намудани даромадҳои худии вилоят, рушди саноати кӯҳӣ, аз нав гузарондани ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ислоҳоти замин, рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба роҳ мондан зарур аст.

Барои таъмини нақшаи даромади буҷети ноҳияҳои Шуғнон, Мурғоб ва Рошткалъа дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, кам намудани бақияпулиҳои андоз дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Рошткалъа, Дарвозу Ишкошим баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

## 4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 2 ва 21-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. (4.1) Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо, 4.2. (4.2) Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.3) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.4. (4.4, 4.5) {амкори бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.5. (4.6) Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 4.1. (4.1) Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 шумораи умумии соҳибкорон дар вилоят 4597 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ (6323) -1726 нафар ё ин ки 28% кам гаштааст, ки дуруст ба роҳ мондани фазои мусоид

ҷиҳати пешбурди самти мазкур ба миён омадааст.

Дар ин давра 488 соҳибкор тариқи патент ва 46 соҳибкор тариқи шаҳодатнома фаъолиятдошта, фаъолияташонро қатъ намуданд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -6 (1432) нафар ва дар ноҳияҳои Роштқалъа -187 (250) нафар, Шуғнон -124 (221) нафар, Ишкошим -12 (366) нафар ва Мурғоб -14 (414) нафар кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳо ва андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Инчунин, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон +130 (660) нафар, Дарвоз +94 (957) нафар ва Ванҷ +5 (343) нафар ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин ноҳияҳо инъикос менамояд.

Дар вилоят аз шумораи умумии соҳибкорон 2106 нафар соҳибкорзан мебошанд, ки нисбат ба авали соли 2020 (2086 нафар) +20 нафар ё 1,0% зиёд буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ишкошим +38 (150 нафар), Рӯшон +10 (140 нафар), Ванҷ +7 (48 нафар), Мурғоб +1 (68 нафар) зиёд гардида, дар шаҳри Хоруғ +-0 (610) нафар ташкил дода, бетағйир боқӣ мондааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон -58 (36 нафар) Роштқалъа -28 (14 нафар) ва Дарвоз -22 (269 нафар) кам гардидааст, ки корҳо дар самти дастгирии соҳибкорзанон аз ҷониби мақомоти дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо беҳбудиро талаб менамояд.

### 4.2. (4.2) Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати 10 лоиҳаҳои амалишаванда ҳаҷми маблағгузории ҷалбшуда маблағи 130,2 млн сомониро ташкил медиҳад, ки аз он сармояи хориҷӣ 96,1 млн сомонӣ (73,8%) сармояи дохилӣ маблағи 10,9 млн сомонӣ (8,3%) ва сармояи мустақил маблағи 23,1 млн сомонӣ (17,7 %) мебошад.

Шумораи лоиҳаҳо ва ҳаҷми маблағгузории ҷалбшуда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 76 адад (58403,9 ҳазор сомонӣ), Ванҷ 22 адад (12887,9 ҳазор сомонӣ), Хоруғ 6 адад (2340,1 ҳазор сомонӣ), Шуғнон 3 адад (330 ҳазор доллари ИМА) ва Мурғоб 2 адад (274,7 ҳазор сомонӣ) амалӣ гардида истодааст.

Аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим ва Роштқалъа доир ба зербанди мазкур маълумоти муфассал омода карда нашудааст, ки барои гузаронидани таҳлил мушкилӣ эҷод намуд.

### 4.3. (4.3) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

### 4.3. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ (бандҳои 2 ва 21-и паём)

Дар вилоят дар моҳи августи соли 2020 вохурии соҳибкорони вилояти Суғд бо соҳибкорони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баргузор гардида, дар он байни намояндагони Палатаи савдои вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон созишнома вобаста ба ҳамкории дуҷониба ба имзо расид.

Ҳамзвамон дар ноҳияи Шуғнон ҷиҳати мукаммал намудани номгӯи техника ва таҷҳизоти муосир барои зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда, таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҳои назаррас андешида шуда, дар ноҳия 4 коргоҳи коркарди чубу тахта, 5 коргоҳи блокбарорӣ, коргоҳҳои қаннодӣ, коркарди мева ва сабзавот, коркарди хишт, 2 коргоҳи коркарди тунука, коргоҳҳои коркарди қум ва рег, тайёркунии бетон, тайёркунии мум (асфалт), тайёркунии дару тиреза, корхонаи коркарди ғалла ва инчунини дигар фабрикаи «Лаъл», як адад корхонаи истеҳсоли мебел, як корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (мехбарорӣ) бо истифода аз техника ва таҷҳизоти ба худ хосашон кору фаъолият намуда, маҳсулоти дорои сифати баланд доштаро истеҳсол менамоянд.

Идораи нозироти андози ноҳияи Рушон дар якҷоягӣ бо бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ, тавсияи корҳои фаҳмондадиҳӣ ба соҳибкорон тавассути гузаронидани семинар – машваратҳо ҷиҳати баланд бардоштани маърифати андозсупорӣ,таҳияи бизнеспланҳо гузаронида шуданд.

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон, омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ ҳамкориро бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба роҳ монда, дар ин давраи ҳисоботӣ бо дастгирии Ташкилоти Ҷамъиятии Байналмилалии Хайриявии “Ҷовид” бо ҷалби соҳибкорон 4 маротиба курсҳои омӯзиши доир намуда, дар ин курсҳо дар маҷмӯъ 180 нафар соҳибкорон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд ва дар оянда низ ин иқдом идома дода мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатхи касбияти соҳибкорон ва омода намудани лоиҳаҳо ноҳияи Роштқалъа дар ҳамкорӣ бо Маркази рушди сохибкории Фонди Хазинаи Оғохон дар ВМКБ курсхои омузишӣ бо ҷалби бештари ҷавонон дар маркази ҷамоатҳои дехот гузаронда шуданд. Дар баробари ин чунин курсҳо аз тарафи Фонди ҷамъиятии “Соҳибкорӣ ва рушд” дар шаҳри Хоруғ низ гузаронида шуда, соҳибкорони муваффақ баъди хатми чунин курсҳо сазовори қарзҳои имтиёзнок бо фоизҳои паст мешаванд.

Вобаста ба банди мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Бояд қайд намуд, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Мурғоб ва Дарвоз нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

**4.4. (4.4, 4.5) Ҳамкори бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ**

**4.4 Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда**

Баҳри инкишофи шарикии давлат ва дастгирии бахши хусусӣ, инчунин барои ривоҷу равнақ додани соҳаи соҳибкорӣ бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон филиали Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» - и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шуда, барои таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои бизнесӣ барои соҳибкорон кумак ва дастгирӣ менамояд. Аз ҷониби соҳибкорон ба муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» - и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ дар давоми нимсолаи якуми соли 2020, 8 адад лоиҳа барои сармоягузорӣ бо маблағи 6100,0 ҳазор сомонӣ пешниҳод карда шудааст, ки нисбати семоҳаи аввали соли ҷорӣ +3 адад лоиҳа зиёд мебошад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа ҷиҳати ҳамкорӣ намудан бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 адад лоиҳа дар самти кишоварзӣ ва чорводориро омода намуда, дар арафаи пешниҳод ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон қарор дорад.

Дар шаҳри Хоруғ барои дастгирии молиявӣ ба “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми шаш моҳаи якуми соли 2020 3 адад лоиҳа пешниҳод гардидааст, ки ин нисбати соли гузашта 2 адад зиёд мебошад. Лоиҳаҳои амалишуда бошанд, 13 ададро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3 адад кам гардидааст.

Ҳамзамон, ба “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи соҳибкорони ноҳияи Мурғоб 15 адад лоиҳа дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки мавриди баррасӣ қарор дорад.

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим дар давраи ҳисоботӣ ягон адад лоиҳа ба “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи соҳибкорони ноҳия ҷиҳати гирифтани маблағҳои қарзӣ пешниҳод нагардидааст.

Инчунин, дар нуҳ моҳи соли 2020 аз тарафи соҳибкорони ноҳияи Шуғнон 7 адад лоиҳаҳои бизнесӣ ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳия ва барои дастгирӣ пешниҳод карда шуданд.

Бояд зикр намуд, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб бетағйир боқӣ мондааст.

## 4.5 Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 барои 346 соҳибкорон аз тарафи бонкҳои дар вилоят амалкунанда ба маблағи 16183,4 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбати аввали соли 2020 ба маблағи -5162,4 ҳазор сомонӣ ё 31,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки барои рушди самти мазкур монеаҳо ба миён овардааст.

Дастрасии соҳибкорон ба маблағи қарзи бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ +636,5 ҳазор сомонӣ (ҳамагӣ 846,5 ҳазор сомонӣ) ва дар ноҳияҳои Шуғнон +1625,8 ҳаз. сомонӣ (4507,2 ҳаз. сомонӣ), Роштқалъа +1468,9 ҳаз. сомонӣ (3381,3 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон +1215,3 ҳаз. сомонӣ (6073,7 ҳаз. сомонӣ) ва Мурғоб +77,7 ҳазор сомонӣ (ҳамагӣ 4776,4 ҳаз. сомонӣ), зиёд гардидааст, ки аз пешрафти фаъолияти соҳаҳои мазкур дарак дода, дуруст ба роҳ мондани ҳамкории соҳибкорон ва марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -1562,0 хаз. сомнӣ (488,000 ҳаз. сомонӣ), Ишкошим -767,195 ҳаз. сомонӣ (769,0 ҳаз. сомонӣ) ва Ванҷ – 438,000 ҳаз. сомонӣ (478,000 ҳаз. сомонӣ) нисбати аввади соли ҷорӣ кам гаштааст, ки ба пешрафти соҳаи мазкур ва ҳамкории судманд таъсири манфӣ мерасонад.

## 4.5. (4.6) Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Бо таъсис додани минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим”, ҳамасола бизнес форумҳо, ҳамоишҳо ва дигар чорабиниҳои сармоягузорӣ баргузор шуда истодаанд, мутассифона то ба имруз ягон лоиҳаи сармоягузориро дар минтақа амалӣ нагардидааст. Шартҳои асосии сармоягузорон ин амнияти комили сармоя, коммуникатсияи ҷавобгӯ ба талабот (минҷумла роҳҳо), сатҳи лозимии иншоотҳои хизматрасонӣ (меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои хӯроки умум), дастрасӣ доштан ба бозори истеъмолӣ ва ғайраҳо, ки мутаасифона имрӯз чунин шароит дар ноҳияи Ишкошим арзи вуҷуд надорад ва сармоягузорон аз ҳамкорӣ бо маъмурияти минтақа худдорӣ карда истодаанд.

Таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои Тоҷикистон падидаи нав мебошад ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш доимо қайд менамоянд, ки барои рушди минтақаҳо ҳаматарафа мусоидат карда шавад. Инчунин, мувофиқи банди 26 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷаласаи Ҳукумати мамлакат оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли 2019 баён гардидаанд, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва маъмурияти минтақа супориш дода шуда буд, ки фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” тавассути ҷалби сармоягузориҳо ҷоннок карда шавад.

Манзури мо ин аст, ки имкониятҳои дигар манотиқҳои вилоят минҷумла маркази маъмурии он шаҳри Хоруғ бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода шавад. Инфрасохтори нисбатан рушдёфтаи шаҳри Хоруғ имрӯз барои соҳибкорони вилоят диққатҷалбкунанда мебошад ва онҳо кӯшиш карда истодаанд, ки фаъолияти соҳибкориро маҳз дар шаҳри Хоруғ ба роҳ монанд.

Дар воқеъияти имрӯза ҷалби сармоягузориҳо ба минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим кори басо душвор мебошад ва маҳз аз ҳамин лиҳоз дар асоси банди якуми моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ", бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо ва ба кор андохтани корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар шаҳри Хоруғ қитъаи алоҳидаи минтақаи озоди иқтисодии "Ишкошим" таъсис дода шавад. Масъалаи мазкур бо ҷалби мутахассисон ҳаматарафа мавриди таҳлил қарор дода шуд ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод гардид.

Дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Мурғоб, Роштқалъа ва Шуғнон минтақаи озоди иқтисодӣ ва истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда мавҷуд набуда, вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳияҳо кор бурда истодаанд.

Роҷеъ ба банди мазкур дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рӯшон маълумот пешниҳод нагардида, малумотҳои пешниҳоднамудаи боқимонда ноҳияҳо бетағйи боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он барои ҳалли масъалаҳои фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорон, рафти ҷалби сармоя ҷиҳати ташкили инфрасохтор ва дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ба ҳамкориҳо тавқият бахшанд.

Ҷиҳати баланд бардоштани имкониятҳои молиявии буҷети маҳаллии вилоят ва нигоҳдории сохтор ва воҳидҳои кории бахши муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" дар ВМКБ диққати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷалб карда шаванд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (банди 2, 4, 10 ва 20-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Амалигардонии занҷири "ашёи хом- истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ" бозори фуруш бо мақсади рушди соҳаи саноат, 5.3.**

**Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. Баланд бардоштани диверсификатсии саноати коркарди консентрати маъдан, 5.5 Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ меваю сабзавот, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар 9 моҳи соли 2020 корхона ва коргоҳҳои саноатии вилоят тибқи ҳисоботҳои оморӣ ба маблағи 126,6 млн. сомонӣ маҳсулот ва хизматрасониро ба иҷро расонидаанд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба микдори 8,9 млн сомонӣ ё 6,6 фоиз камтар мебошад. Ба ғайр ноҳияи Дарвоз (126,5 фоиз) дигар ноҳияҳо ва шаҳри Хоруғ нисбати ҳамин давраи соли гузашта камтар маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта дар ноҳияҳои Ишкошим 175,0% (4,2 млн. сомонӣ), Дарвоз 126,5% (ҳамагӣ 38,5 млн. сомонӣ) ва шаҳри Хоруғ 100,9% (12,4 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки ба рушди устувори саноат замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 86,0% (36,4 млн. сомонӣ), Ванҷ 86,3% (5,4 млн. сомонӣ), Рӯшон 69,6% (4,8 млн. сомонӣ), Мурғоб 30,6% (1,6 млн. сомонӣ) ва Роштқалъа 40% (1,0 млн. сомонӣ) кам мебошад, ки барои бартараф намудани ҳолати бамиёномада бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 таносуби маблағи соҳаи саноат нисбат ба соҳаи кишоварзӣ ноҳияи Дарвоз 116,7%, -ро ташкил дода, барои таъмини рушди индустриалӣ ва аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 67,6%, Ишкошим 11,8%, Рӯшон 11,0%, Ванҷ 10,9%, Мурғоб 6,7% ва Роштқалъа 3,6% рост омада, барои расидан ба ҳадафи стратегии миллӣ, мушкилот бартараф карда шуда, ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ - аграрӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав тадбирҳо андешида шаванд.

### 5.2. Амалигардонии занҷири “ашёи хом- истеҳсоли маҳсулоти ниҳои бозори фуруш” бо мақсади рушди соҳаи саноат

Яке аз содироткунандаи беҳтарини вилоят ин ҶСК “Помирэнерҷӣ” ба ҳисоб меравад, ки баркро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот менамояд. Дар нуҳ моҳи соли 2020 ба миқдори 4 млн 136,5 ҳазор кВт қувваи барқ ба маблағи 1525,6 ҳазор сомонӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот карда шудааст.

Вобаста ба талаботи бозори ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза дар вилоят маҳсулоти афзалиятноки кишоварзии ба содирот нигаронидашуда, ин маҳсулоти боғпарварӣ (меваи хушк) ва истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот ба ҳисоб мераванд. Дар вилоят корхонаи хурди коркарди меваи

хушк фаъолият дошта, маҳсулотро банду баст карда ба фурӯш ва ба хориҷи кишвар содирот намуда истодааст. Корхонаи хурди коркарди меваи хушк ҶДММ “Тути Помир” ба маблағи 153,5 ҳазор сомонӣ меваи хушкро банду баст карда, ба фурӯш баровардаанд.

Дар ноҳияи Дарвоз маҳсулоти боғдорӣ аз қабили анор ва анҷир ва дар ноҳияи Ванҷ бошад чормағз берун аз вилоят ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда шуда истодааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҶДММ «Шири Кӯҳистон» ягона корхонаи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ҳисоб рафта, айни замон зиёда аз 9 намуди маҳсулоти шириро истеҳсол ва пешкаши харидорон менамояд.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як шабонарӯз коркарди аз 5 то 7 тонна маҳсулоти ширӣ мебошад. Вале, айни ҳол, корхона дар як шабонарӯз зиёда аз 300 литр маҳсулоти ширӣ истеҳсол менамояд. Чунки талаботи асосии аҳолии шаҳрро бозори шаҳрӣ аз шир таъмин менамояд.

Мувофиқи Нақша-чорабиниҳои комиссияи доимамалкунанда оид ба такмили истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содироти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон рейдҳои муштаракро дар мағозаҳои шахсӣ оид ба молу маҳсулоти ба саломатии инсон зараровар ба ноҳия воридшуда ва дар ин замина пурзӯр намудани тарғибу ташвиқи маҳсулоти ватанӣ гузаронида, дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ярмарка ва намоишҳои маҳсулоти ватанӣ ташкил карда шуд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби масъулини соҳа вобаста ба банди мазкур маълумоти нав пешниҳод нагардидааст, ки нисбати семоҳаи аввали соли 2020 бетағйир боқӣ мондааст.

Доир ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб ва Ишкошим маълумоти умумӣ дода шуда, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ ва Рӯшон маълумот умуман пешниҳод нагардидааст.

## 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ (банди 10 паём)

Дар вилоят ба ҳолати ҳозира 210 адад корхона ва коргоҳои истеҳсоли мавҷуд буда, аз онҳо 47 адад ба таври расмӣ ва 163 ба тариқи тадқиқот ба қайд гирифта шудаанд.

Аз 47 адад корхонаи ба таври расмӣ ба қайд гирифташуда, дар вилоят 8 корхона ва коргоҳи саноатӣ нисбатан калон дар ду соли охир фаъолият накарданд, ки аз инҳо дар шаҳри Хоруғ- сехи коркарди сангҳои ороишии ҶДММ “Зари Помир”, ҶДММ “Ширкати маҳсулоти хуроки кӯҳӣ”, ноҳияи Дарвоз -корхонаи коркарди ангишти “ВТИ -Помир”, корхонаи дӯзандагии “Ахтари меҳр”, ноҳияи Ванҷ--ҶДММ “Мрамор Стоун” (сехи коркарди санги мармар), ҶДММ “Истиқлол” ва дар ноҳияи Рӯшон -–коргоҳи коркарди обҳои минералии ҶДММ “Помир асри 21” ва дар ноҳияи Мурғоб ҶДММ “С.А. Минералз”мебошанд.

Сабаби асосии аз фаъолият бозмондани корхонаҳо ва коргоҳҳои мазкур ин надошатани иҷозатнома, мутахассисони соҳа, фарсуда гардидани таҷҳизот, надоштани маблағи гардон, дастрас нагардидани ашёи хом, муфлис гардидани соҳибкор ва набудани бозори фурӯши маҳсулот арзёбӣ мегардад.

Дар шаҳри Хоруғ 50 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ фаъолият дошта, аз онҳо 20 адад дар ҳисоботи расмии оморӣ ва 30 адад ба тариқи тадқиқот ба ҳисоб гирифта шуданд.

Таъсиси коргоҳҳо ва корхонаҳои нави саноатӣ муҳим буда, иҷрои корҳои сохтмонӣ дар коргоҳи коркарди тут ва меваи хушк дар деҳаи Барушони ноҳияи Рӯшон ба анҷом расонида шуда маблағи 90,0 ҳазор сомонӣ аз худ карда шудааст. Соҳибкор Чоршанбиева Ҳ. дар шароити хона истеҳсоли намадҳои хурд, ҷуроб ва коркарди пашмро ба роҳ монда, вобаста ба мавҷудияти мавод аз 5 то 10 нафар занони хонанишинро ба кор ҷалб намудааст.

Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 19 августи соли ҷорӣ ба ноҳияи Дарвоз дар натиҷа ду корхонаи нави саноатӣ аз ҷумла, ҶДММ «Карон-калсит» ва ҶДММ «Парки инноватсионию технологии ноҳияи Дарвоз» мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати ба роҳ мондани истифодаи кони ангишти “Равноб”-и ноҳияи Дарвоз маълум менамоем, ки бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкати “Талко” дар ноҳия як корхонаи навро таъсис дода, аллакай техника ва 8 нафар мутахассисон ба кор шуруъ намуданд. Дар нақша ҳаст, ки барои зимистони имсола ангишт пурра аз ин кон харидорӣ карда мешавад.

Дар соли равон дар ноҳияи Ишкошим низ сохта ва ба истифода додани як адад коргоҳои саноатӣ, аз қабили коргоҳи коркарди маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ бо таъсис додани 8 адад ҷойҳои корӣ ба нақша гирифта шуда, алҳол ин коргоҳ дар арафаи анҷомёбӣ мебошад.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ҳудуди ноҳия корхонаҳои ба фаъолият оғоз намуда ва аз фаъолият бозмонда ба қайд гирифта нашудаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки аксари маълумотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят такроран ирсол гардида, бетағйир боқӣ мондаанд.

### 5.4. Рафти сохтмони корхонаҳои коркарди консентрати маъдан ва таъмини коркарди консентрати маъдан дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор

Дар ҳудуди вилоят 12 адад - конҳо, 54 адад – зуҳуроти маъдан бо 24 намуди канданиҳои фоиданок аз ҷумла, конҳои ангишт, зуҳуроти ояндадори оҳан, манган, мис, тилло, қалъагӣ, волфрам, ашёи гилхоки алюминийдор, хок барои истеҳсоли хишт, семент, зуҳуроти ояндадори нуқра ва кони калонтарини ашёи боросиликат, намак, молибден, висмут, асбест, ашё

барои истеҳсоли оҳаксанг ва хоки омехтаи регу қум барои истеҳсоли шиша муайян шудаанд.

Инчунин, аз рӯи маълумоти мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 200 зуҳуроти канданиҳои фойданок ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2018 корхонаи истеҳсоли нуқра "С.А Минералз" дар ноҳияи Мурғоб ифттитоҳ гардида, дар он зиёда аз 100 нафар шаҳрвандони Тоҷикистонро ба кор ҷалб намуд. Вале бе ягон таҳлили чузъии ин кон, корхона ва шароити маҳдуди ноҳияи Мурғоб берун баровардани ашёи хоми ватанӣ манъ карда шуд, ки ин ба фаъолияти минбаъдаи корхонаи номбурда таъсири манфӣ гузошт. Ҷиҳати мавсимӣ будани кор дар кони нуқра ( аз май то ноябр), талабот ба технологияи муосири коркарди консентрат (дар таркиби он ба ғайр аз нуқра боз чор элементи дигар ҳастанд), набудани барқ, об, инфрасохтори зарурӣ ва амсоли инҳо имкон намедиҳанд, ки коркарди ниҳоии маҳсулот ба роҳ монда шавад. Имсол аз сабаби сар задани касалии «COVID - 19» ва маҳкам гардидани сарҳад байни Чину Тоҷикистон корхона аз фаъолият бозмонд.

Дар айни ҳол тибқи ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корхонаи коркарди консентрати маъдан вуҷуд надорад.

### 5.5. Ба коркард фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст

Дар вилоят ҶДММ "Памир Тревел"-и шаҳри Хоруғ, ҶДММ "Тути Помир"- ноҳияи Шуғнон, ҶДММ "Зиёратшо"-и ноҳияи Ванҷ ва ҶДММ "Нури Умед"-и ноҳияи Рушон меваи хушкро банду баст намуда, бозори маҳалиро бо маҳсулоти хушсифат ва нисбатан арзон таъмин намуда истодаанд. Инчунин, корхонаҳои коркарди меваи хушки ҶДММ "Памир Тревел"-и шаҳри Хоруғ ва ҶДММ "Тути Помир"- ноҳияи Шуғнон маҳсулоти истеҳсолгардидаро ба хориҷи кишвар низ содирот менамоянд. Корхонаҳои коркарди мева ва сабзавоти вилоят дар маҷмӯъ дар 9 моҳи соли 2020 ба маблағи 431,6 ҳазор сомонӣ маҳсулотро истеҳсол намуданд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорони ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда бизнес лоиҳаҳо, нақшаҳо ҷиҳати ташкили корхонаҳои коркарди мева ва сабзавот, воридоти технологияҳои ҳозиразамон ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тартиб дода шуда, ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

Корхонаи дӯзандагии Агентии таъминоти махсуси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ба дӯхти либосҳо, кӯрпаву болинҳо ва дӯхти либосҳои ҳарбӣ машғул аст. Инчунин, дар шаҳри Хоруғ 12 нуқтаҳои дӯзандагӣ кору фаъолият карда истодаанд.

Дар ноҳия Рушон 1 коргоҳи хурди коркарди мева ва як нуқтаи коркарди меваи хушк фаъолият доранд. Коргоҳи хурди коркарди меваи хушк ҶДММ "Нури-Умед" дар 9 моҳи соли равон фаъолият накард. Нуқтаи

коркарди меваи хушки соҳибкор Давлатмамадова Никбахтсултон ба маблағи 10,0 ҳазор сомонӣ маҳсулоташро пешкаши харидорон намуд.

Дар Ҷамоати деҳоти Бартанг соҳибкор Чоршанбиева Ҳ барномаи бузпарвариро дар деҳаи Даржомч ташкил намуда, айни ҳол аз вилояти Суғд 21 сар бузи маҳинпашмро дастрас намуда, барои рушд намудани фаъолияти минбаъда пашми онҳоро ҳамчун ашёи хом истифода мебарад. Шаҳрванд Қурбонмамадов Н аз ҷониби БҶИИМК-и хазинаи Оғохон маблағи 22,0 ҳазор сомонӣ дастгирӣ ёфта, асосан ба дуредгарӣ машғул буда, асбобҳои мусиқӣ тайёр карда ба фурӯш мебарорад. Дар деҳаи Спонҷ бо маблағгузории ташкилоти ҷамъияти "Умедвор" ташкил намудани кооперативи истеҳсоли меваю сабзавот бароҳ монда шудааст. Кооператив дар ососи шартномаи тарафайн маҳсулоти истеҳсолшударо дар бозори шаҳри Хоруғ ба фурӯш мебарорад.

Бояд қайд намуд, ки дар хоҷагиҳои шахсӣ тавассути истеҳсоли пашм ва мӯйи буз 600 адад ҷӯроб, 7 адад намад ва 650 адад пушока тайёр карда шуда, зиёда аз 450 адад тоқиҳои помирӣ дӯхта шудаанд.

Дар ноҳияи Ванҷ корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои ширӣ, нушокиҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон оид ба таҳияи нақшаи тиҷоратҳо барои таъсиси корхонаҳои номбурада идома дорад.

Дар ноҳия Рошткалъа ду коргоҳи дӯзандагӣ аз тарафи раиси ноҳия барои таҷрибаомӯзӣ, ба роҳ мондани духти либоси мактабӣ ва ба намоиш гузоштани он дар маҷмӯъ ба маблағи 2600 сомонӣ дастгирӣ ёфтанд. Айни ҳол оиди ин масъала бо соҳибкорон кор рафта истодааст.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнон, Дарвоз, Мурғоб ва Ишкошим роҷеъ ба банди мазкур маълумотҳои пешниҳодгардида, нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мебошад.

### 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ

Дар вилоят корхонаи дӯзандагии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва корхонаи дӯзандагии «Кохи Бонувон» дар ноҳияи Дарвоз фаъолият доранд, ки ба дӯхти либоси мактабӣ машғул мебошанд.

Соли ҷорӣ сехи дӯзандагии "Памир фабрик"-и шаҳри Хоруғ бо 45 ҷои корӣ сохта шуда, дар моҳи августи соли ҷорӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Инчунин дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар чараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Рошткалъа, Мурғоб ва шаҳри Хоруғи Вилояти Мӯхтори Кӯҳистони Бадахшон аз 11 то 15 сентябри соли 2018 баён доштанд, дар ноҳияи Рошткалъа корхонаи дузандагӣ бо 100 ҷойи нави корӣ ба маблағи зиёда аз 5971,03 ҳазор сомонӣ сохта шуда, таҷҳизотҳои зарурӣ дастрас гардиданд. Ҷиҳати таъмин набудан

бо мутахассисони ихтисоснок корхона то ҳоло ба кор шурӯъ накардааст ва мувофиқи нақша дар семоҳаи чоруми соли ҷорӣ ба шаҳри Душанбе (ҶДММ “ИИ нассоҷии тоҷик”) 10 нафар занон барои бозомӯзӣ фиристонда шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки зимни сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз корхонаи дӯзандагии “Ахтари меҳр” бо 50 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Мутаасифона бо сабабҳои нарасидани мутахассисон, надоштани маблағи гардон ва ашёи хом, корхона аз фаъолият бозмонд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар вилоят 314 муассисаи таҳсилоти умумӣ мавҷуд буда, шумораи толибилмон 38123 нафар мебошад. Нисбати соли 2019 таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят бо либоси мактабӣ беҳтар ба роҳ монда шуд ва дохилшавии либоси мактабӣ аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ кам гардид.

Ҳамзамон, вобаста ба рушди соҳаи қолинбофии дастӣ қайд кардан зарур аст, ки дар корхонаи дӯзандагии “Коҳи Бонувон”-и ноҳияи Дарвоз 4 дастгоҳи қолинбофӣ фаъолият намуда истодаанд.

Инчунин, дар ноҳияи Мурғоб аз тарафи соҳибкор Абдураҳмонова Б. дар ҷамоати деҳоти Қарақул ва Турғунбаева Ф. дар ҷамоати деҳоти Ғ.Бердибаев фаъолиятро дар ин самт (духти дастии палосҳои маҳалӣ ва қолинҳо) ба роҳ монда истодаанд.

Ба ҳолати моҳи октябри соли 2020 дар ноҳияи Рушон се сех ва 5 нуқтаи дузандагӣ фаъолият доранд. Аммо аз сабаби мавҷуд набудани мутахассис ва маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ дар ин коргоҳҳо духти либоси мактабӣ то ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст.

Дар ноҳияи Ванҷ соли равон, ҷиҳати таъмин намудани хонандагон бо либосҳои мактабӣ бо сехҳои дӯзандагии дар ноҳия мавҷудбуда ва сехи дӯзандагии “Меҳри Модар”-и ноҳияи Дарвоз шартномаи тарафайн баста мешавад.

Дар ноҳияи Дарвоз имрӯз ду адад корхонаи атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехи духти либосҳои мактабӣ мавҷуд буда, дар давраи хисоботӣ танҳо ҶДММ “Кохи бонувон” кору фаъолият намудаасту халос. ҶДММ “Кохи бонувон” дар ин давра ба маблағи 538,3 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 171,1 ҳазор сомонӣ зиёдтар мебошад.

Дар ноҳияи Ишкоши нуқтаи атласу адрасбофии дастӣ аз тарафи маркази таълими калонсолон таъсис дада шуда, алҳол фаъолият намуда истодааст, аммо корхонаи қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ ҳанӯз бо сабабҳои дарёфт нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ таъсис дода нашудаанд. Дар самти ташкил намудани сехи дӯхти либоси мактабӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамкорӣ бо соҳибкорзан Вафобекова Гулрӯ лоиҳаи сармоягузорӣ таҳия гардида, ҷиҳати гирифтани гранти Президентӣ ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки бо дастгирӣ

ёфтани лоиҳаи мазкур дар маркази ноҳия корхонаи духти либосҳои мактабӣ ташкил карда мешавад.

Мутаасифона дар ноҳияи Мурғоб корхонаҳои дастии атласу адрасбофи вуҷуд надорад. Сехҳои қолинбофӣ ва духти либосҳои мактабӣ дар давраи ҳисоботи кору фаъолият накарданд.

Ёдовар бояд шуд, ки маълумотҳои пешниҳодгардидаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Мурғоб, Ишкошим ва Рошткалъа такроран аз ҳисоботи пешина омадааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро ҷиҳати ба кор андохтани 8 адад корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат, лоиҳаҳои ба Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида ва баланд бардоштани дараҷаи маҳсулоти кишоварзӣ пурзӯр намуда, ҷиҳати иҷрои супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба фаъолияти сехҳои дӯзандагӣ ва таъмини онҳо бо мутахассисони касбӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҳамкориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалигардонии Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта аз ҷумла ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда чораҳои зарурӣ андешанд.

## 6. Рушди соҳаи энергетика
## (банди 10-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ, 6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф, арзёби гардиданд**

### 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ
### (банди 24-и паём)

Ширкати "Помир Энерҷӣ" фаъолияти худро дар асоси нуктаҳо ва супоришое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

бармеоянд, ба роҳ монда, дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020, диққати асосиро ба таъмини аҳолии вилоят бо қувваи барқ равона намуда, дар ин самт корҳои назаррасро ба анҷом расонид.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 барои дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштан, баланд бардоштани эътимодияти кори шабакаҳои барқӣ ва паст кардани талафотҳои техникӣ дар ҳудуди вилоят дар зеристгоҳҳои 35-10кВ-и “Бизмич”-и шаҳри Хоруғ, “Рӯшон” ва “Рованд”-и ноҳияи Рӯшон, “Бунӣ”, “Поршинев”, “Навобод” ва “Нишусп”-и ноҳияи Шуғнон, “Язгулом” ва “Мотравн”-и ноҳияи Ванҷ, “Роштқалъа”-и ноҳияи Роштқалъа, “Ишкошим”-и ноҳияи Ишкошим ва трансформатори 35-10кВт ”Сари Рег” корҳои зарурии таъмирӣ гузаронда шуд.

Инчунин, барои баланд бардоштани эътимодияти фаъолияти шабакаҳои тақсимкунанда ва паст кардани талафоти техникӣ то моҳи майи соли 2020 ҳамагӣ 28 адад зеристгоҳи 10-0,4кВт ва 27,39км ХИБ 10-0,4кВт аз таъмири асосӣ, 122 адад зеристгоҳҳо ва 46,46км ХИБ-и 10-0,4кВт аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, қад - қади хатҳои интиқоли барқ ба масофаи 130,4 км аз шохаҳои дарахтон тоза карда шуд.

Дар деҳаи Шошбувад-и ноҳияи Роштқалъа 1 адад зеристгоҳ бо тавоноии 50 кВ ва зеристгоҳи иловагӣ дар Учқалъа 100 кВ, дар деҳаи Баррӯшон, Дашт, Спонҷ ва Шпати ноҳияи Рӯшон 4 адад зеристгоҳ бо тавоноии 63,40 , 630кВт, дар деҳаи Роғ, Дашти Зонг, Пунишор-и н.Дарвоз 3 адад зеристгоҳ бо тавоноии 160, 63, 100 кВт бо сабаби бори кам доштан ва пайваст шудани муштариёни нав ба трансформаторҳои иқтидорашон мувофиқ иваз карда шуданд.

Дар ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Рӯшон, Дарвоз, Роштқалъа ва шаҳри Хоруғ симчӯбҳо ба миқдори 201 дона аз нав шинонда шуданд.

Бояд зикр намуд, ки маълумотҳои дарҷшудаи шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ такрор мебошад.

### 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ

Дар нӯҳ моҳаи соли 2020 қарзи умумии истифодаи қувваи барқ дар ВМКБ ба 7106,8 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ +2,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қарзи мавҷудбудаи истифодаи қувваи барқ дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар шаҳри Хоруғ 7,3 млн. сомонӣ (+1,4 млн. сомонӣ) ва ноҳияҳои Шуғнон 1,1 млн. сомонӣ (+ 586,9 ҳаз. сомонӣ), Ванҷ 440,3 ҳаз. сомонӣ (+293,7 ҳаз. сомонӣ), Роштқалъа 44,5 ҳаз. сомонӣ (+2,5 ҳаз. сомонӣ), Ишкошим 36,6 ҳаз. сомонӣ (19,8 ҳаз. сомонӣ)- ро ташкил додааст, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли ҷорӣ зиёд гардида, пурзур намудани фаъолиятро дар ин самт талаб менамояд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз 227,4 ҳаз. сомонӣ (-346,4 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон 163,9 ҳаз. сомонӣ (-124,2 ҳаз. сомонӣ) ва Мурғоб 3,9 ҳаз.сомонӣ (-16 ҳаз. сомонӣ) кам гаштааст, ки самаранокии фаъолиятро дар ин самт инъикос менамояд.

Ба ҳолати охири моҳи сентябри соли 2020 қарздории дебитории корхонаҳои буҷавӣ дар маҷмӯъ маблағи 735,7 ҳаз. сомонӣ, аз ҷумла Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 93,7 ҳаз.сомонӣ, қисмҳои ҳарбӣ дар ВМКБ – 560,8 ҳаз. сомониро ташкил дод.

Қайд кардан лозим аст, ки давоми солҳои гузашта вуҷуд доштан ва бартараф нашудани қарздорӣ аз ҳисоби истифодаи қувваи барқ дар Корхонаи фаръии обу корези шаҳри Хоруғ яке аз масъалаҳои мубрам дар назди Ширкати “Помир Энерҷӣ” ба ҳисоб рафта, мутаассифона ин қарздорӣ дар давраи ҳисоботӣ ба 2,4 млн. сомонӣ расидааст.

Қарздории қувваи барқ дар ноҳияи Рушон аз тарафи муштариён дар 9 моҳи соли равон ба маблағи 163,9 ҳазор сомонӣ ба назар расида, аз ҳисоби ташкилотҳои буҷавӣ 136,2 ҳазор сомонӣ, ғайридавлатӣ 13,5 ҳазор сомонӣ ва аҳолӣ 14,2 ҳазор сомонӣ ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Мурғоб бошад дар давраи ҳисобот 3088 кВт.соат қуваи барқ истеҳсол карда шуда, ба маблағи 922,8 ҳазор сомонӣ ворид гардида, қарзи дебитори ба ҳолати 1-уми октябри соли 2020 3910 сомониро ташкил медиҳад.

### 6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар вилоят таъминоти муштариёнро бо таҷҳизоти замонавии ченкунии сарфиёти барқ зери назорати қатъӣ қарор дода, дар миқёси вилоят 35621 адад ҳисобкунакҳои нави электронӣ васл шудаанд, ки нисбат аввали соли 2020 -339 кам гардидааст.

Дар ин давра ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбати аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ +739 адад (8471 адад) ва ноҳияҳои Ишкошим +71 адад (4797), Ванҷ +69 адад (3972 адад), Роштқалъа +37 адад (4201 адад) ва Рӯшон +24 адад (4610 адад) зиёд шудааст, ки барои таъмини нишондоди рушди энергетика замина гузошта истодааст.

Ин нишондодҳо дар ноҳияҳои Мурғоб -179 адад (1364 адад) ва Шуғнон -57 адад (7379 адад) нисбати аввали соли ҷорӣ кам гардидааст.

Боиси қайд аст, ки дар вилоят 100% муштариён, шаҳри Хоруғ 100%, ноҳияҳои Дарвоз 100%, Роштқалъа 100%, Ишкошим 100%, Ванҷ 99% ва Рӯшон 95% бо ҳисобкунакҳои электронӣ таъмин мебошанд, ки дақиқ баҳисобгирии истифодаи қувваи барқ ба роҳ монда шудааст, ки заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шудааст.

Дар давраи ҳисоботи фоизи талафоти қувваи барқ дар миқёси вилоят ба 8,45% баробар шуд, ки ин назар ба аввали соли 2020 (10,52%) ба андозаи -1,5% камтар мебошад.

Нишондиҳандаи талафоти барқ дар ноҳияҳои Роштқалъа 9% (-0,01%), Рӯшон 8,4% (-0,2%), Ишкошим 7,8% (-0,6%) ва Ванҷ 7,52% (-1,11%)-ро ташкил додааст, ки барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба назар расида, нишондиҳандаи пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 9% (+2,45%) ва ноҳияи Шуғнон 10,7% (+0,73%) талафоти барқ нисбати аввали соли ҷорӣ зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои зарурии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ талаб мекунад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Мурғоб 7% ва Дарвоз 8%-ро ташкил дода, нисбати аввали соли ҷорӣ ин нишондиҳанда бетағйир боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазоратҳои энергетика ва захираҳои об ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСП "Помир энерҷӣ" ҷиҳати кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва қарзи умумии он аз ҷониби сохторҳои қудратӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва шахсони воқеӣ чораҳои мушаххас андешанд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ (банди 38, 39, 40 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1.(7.1, 7.11) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.2, 7.9) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.3, 7.4, 7.5, 7.6, 7.7, 7.8) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4 (7.10) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1. (7.1, 7.11) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Дар нӯҳмоҳаи соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 291638 ҳаз. сомонӣ расонида шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли гузашта (287894 ҳаз. сомонӣ) +3744 ҳаз. сомонӣ (101,2%) зиёд буда, суръати афзоиш таъмин карда шудааст.

Дар ин давра истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда) 4866 тонна, ки нисбат ба соли гузашта (48 тонна) зиёд гардида, тухм 2839 ҳазор дона (114 ҳазор дона) зиёд истеҳсол карда шудааст, ки ба суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 105997 сар ҳайвони шохдори калон (нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ -5772 сар кам), ки аз он 40759 (+57 сар) сарро модагов, 26406 (-544 сар) сар қутос, 355765 (-2563 сар) сар бузу гӯсфанд, 103186 (+418 сар) сар парранда, 331 (+4 сар) сар асп ва 7026 (-146 оила) оилаи занбури асал ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ нисбат ба соли гузашта дар ноҳияҳои

Ишкошим 116,2%, Мурғоб 101,3%, Рошткалъа 101,3%, Шуғнон 100,8% ва Рӯшон 100,6% таъмин гардидааст, ки ҷиҳати афзоиш додани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

**7.2. (7.2, 7.9) Истифодаи оқилонаи обу замин**
**7.2. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, азхудкунии заминҳои нав ва пешгирии шӯршавии он (банди 39 паём)**

Дар ноҳияи Ванҷ ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида дар ҳудуди ноҳия дар якҷоягӣ бо мақомотҳои дахлдор чораҷӯӣ менамояд.

Қитъаи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия дар нӯҳмоҳа соли 2020 дар 73 иншоотҳои обтаъминкуние, ки дар мувозинаи қитъаи беҳдошти замин ва обёрӣ мебошанд, ба тариқи ҳашарчигӣ корҳои таъмиркунӣ ташкил ва гузаронида шуда, иншоотҳо барои обтаъминкунӣ омода мебошанд. Барои таъмири канали Старғ-Дуршер 120 м, канали Ван-Ван 60 м, канали Бичхарв 30 м, канали дашти Бовид 36 м, канали Пуни Ду 15 м, канали Баравни тор 18 м, канали Вравз 12м, қубурҳои полиэтиленӣ қутрашон 250 мм дода шуд.

Дар давоми нӯҳмоҳаи соли ҷорӣ бо хоҷагиҳои деҳқонӣ шартномаҳои хизматрасонии об баста шуда, ба шӯъбаи беҳдошти замин ва обёрии ВМКБ дархост барои дастрас намудани масолеҳ барои таъмир намудани иншоотҳои обрасонӣ пешниҳод карда шуд.

Дар ҳудуди ноҳия Рушон 80.5 га заминҳои партов (боир), аз ҷумла 62.05 га замини обӣ ба қайд гирифта шудааст ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо яке аз вазифаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Дар деҳаи Спонҷ азхудкунии заминҳои нав дар масоҳати 26 га ва Рошорв 30 га идома дорад.

Дар ноҳияи Рошткалъа дар соли ҷори 0,20 га боғи нав бунёд гардида , 1-га боғҳои кӯҳна барқарор карда шуд. Сабаби кам гардидани майдони кишт нисбат ба соли 2019 дар он аст , ки солҳои пеш заминҳои наздиҳавлигии Ҷамоати дехоти М.Миршакар 1 га Тусён 8 га ва Гадолиев 11 га ба боғ табдил дода шудааст вале дар ҳисобот ҳамчун замини кишт барои хуроки чорво нишон дода шудааст.

Мутобиқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллаи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон, Ишкошим ва Мурғоб дар нӯҳ моҳи соли 2020 оид ба азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобида ягон кор ба анҷом расонида нашудааст.

**7.9. Истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираи об (банди 38 паём).**

Дар ноҳияи Шуғнон ду адад ассосиатсияҳои истифодабарандагони об фаъолият доранд. Бо ассосиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз рӯи нақшаи Шуъбаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар ВМКБ ба маблағи 16544 сомонӣ

шартнома оиди пардохти ҳаққи хизматрасонии обрасонӣ ба имзо расида, хизматрасонии обрасонӣ ба имзо расида, маблағи 1500 сомонӣ пардохт гардида, боқимонда то охири сол пурра ҷамъоварӣ карда мешавад. Корҳои таъмиру тозакунӣ бо мақсади омода сохтани шабакаҳои обёрии ноҳия ба мавсими обдиҳии ба мавсими соли 2020 ба нақша дароварда шуда, корҳои муратаби ҳамаи шабакаҳои обёрӣ пурра таъмин карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Хоруғ нусхабардорӣ аз шашмоҳаи соли 2020 буда, аз ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Рӯшон, Роштқалъа ва Мурғоб оид ба истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои обёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираи об маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст.

**7.3 (7.3, 7.4, 7.5, 7.6, 7.7, 7.8) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ**

**7.3 Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 40 паём)**

Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009 №413 дар соли 2019 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон се хоҷагии тухмипарварӣ ташкил карда шудааст. Дар ноҳияи Ванҷ хоҷагии деҳқонии «Ванҷ», ноҳияи Рӯшон хоҷагии деҳқонии «Рӯшон», ки самти истеҳсоли тухмии ғалладонагиҳо ва дар ноҳияи Шуғнон хоҷагии деҳқонии «Дзержинский» самти истеҳсоли тухмии картошка фаъолият намуда истодаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки тайи се соли охир хоҷагиҳои номбурда бо тухмии хушсифати картошка аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин нагардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят ҷиҳати омодагӣ ба маъракаи кишту кори баҳории мавсими соли 2020 дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 814,6 тонна тухмии зироатҳои ғалладонагиҳо аз он 524,4 тонна гандум, 69,2 тонна ҷав, 219,5 тонна лӯбиёгиҳо, 1,5 тонна ҷуворимакка ва 2959,5 тонна картошка захира гардида мавриди кишт қарор дода шудаст. Ин макълумотҳо такроран аз нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондаанд.

Бо мақсади ичроиши нақшаи дурнамои кишт тавассути БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон ба миқдори 174,5 тонна тухмии картошка, 8,7 тонна гандум ва 6 тонна дигар намуди ғалладона барои мавсими кишту кори баҳории соли 2020 мавриди кишт қарор дода шуд. Хамзамон Соли равон ба ин васила тавассути БҶИИМК-Хазинаи Оғохон ба миқдори 24 тонна тухмии хушсифати картошкаи репрадуксияи дуввум аз ноҳияи Ғончии вилояти Суғд барои хоҷагиҳои ноҳияҳои Рушон 9 тонна, Шуғнон 8,7 тонна ва шаҳри Хоруғ 6,3 тонна, инчунин 20 тонна тухмии навъи суперэлитаи “Бигроза” дар заминҳоии корами такягоҳи Институти биологии Помири нохияи Ишкошим ба кишт фаро гирифта шудааст.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят барои мавсими кишту кори баҳорӣ ба миқдори 229 тонна ғалладонагиҳо ва 323 тонна картошка тухми захира карда шуда, корҳои дар ин самт идома доранд.

Дар ноҳияи Ишкошим тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2020 кишоварзони ноҳия кишти зироатҳоро дар майдони 2512 гектар анҷом доданд, ки дар маҷмӯъ бо нишондиҳандаи ҳаминдавраи соли гузашта баробар мебошад.

Аз майдони умумии кишти зироатҳо 1646 га ғалла ва лубиёгӣ, 355 га картошка, 45 га сабзавот ва боқимонда 466 га хӯроки чорворо ташкил медиҳад.

Дар ноҳия ба мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, аз ҷумла картошка диққати махсус дода мешавад. Дар ин давраи ҳисоботӣ 20,0 тонна картошкаи нави “Бигроза” аз Ҷумҳурии Олмон бо дастгирии Фонди Оғохон ба ноҳия дастрас карда шуда, дар майдони 5 гектар кишти картошка гузаронида шуда, алҳол ҷамъоварии кишти тирамоҳӣ идома дорад ва аз рӯйи ҳисоботҳои пешакӣ бо ҳисоби миёна аз ҳар як га кишти зироатҳои ғалодонагӣ 16 сентнер ва картошка 180,0 сентнер ҳосил ба даст омада истодоаст.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар давраи ҳисоботӣ аз ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа ва Мурғоб маълумот пешниҳод нагардидааст.

Дар самти рушди соҳаи тухмипарварӣ ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудиро талаб менамояд.

### 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 40 паём)

Айни ҳол дар миқёси вилоят 75 адад гармхонаҳои мавсимӣ ва 1 адад доимамалкунанда дар масоҳати 0,49 гектар ташкил гардида, дар онҳо парвариши кабудӣ ва тайёр намудани кӯчати барвақтии сабзавот ба роҳ монда шуда, фаъолияти мавсимӣ доранд.

Дар ноҳияи Дарвоз вобаста ба зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда чораҳо андешида шуда, дар соли ҷорӣ ду адад гармхонаҳои нави замонавӣ дар масоҳати 0,30 га бо таҷҳизотҳои ҳоландӣ аз тарафи соҳибкорон сохта ба истифода дода шудаанд. Дар кушодашавии гармхонаҳои зикргардида, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуда, барои зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ ба соҳибкорон ва кишоварзон дастуру супоришҳои муфид доданд. Дар гармхонаҳои сохташуда, лиму, мандарин, кивӣ, помидор, бодиринг нашъу намо ёфтаистодаанд, ки бозори дохилиро бо маҳсулоти тару тоза таъмин мекунанд.

Дар ноҳияи Ванҷ ба масъалаи таъминоти деҳқонон бо нуриҳои минералӣ низ аҳамият дода шуда, тавассути соҳибкорон то ба имрӯз ба ноҳия 250 тонна нуриҳои минералӣ аз қабили селитра, карбамид ва аммофос

кашонида шудааст. Ба ҳолати имрӯза дар ноҳия 7 гармхонаҳои мавсимӣ мавҷуд буда, дар онҳо дар майдони 350 $м^2$ кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шудааст. Дар хоҷагиҳои ноҳия ба ҳолати имрӯза дар майдони 1,5 га ниҳолхона мавҷуд буда, дар онҳо 12 ҳазор бех ниҳолиҳои мевадиҳанда парвариш карда мешаванд, ки нисбати нимсолаи аввали соли соли ҷорӣ бетағйир боқи мондааст.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар ноҳияи Ишкошим дар маҷмӯъ 36 адад гармхонаҳо дар масоҳати 450 $м^2$ мавҷудбуда, дар ҳамаи онҳо кишти сабзавот гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон аз ҷониби шаҳрвандон дар масоҳати 1588 $м^2$ гармхона барои парвариши сабзавоти барвақтӣ бунёд ва кишт гардиданд.

Ба ҳолати имруза дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон ба масоҳати 105$м^2$ гармхонаҳои доимоамалкунанда ба роҳ монда шуда, фаъолият карда истодааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Мурғоб барои сохтмони 3 адад гармхонаҳои мавсивӣ қитъаи замин ҷудо карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ноҳияи Рошткалъа вобаста ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим, Рӯшон, Дарвоз ва Шуғнон барои таъмини аҳолии ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза дар сатҳи муайян ташкил карда шуда, дар боқимонда ноҳияҳо барои пешбурди самти мазкур тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намудан лозим аст.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии болозикр нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мебошад.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ (банди 40 паём)

Тибқи маълумотҳои расмии Бахши Раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёти ВМКБ дар давоми шаш моҳи соли равон бо мактуби Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.10.2019 1/2.1-227, сертификати рақами 0000540 ба ҶДММ «Тоҷик Интиқол» барои содирот намудани 2400 дона пӯсти коркардашудаи ҳайвони шохдори калон тариқи нақлиёти автомобилӣ ба Ҷумҳурии Хитой, бо риояи талаботҳои байторию-санитарӣ, таввасути гузаргоҳи сарҳадии «Кулма»-и ноҳияи Мурғоб иҷозат дода шудааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз вобаста ба афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ пайваста чораҷӯӣ намуда, дар ин давра 43 тонна картошка, 14 тонна помидор, 0,5 тонна мева, 6,5 тонна капуст ва булғорӣ ба бозори шаҳри Хоруғ ва Шамсиддини Шоҳини вилояти Хатлон содирот карда шудааст. Ин раванд ҳанӯз аз тарафи кишоварзон идома дошта, талаботи бозорҳоро бо маҳсулоти тару тоза дар доираи имкониятҳо таъмин карда истоданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ноҳияи Мурғоб ба шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ 59 сар моли шохдори калон, 2 751 сар моли шохдори майда бо таври зинда ва 622 тонна гушт содир карда шуд.

Мувофиқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ вобаста ба афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ пайваста чораҷӯӣ намуда, маҳсулоти кишоварзони ноҳияҳо танҳо дар бозори дохилӣ ва бозори шаҳри Хоруғи маркази ВМКБ ба фурӯш бароварда мешаванд. Ҳоло маҳсулоти кишоварзон дар бозори дохилӣ ва вилоят ирсол карда мешаванд, ки талаботи аҳолиро бо маҳсулоти худдӣ қонеъ карда истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ дар ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва Роштқалъа ба роҳ монда нашудааст.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ ва пешгирии талафёбии он (банди 40 паём)

Дар ҳудуди вилоят барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ 29 анборхона бо иқтидори 1485 тонна ва 3 адад сардхонаи замонавӣ бо иқтидори 229 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ бахусус картошка, меваю сабзавот истифода бурда мешаванд, ки нисбати шаш моҳи соли ҷорӣ бе тағйир боқӣ мондааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатии назди ҲҶТ дар Ҷамоати деҳоти Назаршо Додхудоев барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ сохтмони 1 адад маркази логистикӣ ба маблағи 17160,0 ҳазор сомонӣ ба охир расонида шуд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия 6 анборхона бо иқтидори 90 тонна, 4 таҳхона барои 100 тонна, 2 сардхона бо ғунҷоиши 50 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ бахусус картошка, меваю сабзавот истифода бурда мешаванд.

Дар ноҳияи Ванҷ ду адад сардхонаи замонавӣ бо ғунҷоиши 60 тонна маҳсулоти кишоварзӣ сохта ба истифода дода шудааст. Дар давоми соли 2020 сохтмони як адад сардхона аз тарафи соҳибкор Ниъмонов С. бо ғунҷоиши 100 тонна меваю сабзавот ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияҳои Дарвоз, Мурғоб ва Ишкошим дар нӯҳ моҳи соли 2020 сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ташкилу бунёд нагардидаанд, ки бо Барномаи ҷонибдори инкишофи манотиқи Хазинаи Оғохон корҳо идома дошта, бояд дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Дарвоз сардхонаҳо ташкил карда шавад.

Дар рафти таҳлил муайн гардид, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим ва Роштқалъа нисбати шаш моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

### 7.7. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот дар ноҳияҳои куҳистони дурдаст, таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда (банди 40 паём)

Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят саршумори парранда 103186 сар ташкли дода, истеҳсоли тухм 2839 ҳазор дона ташкил медиҳад, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2864 сар парранда ва 114 ҳазор дона тухмзиёд мебошад.

Дар доираи таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат, аз ҷумла гӯшти парранда ва тухмии истеҳсоли худӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва соҳибкорони алоҳида дар ноҳияҳои вилоят фаъолият карда истодаанд. Саршумори парранда дар сектори ҷамъиятӣ ва фермерӣ ба 1950 сар (нисбати семоҳа бетағйир) расонида шудааст, бахусус дар ноҳияҳои Ванҷ ва Шуғнон фаъолият дар ин самт назаррас мебошанд.

Дар ноҳияи Шуғнон хоҷагии фермерии «Таввакал» саршумори мокиёнро ба 1800 сар расонида, истеҳсоли ҳаррӯза 450 тухмро ташкил медиҳанд, ки нисбати 3 моҳи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда.

Дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон дар деҳаи Нишуспи Ҷамоати Ғарибшо Шаҳбозов ва дар деҳаи Сохчарви ҷамоати деҳоти Мирзоҷон Ширинҷонов коркарди меваю сабзавот ва корхонаи парандапарварӣ дар деҳаи Рожи Ҷамоати деҳоти Сучон ба роҳ монда шуда, фаъолият карда истодаанд.Инчунин истеҳсоли хӯроки омехтаипарранда дар корхонаи коркарди ғалла дар Ҷамоати Сучони ноҳияи Шуғнон ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот ва таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ ба роҳ монда нашудааст.

Барои пешрафти минбаъдаи соҳа, зиёд намудани саршумор ва истеҳсоли маҳсулот, имконияти ташкил намудани истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда мавҷуд нест, аз ин лиҳоз соҳаи паррандапарварӣ дар вилоят нисбатан суст тараққӣ карда истодааст.

### 7.8. Рафти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба соҳаи моҳипарварӣ ва дар ин замина зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ

Дар нӯҳ моҳи соли равон истеҳсоли моҳӣ аз ҳисоби хоҷагиҳои моҳипарварии вилоят ба миқдори 16,1 тонна ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 8,8 тонна зиёд мебошад.

Дар доираи амалисозии Барномаи маҷмӯъавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 барои рушди ин соҳа 738 ҳазор сомонӣ, дар солҳои 2018-2019 пешбинӣ гардидааст, ки харидории кирминамоҳиҳо, моҳича, харидории таҷҳизот ва асбобу афзори моҳидорӣ аз дохил ва хориҷи кишвар дар назар дошта шудааст. Масъули иҷрои ин самти Барнома, корхонаи воҳиди давлатии «Моҳии Тоҷикистон»-и Вазорати кишоварзӣ мебошад. Аз давраи фаъолияти Барнома ва дар тӯли нӯҳ моҳи соли 2020 ба хоҷагиҳои фермерӣ ва шахсони алоҳида, ки дар ноҳияҳои ВМКБ дар ин самт фаъолият доранд, ягон намуди кӯмак расонида нашудааст, ҳоло он ки дархости Раёсати кишоварзии ВМКБ ба унвонии

роҳбарияти КВД «Моҳии Тоҷикистон» оид ба дастгирии соҳаи моҳипарварӣ ирсол гардид. Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят 1 адад мошини рефрежиратори 1,5 тонна барои овардани маҳсулоти гӯшти моҳӣ ба моҳипарварони вилоят ҷудо гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Шуғнон ва Мурғоб истеҳсоли моҳӣ ба роҳ монда нашуда, вобаста ба банди мазкур аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон ва Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 7.4 (7.10) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ

### 7.10. Дар ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, зиёд намудани майдони кишт (бандҳои 38, 40 паём)

Тибқи нақша-дурнамои соли 2020 дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои қисмати поёнии вилоят дар майдони 96 гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида мешавад, ки аз он 16,5 гектарро лубиёгӣ 10 гектар сабзавот, 69,5 гектарро хӯроки чорво ташкил медиҳад,ки ин нишондиҳанда нисбати нақша 2 гектар ва нисбати кишти такрории соли гузашта майдони 33,5 гектар зиёдтар гузаронида шуд. Ҷиҳати гузоштани заминаи боэътимод барои мавсими соли 2021 ба ҳолати 1 октябри соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 40 гектар кишти тирамоҳӣ ва 862 гектар шудгори тирамоҳии зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд. Кишт ва шудгори тирамоҳӣ дар хоҷагиҳои вилоят идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар ноҳияи Дарвоз дар майдони 1468 гектар замин кишт гузаронида шуда, аз майдони умумии заминҳои киштшаванда 507 гектар ғаладонагӣ, 155,6 гектар картошка, 71,4 гектар сабзавот ва майдони 734,3 гектар хӯроки чорворо кишт карда шуд. Кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ дар ҳудуди ноҳия дар ин давра дар майдони 58 га гузаронида шуда, аз он 19 га зери зироатҳои ғалладонагию полезӣ ва 39 га зироати ҷуворимакка барои хӯроки чорво кишт гузаронида шуда, ҷараёни кишти такрорӣ дар ноҳия идома дорад.

Дар ноҳияҳои Роҳтқалъа ва Ишкошим аз сабаби номусоид будани иқлими ноҳия вобаста ба фаслҳои сол имконияти гузаронидани кишти такрорӣ имконнопазир мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти ичроияи Рӯшон маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои хориҷӣ барои таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва таъминот бо тухмиҳои хушсифат, зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ва таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, таъмини инфрасохтор ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли молҳо, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амнияти озуқаворӣ” ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ
**(банди 30, 32-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4, 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4, 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ

**8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ**

Айни ҳол дар шаҳри Хоруғ аз тарафи соҳибкорон мағоза,маркази савдо ва дигар иншоотҳо бо инфрасохторашон дар шаҳр давом дорад. Аз ҷумла аз тарфи соҳибкор аз шаҳри Душанбе хонаҳои баландошёнаи 12 ошёна барои мардум сохта шуда истодааст.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.04.2012, №147 Нақшаи генералии маркази ноҳияи Рушон тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дорад. Ҷиҳати рушди инфрасохтор ва фароҳам овардани шароити созгор барои аҳолии сатҳи маҳал дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия нақша чорабиниҳо таҳия шудааст, ки ин давра ба давра аз ҷониби маблағҳои сармояи хориҷӣ, ватанӣ ва дохилӣ амалӣ гардида истодааст. Яке аз масъалаҳои асоси ин таъмин намудан бо обӣ нӯшоки мебошад. Бо маблағгузории БҶИИМК-и хазинаи Оғохон дар ВМКБ сохтмони дюкер ба масофаи 7,5 км ба охир расонида шуда, НОБ-и “Хатфат” оғоз карда шуд. Аз ҳисоби бахши хусусӣ 34 иншоот бо арзиши 6 млн 916 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Дар ноҳияи Ванҷ дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ 10 иншоот ба маблағи 46 миллиону 85 ҳазору 270 сомонӣ бо ҷалби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, 2 иншоот бо маблағи 2 миллиону 515 ҳазору сомонӣ бо ҷалби маблағҳои буҷети вилоятӣ, 10 иншоот ба маблағи 7 миллиону 511 ҳазору сомонӣ бо ҷалби маблағҳои ташкилотҳои хориҷӣ, 11 адад иншоотҳо аз ҳисоби соҳибкорон ва 137 адад манзилҳои шахсӣ бо маблағи 8970000 сомонӣ мебошанд.

Дар ноҳияи Дарвоз тамоми сохтмонҳои сохташаванда, тибқи нақшаи генералӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми банақшагирии иншоотҳои сохтмонӣ дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия сохта мешаванд, ки дурнамои солҳои минбаъда ҳатман ба нақша гирифта мешаванд.

Инчунин, дар нӯҳ моҳи соли 2020 тамоми иншоотҳои сохтмонии банақшагирифташуда 47,5 млн сомониро ташкил дода, ҳаҷми маблағгузориҳои давлатӣ 10,0 млн сомонӣ, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ 17,3 млн сомонӣ ва бахши хусусӣ 20,1 млн сомонӣ ташкил дода, корҳои сохтмонию васлкунӣ ба маблағи 31,9 миллион сомонӣ иҷро гардидааст, ки 67,0 фоизи корҳои сохтмонро ташкил медиҳад.

Сохтмони толори варзиши дар деҳаи Кунакургани Ҷамоати деҳоти Ғ. Бердибаев ва сохтмони маҷмаи Байрақ, Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтмони бинои кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоб ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта ба истифода дода мешаванд. Аз тарафи соҳибкорони маҳалли сохтмони 2 меҳмонхона дар маркази ноҳия ва Ҷамоати Каракул идома дорад.

Дар маркази ноҳияи Роштқалъа сохтмони бинои идораи шуъбаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти Роштқалъа, сохтмони идораи нозироти андоз, молия, боғи Парчам, сехи дорусозӣ бо маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети ҷумъуриявӣ идома дошта, инчунин сохтмони бинои шуъбаҳои кумитаи амнияти миллӣ, адлия ва Ҷамоати деҳоти Роштқалъа оғоз гардиданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо мақсади таъмин намудани марказҳои маъмурии ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дарназардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ кӯшиш намуда истода, алҳол дар ин самт қисми лоиҳаҳо бо дастгирии молиявии шарикони рушд амалӣ гардида истодаанд ва кор дар ин самт идома дорад.

Бояд зикр намуд, ки таҳлил пешниҳоднамудаи вилоят бо банди мазкур тамоман мувофиқат наменамояд.

### 8.2. Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон, ба стандартҳои муосир мутобиқгардонии сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ (банди 30 паём, ҚҲҲТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 22, сархати 1);

Дар самти таъмини рушди соҳаи сохтмон ва ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонидани сифати иншооти сохташаванда шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корҳои назаррасро анҷом расонида истодааст. Шуъба ва бахшҳои он дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз сифати корҳои сохтмонии иншоотҳои сохташаванда назорат мебаранд.

Дар шаҳри Хоруғ масоҳати умумии замин ҳамагӣ 2 630 метри мураббаъ буда, масоҳати маркази шаҳри Хоруғ 400 гектар мебошад.Тибқи кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як шахрванд 12 метри мураббаъ рост меояд. Айни ҳол ба ҳар як аҳолии шаҳри Хоруғ 1,5 метри мураббаъ мазили истиқоматӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Ванҷ 76,34 га заминҳои маҳаллӣ аҳолинишин ҷудо шудааст, ки давра ба давра ба эҳтиёҷмандон бо қарори раиси ноҳия барои

сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва заминҳои наздиҳавлигӣ қитъаҳои замин дода мешавад.

Соҳаи сохтмон яке аз соҳаҳои асосӣ ба шумор рафта, дар беҳбуди бахшидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мавқеи муҳим дорад. Дар ҳудуди ноҳияи Рушон 4 ташкилоти сохтмонӣ: ҶММ «Шарқ», ҶММ «Барушон», ҶММ «Акмал» ва ҶММ «Бинокор» фаъолият мекунад. Дар ҳудуди ноҳия Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш» ташкил ёфта, корҳои лоиҳавӣ ва инчунин расмиёти маъмурии сохтмонро дар ҳудуди ноҳия ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандон дар соли 2020- 2 нафаро ташкил медиҳад. Соли равон аз ҷониби ташкилоти мазкур дар ҳаҷми 4,5 ҳазор сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқи Нақшаи генералии маркази ноҳия, дар шаҳраки Рушон биноҳои истиқоматии 4-5 ошёна таҳрези шудаанд. Новобаста аз ин, набудани шабакаи обу коррезӣ барои оғози сохтмони биноҳои бисёрошёна мушкилии пеш меоварад.

Дар ноҳияи Ишкошим ба ҳолати 1 октябри соли 2020 корҳои сохтмонӣ дар 48 адад иншоотҳои гуногуни хоҷагии халқ идома дошта, арзиши умумии ин иншоотҳо 77851,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз моҳи январ то октябри соли ҷорӣ дар ҳудуди ноҳия 7 адад иншоотҳо бо харҷи зиёда аз 9,0 млн сомонӣ ба истифода дода шуданд.

Айни замон ноҳия бо кадрҳои соҳаи меъморӣ таъмин буда, чунин мутахассисон дар макотибои олии дохил ва хориҷи кишвар 3 нафар таҳсил доранд.

Дар ноҳияи Роштқалъа сохтмони биноҳои истиқоматии панҷошёна барои хизматчиёни давлатӣ бо маблағгузории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 50 оила оғоз ёфта, алакай ба маблағи 2655,2 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба иҷро расонда шуданд.

Дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим ва Роштқалъа ҷиҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон ва ба стандартҳои муосир мутобиқ гардонида аз тарафи масъулини бахшҳои меъморӣ мунтазам риояи талаботи Кодекси шаҳрсозӣ ба инобат гирифта шуда, сохта ба истифода дода мешаванд.

### 8.3. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ

Дар вилоят шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар 9 моҳаи соли 2020, 62 ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 48 адад кам гардидааст.

Оид ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба ҳар сари аҳолӣ дар 9 моҳи соли 2020 қайд кардан зарур аст, ки дар шаҳри Хоруғ 57 адад манзилҳои зист ба маблағи 2554,01 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияи Ишкошим 24 адад манзилҳои зист ба маблағи 6697,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ванҷ 6 адад ба маблағи 750,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рӯшон 6 адад ба маблағи 128,4 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Шуғнон 18 адад ба маблағи 810,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Дарвоз 8 адад ба маблағи 900,0 ҳазор сомонӣ ва Мурғоб 14 адад ба маблағи 70,0 ҳазор сомонӣ ба истифода дода шудаанд.

Дар ноҳияи Рушон шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар 9 моҳи соли 2020 198 адад, шумораи дархостҳои қонъекардашуда 73 адад ё 38% ва қитъаи замини ҷудокардашуда 2,0 га–ро ташкил медиҳад. Нисбати соли 2019 муроҷиати шаҳрвадон 40 % кам гардид.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон додани қитъаҳои замин барои ба гурӯҳҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин гузаронидани онҳо" Тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гирифтан ва ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнони ВМКБ додани қитъаи замин барои маҳалҳои аҳолинишин аз ҳисоби заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии "Болшевик"-5,45 га, "Шотемур"-1,66 га, "Ватан" 13,76 га, "Дзержинский" 2,46 га, ва " Иттифоқ" –и ноҳияи Шуғнон -11,17 га, ки дар маҷмуъ масоҳати умумӣ 34,7 га ташкил дода, барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо гардид.

Аз тарафи комиссияи ҷамъиятии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба 22 оилаҳои эҳтиёҷмандони ноҳия, аз ҳисоби заминҳои маҳаллии аҳолинишин ва наздиҳавлигӣ барои сохтмони хонаи истиқоматӣ қитъаи замин ҷудо гардид. Ба ғайр аз ин дар ин давра 46 қарори раиси ноҳия ба тавсиб расонида шудааст: аз ин 24 адад ба истифодаи доимӣ додани хонаи истиқоматӣ ва дигар намуди иншоотҳо мебошанд.

Дар ноҳияи Ишкошим шумораи манзилҳои истиқоматӣ сол то сол зиёд гардида, дар нуҳ моҳи соли 2020 тибқи маълумотҳои оморӣ 28 адад хонаҳои истиқоматӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Манзил, ки ба ҳар як сари аҳолӣ бо ҳисоби миёна 8,6 метри мураббаъро рост меояд.

### 8.4. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ (банди 32 паём);

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди иншооти маорифу тандурустӣ соли 2020 дар шаҳри Хоруғ сохтмони Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев бо арзиши харҷномавии 54300,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28 дар ноҳияи Шуғнон бо арзиши харҷномави 3200,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои маъмурии шуъбаи маорифи ноҳияи Рушон бо арзиши харҷномавии 2200,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони омузишгоҳи литсеи касбии техникӣ дар маркази ноҳияи Ванҷ бо арзиши харҷномави 8200,0 ҳазор сомонӣ, азнавсозии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 деҳаи Жаки ҷамоати деҳоти Нулванд бо арзиши харҷномави 100,0 ҳазор сомонӣ, сохта ба истифода додани 4 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти асосии деҳаи Ширговади деҳоти Нулванд бо арзиши харҷномави 34,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоии №29 – и деҳаи Равгадаи ҷамоати деҳоти Техарв бо арзиши харҷномави 150,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар деҳаи Шипади ҷамоати деҳоти М. Абдулвосиев бо арзиши харҷномави 40,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони

кудакистон дар маркази ноҳияи Шуғнон барои 80 кудак бо арзиши харҷномави 4600,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони маркази инкишофи барвақтии кудак дар деҳаи Пашори ҷамоати деҳоти Поршнев бо арзиши харҷномави 250,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони бунгоҳи тиббии деҳаи Вибисти ҷамоати деҳоти Навобод бо арзиши 250,0 ҳазор сомонӣ, идома доранд. Бунёди иншооти фарҳанг ин сохтмони Театри миллӣ дар шаҳри Хоруғ бо арзиши 27108,0 ҳазор сомонӣ, сохтмони бинои хонаи фарҳанг дар деҳаи Лангар бо арзиши 1500,0 ҳазор сомонӣ, таъмири капиталии клуби деҳаи Курговад бо арзиши харҷномави 50,0 ҳазор сомонӣ, таъмири асосии хонаи фарҳанг дар деҳаи Рангкули ноҳияи Мурғоб бо арзиши харҷномави 80,0 ҳазор сомонӣ, инчунин таъмир ва азнавсозии роҳҳо, ободу зебо гардонидани маҳалли зист ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ, аз ҷумла боғҳо, боғҳои фарҳангию фароғатӣ, гулгаштҳо, толор ва майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кудакон идома доранд.

Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи августи соли равон дар шаҳри Хоруғ бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 дар шаҳри Хоруғ бо арзиши харҷномавии 26247,0 ҳазор сомонӣ, бинои Театри миллӣ дар шаҳри Хоруғ бо арзиши 27108,0 ҳазор сомонӣ ва бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 9-и маркази ноҳияи Рушон бо арзиши харҷномавии 16000,0 ҳазор сомонӣ мавриди истифодабарӣ қарор дода шудаанд.

Инчунин бо ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ сохтмони толору майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои кӯдакона дар маҳаллаҳои шаҳру ноҳияҳо идома доранд.

Дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018 №АП – 1059 қарори Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 8 июни соли 2018, №273 ба тавсиб расид. Тибқи он гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, нақшаи кории ободонию бунёдкориро вобаста ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

Аз тарафи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бунёди иншооти иҷтимоию сайёҳӣ ва дигар намуди иншоот зиёда аз 60 лоиҳа таҳия карда шуд. Лоиҳаҳои мазкур аз ташхиси давлати гузаронида шуда, дастраси бахшҳои меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят гардонида шуданд.

### 8.5. Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ (ҚҲЧТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 33, сархати 1);

Маъракаи номгузории кучаҳо ва рақамгузории хонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома дорад. Аз ҷумла ба ҳолати ҳозира номгузории кучаҳо ва рақамгузории хонаҳо дар шаҳри Хоруғ 100%, дар маркази ноҳияи Дарвоз 95%, дар маркази ноҳияи Рӯшон 100%, дар маркази ноҳия Ишкошим 100%, дар маркази ноҳияи Роштқалъа 100%, дар маркази ноҳияи Мурғоб

100% ва ноҳияи Ванҷ 55% иҷро гардида, нисбати нимсолаи аввали сол бетағйир боқӣ мондааст

**8.2. (8.6) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат**

**8.6. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (банди 34-и паём);**

Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат дар нуҳ моҳи соли 2020 қайд кардан зарур аст, ки дар вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 2501 нафар буда, шумораи оилаҳои ба таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 1240 нафар мебошанд. Харҷӣ маблағҳои хайриявӣ барои сохтмон маблағи 26,5 ҳазор сомонӣ ва барои таъмир маблағ 56,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон тармими сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат ба нақша гирифта шуда, дар семоҳаи чорум ба роҳ монда мешавад.

Давоми соли ҷорӣ дар ноҳияи Рӯшон дархости 1 оила ба сохтмони манзили истиқоматӣ ва 4 нафар оилаҳои ба таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд ба қайд гирифта шуда, бо роҳбарии бевоситаи МИМҲД ноҳия ва шахсони соховатманд ба ин мақсад 39,2 ҳазор сомонӣ масраф шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз оид ба таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат чораҳои зарурӣ андешида, табақаҳои қишри осебпазири ҷомеаро дар маркази диққати худ қарор додааст. Вобаста ба ин, оилаҳои дар ҳолати душвор қарордошатаро ба идораю муассисаҳо ва ҷамоатҳои деҳот ва шахсони саховатпеша вобаст намуда, таъмиру тармими хонаҳои ин қишри осебпазири ҷомеаро ба анҷом расонида истодаанд. Инчунин, дар тамоми ҷашну чорабиниҳо ба онҳо кӯмакҳои моддию молиявӣ расонида, мешавад.

Гар чанде, ки дар ноҳияи Ишкошим дар самти сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат дар ин давраи ҳисоботи корҳо амалӣ нагардиданд бошанд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа ягон маълумот надодааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо аз қабили надоштани лоиҳаи бино ва аз ташхиси давлатӣ нагузаштани онҳо, бе қарори раисони шаҳру ноҳияҳо оғоз намудан ба корҳои сохтмонӣ ва назорати сусти сармеъморони шаҳр ва ноҳияҳо аз иншоотҳои сохташаванда, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ки ҳамкориро бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани нақшаи муфассали тарҳрезии (ПДП) Нақшаи генералии маркази шаҳру ноҳияҳо, марказҳои ҷамоатҳои деҳот бо як тартиби муайян тарзи ҷобаҷогузории бинову иншоотҳои маъмуриву ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ ба роҳ монад.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1.(9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3.(9.4) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо

### 9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо

Мувофиқи нақшаи пешбинишуда барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои вилоят дар 9 моҳаи соли 2020 бо назардошти маблағгузории мутамарказ ва нигоҳдории кормандон ба қайд гирифта нашудааст.

Ҳаҷми маблағи ҷудогардида дар давраи ҳисоботӣ барои таъмир дар ноҳияҳои Рӯшон 2266,3 ҳазор сомонӣ, Шуғнон 268,7 ҳазор сомонӣ, Ванҷ 254,1 ҳазор сомонӣ, Мурғоб 483,6 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 273,5 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Маълумот вобаста ба нишондоди мазкур дар замимаи ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз ва Роштқалъа дарҷ нагардидааст.

Бояд зикр намуд, ки масофаи роҳҳои таъмир ва барқароркардашуда дар вилоят 1639,2 км роҳҳои дохилиро дар бар мегирад.

Ин нишондод дар шаҳри Хоруғ 23 км роҳҳои дохилӣ, ноҳияҳои Рӯшон 5 км роҳҳои дохилӣ, Шуғнон 10 км роҳҳои дохилӣ, Ишкошим 7 км роҳҳои дохилӣ, Роштқалъа 45,9 км роҳҳои дохилӣ ва Мурғоб 75 км роҳҳои дохилиро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи болозикр дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии, ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ дарҷ нагардидааст.

Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгардӣ ноҳияи Ванҷ 254,1 км роҳҳоро, ки аз он 40 км роҳҳои байналмиллалӣ, 61,3 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ, 152,8 км роҳҳои маҳаллӣ ва инчунин 30 адад пулҳо бо дарозии умумии 865 метр ва 450 адад қубурҳои обгузар бо дарозии умумии 2620 метрро ташкил медиҳад, таъмир ва нигоҳдорӣ менамояд.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 ноҳияи Ишкошим дар соҳаи роҳдорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағи 414,0 ҳазор сомонӣ ба мақсади таъмиру нигоҳдории роҳҳои ноҳия ва омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2020 – 2021 ҷудо гардида, дар асоси харҷномаи хароҷотӣ ин маблағ пурра хароҷот гардидааст.

Дар ин муддат аз тарафи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим дар масофаи 9,9 км роҳҳои мошинагард шағалпӯш ва 1087 $м^2$ мумфарш карда шудааст.

Инчунин, панҷараҳои муҳофизатии 3 адад пулҳо дар масофаи 34 метр ва 23 адад қубурҳои обгузар дар масофаи 135 метр иваз ва таъмир гардидаанд.

Муассисаҳои давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Шуғнон ба масофаи 370,7 км роҳҳои автомобилгардро нигоҳдорӣ менамоянд, ки аз он 101,85 км роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ, 4,6 км роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 264,2 км роҳҳои аҳамияти байналмилалӣ мебошанд. Роҳҳои автомобилгарди ноҳия дорои 47 адад купрук мебошанд.

Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон ба муассисаҳо маблағи115,6 ҳазор сомонӣ ва аз Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои роҳсозӣ маблағи 836,4ҳазор сомонӣ ворид гардида, он мувофиқи харҷномаи тасдиқгардида Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикситон ба роҳ монда шуда, сарф гардид.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Роштқалъа дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба 154,5км роҳҳои аҳмияти ҷумҳуриявӣ ва 45,9 км роҳҳои аҳмияти маҳалӣ хизмат мерасонад. Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳо дар соли ҷорӣ 217,2 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, ба маблағи 217,2 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расонда шуданд, ки ин нисбати нақша 100 % -ро ташкил медиҳад.

### 9.2. (9.3) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

### 9.3. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)

Дар ҳудуди вилоят 71 хатсайри мусофиркашонӣ аз инҳо 60 хатсайрҳои наздишаҳрӣ, 2 хатсайрҳои байналмиллалӣ, 5 хатсайрҳои байнишаҳрӣ ва 4 хатсайри дохилишаҳрӣ фаъолият намуда, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, терминалҳо ва ҷамъиятҳо ташкил карда шуда, мусофиронро бо нақлиёт таъмин менамоянд.

Барои нигаҳдорӣ ва таъмири роҳҳо дар мавсими тирамоҳу зимистони соли 2020-2021 дар муассисаҳои зертобеъ 160 адад механизмҳои роҳсозӣ мавҷуд буда тибқи нақшаи тайёрӣ ба зимистонгузаронӣ 114 адад техникаҳои роҳсозӣ бояд омода гарданд ва ба ҳолати ҳозира 108 адад ё 95 фоиз техникаи роҳсозӣ омодаи кор мебошанд.

Дар вилоят бо 12 адад коргоҳҳои нақлиётӣ ҷамъиятӣ ва 6 корхонаҳои давлатӣ оиди таъмин намудани онҳо бо роҳхат шартнома баста шудааст. Коргоҳҳои дар боло зикргардида сари вақт бо роҳхат таъмин гардида, дар 9 моҳи соли 2020 ба миқдори 13952 адад роҳхат дода шудааст. Даромад аз фурӯши роҳхат 18,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Хоруғ мувофиқи қарори раиси шаҳри Хоруғ аз 18 марти соли 2019, №242 «Дар бораи нархномаи номиналии мусофирбарӣ бо

нақлиёти автомобилӣ дар хатсайрҳои шаҳри Хоруғ» нархномаи номиналии мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар мувофиқа бо шуъбаи хадамоти зиддиинҳисорӣ муқаррар карда шудаст.

Дар шаҳри Хоруғ 250 мошини тамғаи "Чан-Хау" ("Тангем") ва 5 микроавтобуси "Мерседесс" ба мусофиркашонӣ машғул ҳастанд.

Дар рафти таҳлил муайян гардид ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб нисбати нимсолаи аввал бетағйир ба назар мерасад.

### 9.3. (9.4) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

### 9.4.Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар 9 моҳи соли 2020 дар вилоят ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ 293,7 ҳазор тонна ва мусофиркашонӣ 4867,4 ҳазор мусофирро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми боркашонӣ 29,2% ва мусофиркашонӣ 17,6 % кам гардидааст.

Ин нишондиҳандаҳо дар шаҳр Хоруғ боркашонӣ 102,5% ва мусофирашонӣ 124,9%, ноҳияҳои Ванҷ боркашонӣ 120,2% ва мусофиркашонӣ 109,3%, Шуғнон боркашонӣ 88,5% ва мусофирашонӣ 128,8%, Дарвоз боркашонӣ 71,4% ва мусофирашонӣ 72,6%, Ишкошим боркашонӣ 67,7% ва мусофиркашонӣ 77,9%, Рӯшон боркашонӣ 62,7% ва мусофирашонӣ 74,6%, Роштқалъа боркашонӣ 62,5% ва мусофирашонӣ 67,8 % ва Мурғоб боркашонӣ 36% ва мусофиркашонӣ 43,8%, ташкил додааст.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ва баланд бардоштани сатҳи боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Роштқалъа, Рӯшон ва Мурғоб мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

Нишондиҳандаи баланди боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷ ба назар мерасад, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Ҳамзамон, хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ қаноатбахш набуда, беҳбудиро талаб менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо, зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории барои таъмири роҳҳо ва барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи вилоят ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ чораҳои зарурӣро роҳандозӣ намоянд.

### 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**

**10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет, 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ арзёбӣ агрдиданд.**

## 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

### 10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет

Дар нуҳ моҳи соли 2020 аз ҷониби ширкатҳои мобилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ як қатор корҳоро ба анҷом додаанд:

Ширкати мобилӣ ҶСП «Tcell »-и ВМКБ дар нуҳи моҳи соли 2020 дар ноҳияи Рӯшон қишлоқи Хуҷанд як адад истгоҳӣ базавии намуди 3G, ноҳияи Рӯшон қишлоқи Пастхуф истгоҳӣ базавии намуди 3G як адад, ноҳияи Ишкошим қишлоқи Шитхарв истгоҳи базавии намуди 3G як адад, ноҳияи Роштқалъа қишлоқи Чуртумҷай истгоҳӣ базавии намуди 3G як адад, ноҳияи Шуғнон қишлоқи Гоз истгоҳӣ базавии намуди 3G насб ва ба истифода дода шудаанд.

Ширкати ҶСП «Вавилон-М» мутобиқи нақшаи соли 2020 барои фарогирии алоқаи мобилӣ ва шабакаи интернет, ва васъекунии каналҳо ва насби истгоҳҳои базавӣ дар нохияи Ишкошим дар нақша дорад.

ҶСП «Мегафон» дар нух мохи соли 2020 дар ноҳияи Шуғнон қишлоқи Чарсем як адад истгоҳӣ базавии намуди 3G ва дар ноҳияи Дарвоз як адад истгоҳи базавии намуди 4 G насб ва ба истифода дода шуд.

ҶДММ «Zet-Mobile» дар семоҳаи якуми соли 2020 се адад маркази хизматрасони оиди хариду фуруши симкортҳо ва гузаронидани маблағ ба тавозуни муштариён ба истифода дода шудаанд, дар шахри Хоруғ як адад, ноҳияи Ванҷ як адад маркази ноҳия , ноҳияи Дарвоз як адад маркази ноҳия, ва ду адад истгоҳи базавии намуди 3G ва 4 G насб ва ба истифода дода шудаанд.

Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар ҳудуди вилоят Tcell 88848 адад муштарӣ, Zet- Mobile 10471 адад муштарӣ, Мегафон 16800 адад муштариро ташкил медиҳад.

Шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар ҳудуди вилоят Tcell 43321 адад муштарӣ, Zet- Mobile 4188 адад муштарӣ, Мегафон 11200 адад муштариро дар бар мегирад.

Дар шаҳри Хоруғ истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва интирнет зиёда аз 21 ҳазор нафар мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи алоқа дар шаҳри Хоруғ дар ҳолати ногувор қарор дорад. Сабаб дар он аст, ки аз тарафи одамони ҷиноятпеша симҳои телефон дар қисми маҳаллаҳои шаҳр, ба хотири фурӯши металли ранга, бурида шудаанд. Идораи "Тоҷиктелеком"-и вилоят қудрати барқароркунии симҳоро ва мутаносибан алоқаро надорад. Ин ҳолат тайи солҳои охир давом ёфта истодааст. Аз ин рӯ, қисми аҳолии шаҳр дастрасӣ ба алоқаи телефониро надорад. Азбаски аксарияти аҳолии шаҳр соҳиби телефонҳои мобилӣ

мебошанд, ба барқароркунии алоқаи телефонӣ таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир карда намешавад.

Ба алоқаи мобилӣ дар ҳамин давра дар ноҳияи Рӯшон 18000 ё (87,6%) муштарӣ асосан аз шабакаҳои мобилӣ истифода мебаранд. Хизматрасонии он дар 9 моҳи соли 2020 1948,0 ҳазор сомониро ташкил намуд.

Ҷиҳати дастрасии аҳолӣ бо алоқаи мобилӣ ва интернет аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ ва ширкатҳои амалкунанда тадбирҳо андешида шуда, имрӯзҳо дар маркази ноҳия 3G (интернети босурат) аз тарафи ширкатҳои Мегафон, Вавилон ва Индиго фаъол буда, дастраси аҳолӣ мебошад.

Дар ноҳияи Дарвоз низ 556 адад нуқтаи телефонӣ аз ҷумла 161 адад дар идораю муассисаҳо ва 395 адад дар аҳолии ноҳия пайваст буда, аз тарафи минтақаи №12-и қитъаи техникии ноҳия идора шуда истодаанд. Инчунин, дар ноҳия намояндагии ширкатҳои Мегафон, Вавилон ва Тсел кору фаъолият дошта, тибқи маълумотҳои ширкатҳои зикргардида 14250 нафар бо алоқи мобилӣ таъмин буда, 65,1 фоизи аҳолӣ ба хизматрасонии алоқаи мобилӣ дастрасӣ доранд.

Бо мақсади таъминоти аҳолӣ бо алоқаи мобилӣ дар ноҳияи Мурғоб ширкатҳои Мегафон, Билайн ва Тсел фаъолият менамоянд. 60 %-и аҳолии ноҳияи Мурғоб истифодабарандаи фаъоли алоқаи мобилӣ ва Интернет мебошанд. Дар деҳаи Булункӯли Ҷамоати Аличур алоқаи мобилии ширкати Мегафон дар саннаи 9 октябри соли ҷорӣ истифодадода дода шуд. Дар деҳаи Чечектии Ҷамоати Рангкӯл алоқаи мобилӣ вуҷуд надорад.

Дастрасии аҳолӣ дар ноҳияи Ишкошим ба истифодабарии алоқаи мобилӣ пурра таъмин буда, аз хизматрасонии се ширкатҳои мобилӣ, аз ҷумла “TceII”, “Beelin” ва “Megafon” бемамоният истифода бурда истодаанд, вале интернет танҳо тавассути хизматрасониҳои ширкатҳои мобилӣ, аз ҷумла “TceII” ва “Megafon” ба роҳ монда шудааст, ки талаботи зарурироро пурра қонеъ кардан наметавонад, зеро танҳо маркази ноҳия ва қисмати алоҳидаи ҷамоатҳои деҳоти Зонг, Вранг ва ба номи Аскар Замиров ба алоқаи 3G дастрасӣ доранд.

Бинобар ин, шумораи истифодабарандагони алоқаи интернетӣ кам мебошанд.

Аҳолии нохия Рошткалъа асосан аз хизматрасонии алоқаи мобилии ширкатҳои хусусӣ ба монанди «Тсел», МЛТ, «Билайн», «Вавилон» истифода бурда истодаанд. Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 140120 нафарро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳои дарҷгардидаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Дарвоз дар ин банд такроран аз ҳисоботҳои пешина мебошанд.

### 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ 11 утоқи корӣ ба шабакаи интирнет пайваст мебошанд, ҳисоботҳо ва дигар

маълумотҳои зарурииро ба таври электронӣ ба мақомотҳои болоӣ ирсол ва ё қабул мекунанд.

Барои дар шакли электронӣ хизматрасондан сохторҳои молиявии ноҳия Мурғоб чораҳои зарурииро андешада истодааст. Ҳисобии истифодабарии ва пардохти кувваи барқ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд.

Дар ноҳияи Ишкошим шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз сабаби пайваст набудани ноҳия ба шабакаи интернет дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда, бо ҳамин сабаб шумораи истифодабарандагони фаъол низ хело кам мебошанд.

Дар бахши омори ноҳияи Роштқалъа зиёда аз 10 намуди ҳисоботҳо дар шакли электронӣ пешкаш гардида истодаанд. Инчунин андози гайриманқул низ ба тариқи электронӣ пеш бурда мешавад.

Айни ҳол дар ноҳияи Рӯшон хизматарсонии давлатӣ аз ҷумла, истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ҷорӣ карда нашуда, оид ба ин масъала мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия корҳои омодагиро бурда истодааст.

Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия сол то сол беҳтар шуда истодааст. Феълан, дар бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон 66 адад, аз ин шумора дар дастгоҳи раиси ноҳия 24 адад, дастгоҳи ҷамоатҳо 42 адад қарор доранд. Нозироти андоз, Раёсати молия, дар бахши Агентии омори ноҳия, бонкҳо бо шабакаи Интернет пайваст мебошанд. Аксари бонкҳо дар фаъолияташон аз сомона ва суроғаи электронӣ истифода мебаранд.

Бобати пайваст намудани дастгоҳи раиси ноҳияи Шуғнон ба шабакаи Интернет корҳои муайян анҷом ёфта истодаанд. Айни замон муовинони раиси ноҳия, роҳбари дастгоҳи раиси ноҳия, шуъбаю бахшҳои дастгоҳ ва мақомоти маҳаллӣ тавассути модем бо интернет кор мекунанд.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа, Шуғнон ва Рӯшон вобаста ба банди мазкур нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, дар ҳисоботи ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз маълумот умуман дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳияҳои Ишкошим ва Рӯшон ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.(11.1, 11.5) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2. (11.2, 11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3. (11.4) Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 11.1.(11.1, 11.5) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар қайди шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят 6160 нафар буда, ба 3993 нафар мақоми бекорӣ дода шудааст, ки аз он 1431 нафарро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайдгирифта, нисбат ба аввали соли ҷорӣ дар шаҳри Хоруғ +16 нафар (377) ва ноҳияи Мурғоб +80 нафар (1272 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -399 нафар (732 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон) нафар, Роштқалъа -301 нафар (318 нафар), Шуғнон -146 нафар (341 нафар), Ишкошим -130 нафар (290 нафар), Рӯшон -61 (128 нафар) ва Ванҷ -31 (167 нафар) кам гардидаст, ки дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ дарак медиҳад.

Вазъи қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ноҳияи Роштқалъа 60% (ҳамагӣ 6654 нафар дар муҳоҷирати меҳнати қарор доранд), Рӯшон 49,7% (6886 нафар), Ванҷ 24.4% (4518 нафар), Шуғнон 29,7% (8573 нафар), Ишкошим 25,2% (5002 нафар), Дарвоз 12,6% (1501 нафар) ва Мурғоб 8,3% (844 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Вазъи қиёсии баланди шумораи муҳоҷирони меҳнатии нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дар ноҳияҳои Роштқалъа, Рӯшон ва Ванҷ ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳоро зарур аст, ки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

### 11.5. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ (банди 73 паём)

Шуъбаи хадамоти муҳоҷират дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 бо мақсади паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ ва барои ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ пайваста тадбирҳои судманд ва амалӣ андешида истодааст.

Бо мақсади паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ ва барои ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ишкошим, Дарвоз ва Рӯшон пайваста

тадбирҳои судманд ва амалӣ андешида истодааст. Ҳамзамон, бахри паст намудани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ курсҳои омӯзишӣ ташкил шуда истодаанд, ки омил ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмин гардидан бо шуғл мебошад.

Дар ноҳия Дарвоз давоми соли 2020 1491 нафар шаҳрвандон дар мухоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ки аз шумораи болозикр 50 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Бештари муҳоҷирони меҳнатии ноҳия дар Федератсияи Россия қарор дошта, 13 -нафар дар Ҷумҳурии Қазоқистон, 2-нафар дар Ҷумҳурии Қирғизистон, 2- нафар дар Украина ва 11 нафари дигар дар давлатҳои хориҷи дур кору фаъолият дошта, бо аъзои оилаҳояшон дар алоқаи доимӣ мебошанд.

Шумораи муҳоҷирони меҳнатии ноҳияи Ишкошим дар ҳамин давра 5002 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин нишондиҳанда 3565 нафар мард ва 1437 нафари дигарро занон ташкил медиҳанд.Воридшавии муҳоҷирони меҳнатӣ аз қаламрави Федератсияи Росия 17 нафар мебошанд.

Дар ноҳияи Мурғоб дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №600 “Дар бораи Коидаҳои додани иҷозат ба шахсони воқеӣ барои истиҳроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ” ба 242 нафар “Иҷозат” дода шудааст. Иҷрои талаботи банди қарор барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ шароити хуб фароҳам оварда истодааст.

Вобаста ба зербанди мазкур дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа ва Шуғнон маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст

### 11.2. (11.2, 11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо

### 11.2. Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ (калонсолон, аҳолии бекасб), беҳтар намудани сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ (бандҳои 70, 72 паём)

Дар вилоят 6 филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон” ва 2 намояндагии филилали номбурдаи шаҳри Хоруғ дар ноҳияҳои Ишкошим ва Муғоб фаъолият намуда, тибқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 ва тариқи худмаблағгузор шаҳрвандони бешуғл ва бекасбро ба курсҳои кутоҳмудати касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ фаро мегиранд.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 филиалҳои Муасссисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шахри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ванч, Рӯшон, Шуғнон ва Роштқалъа 1352 нафарро ба касбомӯзӣ ҷалб намуданд, ки аз инҳо 904 нафар аз ҳисоби Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 448 нафар тариқи худмаблағгузор мебошанд.

Инчунин, дар муассисаҳои таълимии шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия 9 ихтисосро ба касбомӯзон аз рӯйи самтҳои барномаи

мусоидат ба шуғл ва худмаблағгузорӣ ба таълими таҳсилоти касбӣ фаро гирифтааст, ки 15 нафар дӯзанда, 16 нафар бофандагӣ, 15 нафар омзиши фанни забони русӣ , 18 нафар асосҳои омӯзиши компютерӣ ки ҷамъ 64 нафар, аз ҷумла 38 нафарашон занон мебошанд. Аз рӯйи курси валидатсия 160 нафар аз ҷумла, 27 нафар кафшергари барқӣ, 18 нафар ошпаз, 7 нафар барқчӣ, 36 нафар забони русӣ, 18 нафар тоқидӯз, 18 нафар қуроқдӯз, 36 нафар омӯзиши забони англисӣ ташкил медиҳад, ки аз ин 94 нафарашон занон мебошанд.

Дар ноҳияи Шуғнон самти фаъолияти соҳибкорӣ ба дастгирии занон низ аҳамияти зарурӣ дода шуда, ба 32 нафар занони бекор ба маблағи 92200 сомонӣ ва 4 нафар ҷавон маблағи 13000 сомонӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардид. Барои рушди ҳунарҳои мардумӣ бошад дар ин давра ба 11 нафар занони хонашин маблағи 26500 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок барои дӯзандагӣ, бофандагӣ, пухту пази маҳсулоти нонӣ ва қанодӣ дода шуд.

Тибқи “Барномаи рушди таълимии калонсолон дар ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2020 – 2022” дар нӯҳмоҳаи соли 2020 дар ҳамкорӣ бо филиали муассисаи давлатии “Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Хоруғ бо мақсади бозомӯзии касбии шаҳрвандони бекор, бо назардошти талаботи бозори меҳнат 11 курс бо фарогирии 165 нафар шаҳрвандони бекор ташкилу гузаронида шуд. Ҳамзамон баҳри эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ҷалби занон ба шуғл ва омӯзиш 280 нафар ба корҳои хонагӣ, атласу адрасбофӣ ва бофандагию дӯзандагӣ фаро гирифта шуданд. Баҳри ривоҷу равнақ додани ҳунарҳои дастӣ ба монанди дӯзандагӣ, бофандагӣ, тоқидӯзӣ, рубобсозӣ ва чӯбтарошӣ 2 курси тоқидӯзӣ бо ҷалби 30 нафар ташкил карда шуд.

Дар Маркази таълимии калонсолони ноҳияи Рушон оид ба самти касбомӯзи ва бозомӯзӣ барномаи шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ба роӣ монда шудааст, ки 80 нафари онҳо соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ гардиданд. Аз ҷумла, бофанда 15 нафар, муҳосибӣ 15нафар, омӯзиши забонҳои русӣ 20 нафар, қолинбофӣ 15 нафар ва кафшергар 15 нафар мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Роштқалъа 5 адад курсҳои бозомӯзӣ бо фарогирии 45 нафар ташкил карда шудаанд.

Дар ноҳия Мурғоб давоми ин муддат 4 ярмаркаи ҷойҳои корӣ холӣ гузаронида, 105 нафар бекорон ба касбомӯзӣ ба дастгирии Филлиали Муассисаи таълими калонсолони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси дузандагӣ ва ошпазӣ ба муддати 2 моҳ сафарбар карда шуд.

Маълумоти пешниҳодшуда дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти даватии ноҳияи Дарвоз нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

### 11.3. Бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ, бахусус занону духтарон ва ҷавонон, рушди ҳунарҳои мардумӣ (банди 72 паём)

Дар доираи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои “ Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” барои рушди ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили

дузандагӣ, бофандагӣ, мӯҳрабофӣ, тоқидӯзӣ, қуроқдӯзӣ, оҳангарию заргарӣ ва ғайра аз ҷониби шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ба 58 нафар шаҳрвандони бекор маблағи 159200 сомонӣ қарзи имтиёзнок аз ҷумла, дар шаҳри Хоруғ ба 18 нафар маблағи 59000 сомонӣ, ноҳияи Ванҷ ба 10 нафар маблағи 30000 сомонӣ, ноҳияи Шуғнон ба 9 нафар маблағи 25200 сомонӣ, ноҳияи Роштқалъа ба 14 нафар маблағи 27200 сомонӣ, ноҳияи Рушон ба 7 нафар маблағи 17 800 сомонӣ дода шудааст, ки нисбати нимсолаи аввал бетағйир мондааст.

Аз ҳисоби Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва тариқи худмаблағузор 776 нафар шаҳрвандони шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумла дӯзанда 237 нафар, бофанда 176 нафар, гулдузӣ 11 нафар, тоқидӯз 55 нафар, дастаки тайёр намудани маҳсулоти пашмин 30 нафар, ошпаз 39 нафар, қаннод 53 нафар, кафшергар 105 нафар фаро гирифта шуданд.

### 11.3. (11.4) Рафти таъсиси хой[ои корb

### 11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ (банди 73 паём)

Давоми нӯҳ моҳи соли 2020 дар вилоят 1423 адад ҷоҳои нави корӣ таъсис дода шуда, нисбати нишондиҳандаҳои соли гузашта -4828 адад ё худ 77,2% кам мебошад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ишкошим 138% (975/+271), Ванҷ 120% (58/+10), Шуғнон 106,8% (233/+15), Рӯшон 101,8% (785/+14), Дарвоз 72% (650/-250) ва Мурғоб 33,3% (2/6) ташкил намудааст.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар замимаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Роштқалъа дарҷ нагардида, маълумоти ноҳияи Шуғнон нисбати нимсолаи аввал соли ҷорӣ такрор ба назар мерасад.

Шумораи ҷойҳои корӣ нисбати соли гузашта дар ноҳияҳои Ишкошим +271 адад, Ванҷ +10 адад, Шуғнон +15 адад ва Рӯшон +14 адад зиёд гардиадаст, ки самаранокии фаъолияти ин ноҳияҳо ба назар мерасанд.

Дар ноҳияи Рӯшон таъсиси ҷойҳои корӣ нисбати шумораи бекорони расман бақайдгирифташда ба 6 маротиба (ҷойҳои кории таъсисдода шуда785 адад, шумораи бекорони расман ба қайдгирифташуда 128 нафар) баробар буда, дар ноҳияҳои Мурғоб 0,15% (2/1272), Ванҷ 34,7% (58/167), Шуғнон 68,3% (233/341), Ишкошим 336% (975/290), Роштқалъа 0% (0/318) ва Дарвоз 88,7% (650/732) ташкил намуда, барои бекорони расман ба қайд гирифташуда шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр дар якҷоягӣ бо вазоратҳои саноат ва техналогияи нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсис додани ҷойхои нави корӣ фаъолиятро пурзур намоянд.

Дар ноҳияи Дарвоз дар нуҳмоҳаи соли 2020 5 маротиба ярмаркаи ҷойҳои нави кории холӣ гузаронида шуда, зиёда аз 163 ҷойи кории холӣ пешниҳод корҷуён гардид, ки ба 137 нафар бекорон дар рафти баргузории ярмака роҳхат дода шуда, бо ҷои корӣ таъмин гардиданд., ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ 3 маротиба ярмарка бо 64 таъсиси

ҷойҳои нави корӣ,38 нафар бо кори доимӣ,  Рӯшон 1 маротиба ярмарка бо 785 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Шуғнон 7 маротиба ярмарка бо 240 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Рошткалъа 6 маротиба ярмарка бо 38 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, 45 нафар ба касбомӯзӣ ва Мурғоб 4 маротиба ярмарка бо 95 бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Дар ин давра шуъба ва бахшҳои Агентӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят 21 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ бо иштироки 66 адад корхонаю муассисаҳо бо  пешниҳоди 236 адад ҷойи кории холӣ гузаронида, дар онҳо 1154  нафар иштирок намуданд. Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда 498 нафар  ба ҷойи кор роҳхат гирифта, 83 нафар бо кор таъмин шуданд, ки аз он 33 нафар ҷавон ва 34 нафар зан буда,  240 нафар ба касбомӯзӣ ва 175 нафар  ба корҳои  муздноки ҷамъиятӣ сафарбар гардиданд. Ҷамъ дар ярмаркаҳо 498 нафар ба шуғл ҷалб карда шуданд.

Маълумоти пешниҳоднамудаи ноҳияи Ванҷ нистаби шаш моҳаи аввали бетағйир буда, аз ноҳияи Ишкошим вобаста ба зербанди мазкур маълумоти саҳеҳ пешниҳод нагардидааст.

Бо мақсади паст кардани шиддати бекорӣ дар бозори меҳнат ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти  соҳибкорӣ доранд,  аз тарафи шуъба ва бахшҳои агентӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят  барои рушди соҳибкорӣ ба 367 нафар ба маблағи 1032385 сомонӣ қарзи  имтиёзнок дода шуд. Аз ҷумла, дар шаҳри Хоруғ ба 72 нафар маблағи 222000 сомонӣ, ноҳияи Ванҷ  ба 43 нафар маблағи 135200 сомонӣ, ноҳияи Рушон ба 84 нафар  маблағи 224000 сомонӣ, ноҳияи Шуғнон ба 60 нафар  маблағи 180500 сомонӣ, ноҳияи Рошткалъа ба 72 нафар  маблағи 141140 сомонӣ ва  ноҳияи Ишкошим ба 36 нафар маблағи 129545  сомонӣ дода шудааст.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят  391 нафарро ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб намуданд, ки дар шаҳри Хоруғ  55 нафар, ноҳияи Дарвоз 57 нафар,  ноҳияи Ванҷ 40 нафар, ноҳияи Рушон  57 нафар, ноҳияи Шуғнон 57 нафар, ноҳияи Рошткалъа 45 нафар , ноҳияи Ишкошим 50 нафар ва ноҳияи Мурғоб  30  нафар  мебошанд. Ин шаҳрвандон асосан барои ободонӣ ва кабудизоркунии маҳал, тоза намудани ҷӯйю каналҳо, таъмири роҳҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ равона карда шуданд.

Дар ин давра 1058 нафар зан ва 477  нафар ҷавон ба ҷойҳои кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин гардида, 652  нафар зан  ва 350 нафар ҷавон дар филиалҳои Муасссисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ Рушон, Шуғнон ва Рошткалъа ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуда,  8 нафар зан ва 55 нафар ҷавон ба  корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ,

васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 53, 54, 56, 57, 59, 60, 85-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1. (12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2, 12.4) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3, 12.5, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.4. (12.7) Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, 12.5 (12.8, 12.9) Баргузор намудани азмуни “Фуруғи субҳи доноӣ” ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур, арзёби гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст

Айни ҳол, дар вилоят 312 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз онҳо 64 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 44 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 204 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ВМКБ кору фаъолият намуда истодаанд, ки дар онҳо 38123 нафар хонанда таҳсил намуда, ба таълиму тарбияи онҳо 5649 нафар омӯзгор ба кори таълиму тарбия машғул мебошанд.

Дар ин давра сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти умумии №22-и деҳаи Будун, №46-и деҳаи Вишхарв ва №7-и деҳаи Андарбаки ноҳияи Ванҷ бо мабалаҒи 5,7 млн сомонӣ ба анҷом расонида шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд.

Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17 ба миқдои 4 адад компютер ва 1 адад принтер ва ба муассисаи таҳсилоти умумии рақами 21 ба миқдори 4 адад компютер тақдим карда шуд.

Аз тарафи Раёсати сохтмони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон толори варзишӣ дар муассисаи таълимии №28-и ноҳияи Шуғнон арзиши сметавӣ 2300,0 сомонӣ ташкил намуда, иҷрои маблағ то 01.07.2020 миқдори 1300 сомонӣ барои сохтмон сарф шудааст. Барои идомаи сохтмон дар соли 2020 маблағ то ҳол ҷудо карда нашудааст.

Аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои Ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 29 дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз бо маблаҒи 1 млн 730 ҳазор сомонӣ ва аз ҷониби шуъбаи сохтмони асосии МИМҲД ВМКБ сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37 –и деҳаи Юбени ноҳияи Рошткалъа бо маблаҒи 450 000 сомонӣ идома дорад.

Аз тарафи ташкилоти ғайридавлатии Фонди Арабистони Саудии рушд сохтмони муассисаи таҳсилоти умумии №2 дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз бо арзиши умумии 5941, 0 млн сомонӣ идома дошта, то 01.07.2020 ба маблағи 1050,0 сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шудааст.

Инчунин, аз тарафи ин ташкилот сохтмони бинои маъмурии шубаи маорифи ноҳияи Ванҷ идома дорад.

Аз тарафи Агентии Оғохон оид ба макони зист сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 –и шаҳри Хоруғ бо маблағи 11 млн сомонӣ идома дорад.

Дар асоси супориши протоколии Асосгузори сулҳу ваҳдати милли-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар 4 соли охир дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 54 адад муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сохтмон, азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда мешаванд.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки шумораи норасоии китобҳои дарсӣ дар ноҳияҳои Ванҷ 7884 адад, Ишкошим 8600 адад, Рошткалъа 6350 адад, Дарвоз 10800 адад, Рӯшон 1800 адад, Мурғоб 333 адад, Шуғнон 1050 ададро ташкил дода, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф кардани мушкилии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Норасоии китобҳои дарсӣ фарқият нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Рошткалъа +4136 адад ва Ишкошим +1939 адад зиёд гашта, дар ноҳияи Рӯшон нишондиҳандаи мазкур нисбат ба давраи соли гузашта бетағйир боқӣ мондааст, ки масъулини соҳаро зарур аст, ки ин росто чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамзамон, ин дар ноҳияҳои Дарвоз -3600, Шуғнон -3400 адад, Ванҷ -2717 адад ва Мурғоб -999 адад кам гашта, самаранокии фаъолияти Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Ҳамзамон, дар вилоят 68 адад ва ноҳияҳои Ванҷ 15 адад, Шуғнон 15 адад, Рошткалъа 12 адад, Ишкошим 9, Дарвоз 5 адад ва Рӯшон 2 адад мактабҳо дар ҳолати садамавӣ қарордошта, ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа маҳсуб ёфта, барои бартараф намудани он чораҳои дахлдор андешида шавад.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ маълумот оид ба муассисаҳои садамавӣ ва норасоии китобҳои дарсӣ пешниҳод нагардидааст.

### 12.2. (12.2, 12.4) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ

### 12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятнок буда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таваҷҷуҳи махсус қарор дода шудааст. Муассисаҳои томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба таълим ва тарбияи томактабӣ тадриҷан афзуда, теъдоди муассисаҳои мазкур дар вилоят ба 26 ва шумораи тарбиягирандагон ба 2108 нафар расид, ки дар муқоиса бо соли таҳсили 2019-2020 30 нафар кӯдак зиёд мебошад. Дар маҷмӯъ, фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, новобаста аз мақом ва шакли ҳуқуқӣ ба 41,7% расидааст, ки албата ҳануз беҳбудиро мехоҳад.

Дар самти таъсиси Маркази инкишофи кӯдак низ корҳои муайян амалӣ карда шуд. Агар чунин марказҳо дар соли таҳсили 2019-2020 267 адад бо фарогирии 6190 нафар кӯдак фаъолият карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2020-2021 ба 283 адад расид, ки дар онҳо 6465 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шуд, ки мутаносибан 16 адад марказҳои инкишофи кудак ва 275 нафар тарбиягиранда зиёд шуд.Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ВМКБ дар соли таҳсили 2020-2021 фарогирии кудакони синни 1-6 сола 29,7 % ва кудакони синни 3-6 сола 41,7% -ро ташкил медиҳад.

Талабот нисбати муассисаҳои томактабӣ ва Маркази инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят зиёд шуда истодааст.

Дар марказҳои фаъолиятнамудаистода ба таълиму тарбияи кудакон 482 нафар омӯзгор – мураббӣ машғуланд, ки аз онҳо бо маълумоти олӣ 260 нафар, олии нопурра 13 нафар, 153 нафар миёнаи махсус, 56 нафар маълумоти миёна мебошанд ва 90% онҳо аз курси такмили ихтисос гузаштанд.

### 12.4. Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (банди 85 паём), (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо);

Дар вилоят вобаста ба иҷрои банди мазкур таҳлилҳо оид ба бунёди муассисаҳои томактабӣ дар деҳаҳое, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд идома дорад ва бо дарёфт намудани маблағ давра ба давра масъалаи мазкур ҳалли худро пайдо мекунад.

Дар ноҳияи Рӯшон барои бунёди муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд корҳои муайян ба анҷом расонида шуданд. Дар ноҳия 43 деҳа мавҷуд мебошад, ки аз онҳо 17 деҳа зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд. То соли 2030 дар ноҳия 14 адад бунёди муассисаҳои то мактабӣ, аз он ҷумла дар Ҷамоати М.Абдулвосиев 2 адад, Н.Додхудоев 4, Рушон 2 , Пастхуф 2 , Бартанг 2 ва Басид 2 адад дар назар аст. То охири соли 2020 дар деҳаи Барушон дар заминаи мактаби кӯҳна ташкил намудани муассисаи то мактабӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар деҳаи Умараки Ҷамоати деҳоти Қалъаихуми ноҳияи Дарвоз сохтумони муассисаи томактабӣ идома дошта, дар Ҷамоати деҳоти Сағирдашт деҳаи Кулумбаи поён муассисаи томактабӣ ташкил карда шуда,

бо маводҳои таълимӣ - интеллектуалӣ, канселятрӣ муҷаҳазонида шуда, инчунин ба маркази инкишофи кӯдакони синни томактабии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 низ бо чунин маводҳо таъмин карда шуда, ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 маводҳо ва мизу курсӣ 268 адад таъмин карда шудааст.

Дар маркази ноҳияи Мурғоб барои бунёди як муасссиаи томактабӣ қитаъи замин ҷуда карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнон, Мурғоб, Ишкошим ва Рошткалъа такроран аз нимсолаи якуми соли 2020 буда, ба ҳисоботи мазкур илова нагардиданд.

**12.3. (12.3, 12.5, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим,**
**12.3. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон (банди 57 паём);**

Дар аввали соли таҳсили 2020-2021 рӯйихати 16 нафар омӯзгори ҷавон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани қарзи имтиёзнок пешниҳод карда шуданд.

Дар шаҳри Хоруғ дар муассиҳои типпи нав барои ҳамаи фанҳои дақиқ кабинетҳои фаннӣ бо асбобҳои лабораторӣ, маводҳои таълимӣ ва синфхонаҳои лингофонӣ фаъолият доранд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр тасмим дорад, ки дар ҳошияи эълон гардидани солҳои 2020-2040 солҳои рушд ва омӯзиши фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ кабинетҳои фанниро барои ҳамаи фанҳои дақик дар муассисаҳои таълимӣ таъсис диҳад.

Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон дар нӯҳ моҳи соли 2020 149 нафар омӯзгор, 23 мурработ ва мушовири кабинети методии шуъбаи маориф аз курси такмили ихтисос гузаштандӣ

Дар ноҳияи Дарвоз бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зиннаҳои таҳсилот дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба ҳолати нуҳмоҳаи соли 2020 айни замон 21 адад кабинетҳои фаннӣ аз фанҳои химия, биология, физика, технологияҳои иттилоотӣ бо тамоми таҷҳизотҳо ҷиҳозонида муҷаҳаз гардида, ташкил кардани 20 адад кабинетҳои фаннӣ дар соли 2020 ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар давоми соли ҷорӣ аз тарафи лоиҳаи “Шукуфо” Фонди Оғохони Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимии №1,6,10,12, ва 14 ба маблағи 80249,20 сомонӣ номгӯи маводҳои омӯзишӣ; принтер, проектор, компютери дастӣ ва кабел дастрас карда шудааст.

Дар ноҳияи Ишкошим дар давоми нуҳмоҳаи соли 2020 зиёда аз 41 омӯзгор, 2 мушовири кабинети методӣ, 5 нафар мураббияҳои марказҳои рушди барвақтӣ, 45 нафар китобдорон, ба семинарҳои омӯзишӣ фаро гирифта шуда аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд.

Бо мақсади дастгири намудани мутахассисони ҷавонон дар ноҳияи Мурғоб барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок хуҷҷатҳои 7 нафар омӯзгорони ҷавон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 ҳамагӣ 61 омузгорону мушовирон, аз он ҷумла омӯзгорон 52 нафар, ҷонишинони директорон 3 нафар ва мураббиёни муассисаи таълимии томактабии 5 нафар аз курси такмили ихтисос гузаронида шудаанд.

Дар ноҳияи Роштқалъа аз тарафи ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ барои муассисаҳои такягоҳии № 8, 12,18,31, 35 барои ташкили кабинети методӣ ба миқдори 1 адад принтер, 1 адад ноутбук ва 1 адад проэктор дастрас гардонида шуд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон ҷиҳати иҷрои "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия бо 599 адад компютер, 183 адад принтер, 59 адад проектор, 32 адад тахтаи электронӣ, 48 адад сканер, 65 адад ноутбук ва 34 адад камераҳои мушоҳидавӣ таъминанд.

Дар нохияи Ванҷ баҳри ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон шуъбаи маорифи ноҳия руйхати 6 нафарро барои гирифтани қарзи имтиёзнок ба Филиали Амонатбонки ноҳия пешниҳод намудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба ҳолати шашмоҳаи якуми соли 2020 дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Шуғнон 78 адад кабинетҳои фаннӣ, Ванҷ 67 адад, Роштқалъа 63 адад, Рӯшон 61 адад, Ишкошим 59 адад, Дарвоз 21 адад ва Мурғоб 17 ададро ташкил медиҳад, ки бо тамоми таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар маҷмӯъ аз 2691 нафар хатмкунандагони муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 1813 нафар тариқи Маркази миллии тестӣ, 187 нафар тариқи квотаи Президентӣ, 173 нафар ба хориҷи кишвар, 18 нафар ба муассисаҳои қудратӣ, 110 нафар ба коллеҷу омӯзишгоҳҳо, 94 нафар дохилшавии иловагӣ, ҷамъ 2393 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва курсҳои дарозмуддат дохил шуданд, ки ин 88,9 фоизи дохилшавандагонро ташкил медиҳад.

Аз 22 сентябр то 30 сентябри соли ҷорӣ 164 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, таърих ва ҳуқуқ ва роҳбарони иттиҳодия методии синфҳои ибтидоии муассисаҳои такягоҳии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба семинари 6 рӯзаи салоҳиятнокӣ ҷалб карда шуданд.

Дар маҷмӯъ 1269 нафар омӯзгорони шаҳр ва ноҳияҳои вилоят аз курсу семинарҳои такмили ихтисос гузашта маҳорати касбии худро сайқал доданд.

## 12.5. Миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи китобҳои бадеӣ (банди 59 паём);

Яке аз самтҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ин таъмин бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки зиёда аз 90% хонандагон дар вилоят бо китобҳои дарсӣ таъмин мебошанд.

Эҳтиёҷот оид ба норасогии китобҳои дарсӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Раёсати маорифи ВМКБ ба хотири баланд бардоштани сифати таҳсилот ва маънавиёти хонандагон, афзоиш додани ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таълимӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонида истодааст.

Дар назди Раёсати маорифи вилоят китобхонаи замонавӣ таъсис дода шуда дар он зиёда аз 4800 адад китобҳои бадеӣ таъмин карда шудааст, ки кормандони раёсати маориф, шӯъбаи маорифи шаҳри Хоруғ ва хонандагони муасиисаҳои таълимии шаҳр аз он васеъ истифода мебаранд.

Дар миқёси вилоят дар назди 223 адад муассисаҳои таҳсилоти умумӣ китобхонаҳо ташкил карда шуда, ин раванд дар дигар муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят идома дорад.

Аз ин ҷост, ки дар байни хонандагон ва калонсолон оиди хондани китоҳои бадеӣ таваҷҷуҳи бештар пайдо шуда, теъдоди аъзоён оиди истифода китобҳо дар китобхонаҳо афзоиш ёфта истодааст.

Дар масъалаи афзоиш додани маблағ барои зиёд намудани фонди китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ бо пайдо шудани маблағ чораҷӯӣ карда мешавад.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб идораю муассисахои нохия китобхона кушода шуда, ба кормандон хизмат расонида истодааст. Дар муассисаҳои ноҳияи Мурғоб барои ҷалби хонандагон ба мутолиали китобҳои бадеӣ озмуни "Беҳтарин китобхони сол" ташкил карда шуд.

Вобаста ба банди мазкур дар давраи ҳисоботӣ аз ноҳияҳои Ванҷ Шуғнон, Ишкошим, Рушон ва Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва русиву англисӣ (банди 56 паём);

Дар вилоят ба барномаи таълимии фанҳои забони русӣ ва англисӣ диққати зарурӣ дода шуда, меъёрҳои забони адабӣ, риояи забони тоҷикӣ ва насби шиору овезаҳо бо забони нови давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Дар робита ба масъалаи мазкур ба унвони ҳамаи шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят мактуби расмӣ ирсол карда шуда, дастур дода шуд, ки дар ҳар як муассисаи таълимӣ оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шахси масъул таъин карда мешавад ва иҷрои он пайваста зери назорат гирифта мешавад.

Дар муассисаҳои томактабӣ барномаи таълимии забони давлатӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба роҳ монда шуда, аз рӯи он омӯзгорон фаъолият карда истодаанд. Инчунин, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд ба кӯдакистонҳо ва Марказҳои рушди кудакони шаҳру ноҳияҳои

вилоят маводҳои таълимӣ ва китобҳои бадеӣ дастрас мегарданд, ки ба сайқал додани омӯзиши забони давлатӣ муҳим мебошанд.

Иҷрои Барнома бо ташкил намудани курсҳои пешбининамудаи панҷмоҳаи омӯзиши забони англисӣ дар 30 – муассисаи вилоят бо фарогирии 28 омӯзгор, 600 нафар хонандагони синфҳои болои (7, 8, 9, 10) ба иҷро расонида шуда истодааст. Ин маълумот такроран аз шашмоҳаи соли ҷорӣ нусхабардорӣ шудааст.

Дар ноҳияҳои Шуғнон ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда шуда, мунтазам курсҳо гузаронида мешаванд. Аз ин фанҳо ҳарсола озмунҳои назди муассисавӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ гузаронида шуда, хонандагон дар онҳо фаъолона ширкат меварзанд.

Дараҷаи баланди таъмини нишондиҳандаи "Васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва рушди англисӣ" дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Рушон ва Ванҷ таъмин гардида, дар ноҳияҳои Мурғоб ва Ишкошим беҳбудиро тақозо менамояд.

Дар ин давра норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар вилоят 68 нафар (аз ҷумла 31 нафар забонҳои хориҷӣ)-ро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз 46 нафар (20 нафар забонҳои хориҷӣ), Рӯшон 24 нафар (17 нафар забонҳои хориҷӣ), Роштқалъа 9 нафар (4 нафар забонҳои хориҷӣ), Шуғнон 9 нафар (2 нафар забонҳои хориҷӣ), Ванҷ 3 нафар (3 нафар забонҳои хориҷӣ) ва Мурғоб 5 нафар (2 нафар забонҳои хориҷӣ) баробар мебошад, ки ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ расонида, андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати ҳалли норасогии кадрии омузгорӣ талаб менамояд.

Хотиррасон бояд шуд, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз вобаста ба банди мазкур такроран аз шаш моҳи соли 2020 мебошанд.

### 12.4. (12.7) Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ

Дар ноҳияи Дарвоз дар 23 китобхонаи соҳаи фарҳанг 76 ҳазору 166 нусха китоб маҳфуз буда, аз ин шумора 27 ҳазору 557 нусха китоб бо забони давлатӣ, 48 ҳазору 609 нусха бо забонҳои русӣ ташкил медиҳад.

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ 50 нусха китоби "Забони миллат-ҳастии миллат" аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба китобхонаҳои ноҳия тухфа гардидааст. Дар баробари ин, аз тарафи Корхонаи савдои Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 246 нусха китоб тухфа гардидааст, ки дастраси китобхонаҳои ноҳия шуданд. Дар маҷмӯъ фонди китобхонаҳои ноҳия маблағи 138 ҳазору 975 сомниро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Рушон таъмини муассисаыои таълимии ноыия бо китобыои дарс= 85%-ро ташкил медиыад.Дар соли таысили 2020-2021 бо дархости шуъбаи маорифи ноыия аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ьумыурии Тоьикистон 390 номг\и китоби дарс= ва маводи таълими ба миқдори 4530 адад ворид гардиданд.

Барои муассисаи таълимии №9 аз тарафи вазири маориф ва илми Ьумыурии Тоьикистон 39 номг\и китоби бадеи ба мищдори 253 дона,16 адад китоби Президенти Ьумҳурии Тоҷикистон ройгон тащдим шуданд.

Дар ноҳияи Ишкошим муассисаҳои таълимӣ китобхонаҳои бачагона бо китобҳои бадеии тозанашр таъмин буда, дар нуҳмоҳаи соли 2020 маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ 101,0 фоиз пардохт гардидааст. Вобаста ба зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таълимӣ тадбриҳои зарурӣ андешида шуда, дар ин самт марҳила ба марҳила корҳои зарурӣ амалӣ гардида истодаанд. (маълумот нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир).

Дар муассиаҳои таълимии ноҳияи Мурғоб барои харидани китоби бадеӣ аз сметаи ҳароҷот 5 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд. (маълумот нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир).

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шуғнон 42 адад китобхона мавҷуд буда, 80 % хонандагон аз китобҳои дарсӣ таъминанд. (маълумот нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир).

Дар шаҳри Хоруғ дар нӯҳ моҳи соли равон маблағ барои зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таълимӣ ҷудо нагардидааст.

Дар давраи ҳисоботи аз ноҳияҳои Ванҷ ва Рошткалъа ҷиҳати банди зикргардида маълумот дарҷ нагардидааст.

### 12.5 (12.8, 12.9) Баргузор намудани азмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур

Ба ифтихори ҷашни 30 –солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ичрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5 феврали соли 2020, № АП – 1339, дар бораи озмуни ҷумҳуриявии "Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст" аз ҷониби раёсати маорифи вилоят Тартиби баргузории озмунро ба унвони шӯъбаҳои маорифи шаҳр ва ноҳияҳо ва марказҳои дарёфти рушди истеъдодҳои назди шуъбаҳои маориф дар шакли хаттӣ ва электронӣ ирсол намуда, мудирони шуъбаҳои маориф мувazзaф гардиданд, ки иштироки фаъолонаи хонандагони ҳамаи зинаҳои таҳсилотро дар озмуни мазкур таъмин намоянд ва аз натиҷаи ҳар давр ба раёсати маорифи вилоят маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз вобаста ба рафти иҷрои саривақтӣ ва бо сифати Амри Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 05 феврали соли 2020, №АП- 1339 «Дар бораи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» қарори раиси ноҳияи Дарвозро аз 17 апрели соли 2020, № 126- таҳия ва ба тавсиб расонида як қатор корҳоро ба иҷро расонидааст.

Даври якуми озмуни мазкур дар ҷамоатҳои деҳот моҳи апрели соли 2020 баргузор гардида, ғолибони ҷойҳои намоён ба даври дуюми ноҳиявии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» роҳхат пайдо намуданд. Дар даври дуюми ноҳиявӣ зиёда аз 86 нафар хонанда иштирок намуда, аз рӯи

наминатсияҳои интихоб намудаи хеш баромад карда, 11 нафар ба даври вилоятии озмун пешниҳод гардиданд. Дар давраи сеюуми озмуни ҷумҳуриявии “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”, ки аз саннаи 30 сентябр то 2 октябри соли 2020 дар вилоят доир гардид, 10 нафар аз рӯи наминатсияҳои озмун баромад намуда, 3 нафар сазовори ҷойи якум ва 1 нафар соҳиби ҷойи сеюм гардида, ба даври ҷумҳуриявии озмун роҳхат пайдо намудаанд, ки нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят натиҷаи хуб нишон доданд.

Мақомоти иҷрояи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рушон оид ба иҷрои қарори раиси ВМКБ аз 1 апрели соли 2020, №85 дар бораи иҷрои Амри Президенти ҶТ аз 5 феврали соли 2020, №АП-1139 “Дар бораи озмуни ҷумхриявии “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст”-ро таҳти назорат гирифта Нақша-чорабиниҳо таҳия гардида, дастраси сохторҳои марбутаи ноҳиявӣ пешниҳод шуд. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия озмуни “Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст” гузаронида шуда, дар он 53 нафар хонанда ширкат варзиданд, аз онҳо 20 нафар ба даври сеюми озмуни вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Ноҳияи Шуғнон бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2020 №АП-1339 , тибқи мактуби Раёсати маорифи ВМКБ аз 19 феврали соли 2020 № 6/3 -217 бо мақсади дар сатҳи баланд доир намудани озмуни ҷумҳурявии таҳти унвони “Фуруғи субҳи доноӣ” шуъбаи маориф мактуб ва низомномаро дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонид. Озмуни мазкур дар сатҳи ҷамоатҳо моҳи апрели соли ҷорӣ баргузор гардида, ғолибони озмун ба даври дуюми ноҳиявӣ роҳхат гирифтанд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Мурғоб бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 феврали соли 2020, № АП1339 Дар бораи баргузор намудани озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар сатҳи ҷамоат ва ноҳия баргузор гардида, ғолибон дар даври вилоятӣ иштрок варзида, як хонада ҷойи сеюмро ишғол намуд.

Вобаста ба банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ ва Роштқалъа маълумот пешниҳод накардааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ ва иштироки омӯзгорон дар семинару конфронсҳои илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ, баланд бардоштани дараҷаи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии ватанӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ;**

**13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ**

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасогии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Дар вилоят 34 адад шифохонаҳо, 58 адад марказҳои саломатӣ ва 170 адад бунгоҳҳои тиббӣ фаъолият намуда, дар онҳо ба аҳолии шаҳру ноҳияҳо хизматрасонии тиббӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар вилоят дараҷаи табибони дороитахассуси олӣ дар вилоят 43,3%, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 54,5%, Хоруғ 44,1%, Ишкошим 43,7%, Дарвоз 26,8%, Шуғнон 24,3% ташкил дода, дар ноҳияҳои Ванҷ15,5%, Роштқалъа 13,6% ва Мурғоб 13,6% мебошад, ки аз ин ҳисоб хизматрасонии сифатноки тиббӣ ба аҳолӣ расонида намешавад.

Дар як вақт норасоии табибон дар вилоят 131 нафар, ноҳияҳои Мурғоб 22 нафар, Ванҷ 12 нафар, Дарвоз 12 нафар, Рӯшон 11 нафар, Шуғнон 7 нафар ва Ишкошим 7 ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он андешидани чораҳои заруриро ба миён омадааст.

Фарқияти нишондиҳандаи мазкур нисбат ба 6 моҳаи соли ҷорӣ дар ноҳияи Дарвоз -3 нафар кам гардидааст.

Сохтмони Беморхонаи замонавӣ дар шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон бо маблағгузории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 22,7 млн сомонӣ идома ёфта, ба ҳолати ҳозира корҳои сохтмонӣ ба андозаи 2,9 млн сомонӣ маблағҳо аз худ гардидаанд.

Сохтмони бинои нави беморхонаи минтақавии Вранг бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 6,3 млн сомонӣ оғоз гардида, корҳои сохтмонӣ ба андозаи 934 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуданд.

Таъмири асосии шуъбаи сироятии беморхонаи марказии ноҳия Ванҷ бо маблағгузории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дошта, ба маблағи 615,2 ҳазор сомонӣкорҳоисохтмонӣбаанҷомрасонидашуданд.

Сохтмони бунгоҳи тиббии Баҷуви ноҳияи Рушон бо дастгирии Сафорати Ҷопон ва азнавсозии маркази саломатии Бунайи ноҳияи Ванҷ бо маблағгузории Барномаи Созмони Рушди Миллали Муттаҳид(ПРООН)-и минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.

Дар рафти таҳлил мушоҳида гардид, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбати 6 моҳаи соли ҷорӣ бетағйир боқӣ мондааст.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

**Сил**

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи вилоят дар соли ҷорӣ, гирифторони бемории сил 639 нафарро ташкил дода, номутобиқатии бо маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо (188 нафар) ба назар мерасад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи беморони касалии сил дар шаҳриХоруғ 89 нафар, ноҳияҳои Роштқалъа 21 нафар, Рӯшон 23 нафар, Шуғнон 14 нафар, Ишкошим 14 нафар Ванҷ 16 нафар, Дарвоз 6 нафар ва Мурғоб 5 нафарро ташкил додааст.

Зиёдшавии ин нишондиҳанда нисбати аввали соли ҳисоботӣ дар шаҳриХоруғ +70 нафар, ноҳияҳои Рушон +5 нафар, Ванҷ +2 нафар ва Мурғоб +1 нафарро ташкил дода, ҷиҳати пешгирии бемории мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои болозикр фаъолиятро пурзӯр намуда, ҳамкориро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣҷоннок намоянд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон -35 нафар, Ишкошим -14 нафар ва Роштқалъа -21 нафар кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро инъикос менамояд.

**ВНМО**

Мувофиқи ҳисоботи вилоят сироятёфтагони бемории ВНМО–БПНМ 714 нафар ба қайд гирифта шуда, номутобиқати бо маълумотҳои шаҳру ноҳия (270) мушоҳида мегардад.

Ин нишондиҳанда дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳриХоруғ 187 нафар, ноҳияҳои Роштқалъа 39нафар, Ишкошим 31 нафар, Рӯшон 5 нафар,Шуғнон 4 нафар, Мурғоб 2 нафар, Дарвоз 1 нафар ва Ванҷ 1 нафарро ташкил медиҳад.

Афзоиши бақайдгирии касалиҳои сироятӣ (ВНМО) нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар вилоят +61 нафар (ҳамагӣ дар нимсола 714 нафар), аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз +9 нафар (0 нафар), Рӯшон +3 нафар (5 нафар), Ишкошим +3 нафар (31 нафар), Роштқалъа +5 нафар (39 нафар) ва Хоруғ +2 нафар (187 нафар) ба назар расида, барои пешгирии ин бемориҳо чораҳои мушаххас андешида шавад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шуғнон -128 нафар кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллииҳокимияти давлатии ноҳияро инъикос менамояд.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.4.(13.4,13.5) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

### 13.4. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон;

Дар нӯҳ соли 2020 510 – адад воситаҳои техникии тавонбахшӣ ба маъюбони шаҳру ноҳияҳои вилоят тақсим карда шуда, аз ҷумла 110 адад аробачаи маъюбӣ, 51 адад роҳрав (хадунок), 70 адад таъмири протези пой ва ба 248 нафар маъюб пойафзол дода шудааст.

Ҳамзамон, 13 нафар маъюб барои гирифтани протези пой ва ортез ба Корхона давлатии заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе фиристода шуданд.

Дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят, идораю муассисаҳо ва шахсони саховатпеша ба маъюбон, пиронсолон, ятимони кул, иштирокчиёни ҶБВ ва дигар табақаҳои осебпазири аҳолии вилоятдар доираи 419,9 ҳазор сомонӣ кумаки хайриявӣ расонидашуд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 5811 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +314 нафар зиёд гардидаанд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ноҳияҳои Мурғоб +160 нафар (606 нафар), Рӯшон +157 нафар (954 нафар), Шуғнон +56 нафар (918 нафар) ваИшкошим +32 нафар (936) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд ба қайд гирифта шуда, ин барои бартараф намудани тамоюли манфӣ тадбирҳои иловагӣандешида шаванд.

Камшавии шумораи оилаҳои камбизоат дар ноҳияҳои Роштқалъа -72 нафар (534 нафар),Ванҷ -31 нафар (597 нафар) ваДарвоз -7 нафар (385 нафар) ба назар расида, аз беҳтар гардидани ҳолати иҷтимоии сокинони ин ноҳия шаҳодат медиҳад.

### 13.5 Иҷроиши барномаҳои ғабулгардида

Дар доираи Барномаи кумаки унвонии иҷтимоӣ, дар нуҳ моҳи соли 2020 дар вилоят ба 4656 оилаҳои ниёзманд мақоми камбизоатӣ аз ҷумла: дар ноҳияҳои Дарвоз 297 оила, Ванҷ 467оила, Рушон 784оила, Шуғнон 757оила, Роштқалъа 440оила, Ишкошим 788оила, Мурғоб 475оила ва шаҳри Хоруғ 648 оила дода шуд,ки барои таъмини нишондиҳандаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарордошта мусоидат менамояд.

Дар соли ҷорӣ шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 28497 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли ҷорӣ -172 нафар кам гардидааст.

Нисбат ба аввали соли ҷорӣ шумораи умумии нафақахӯрон дар ноҳияҳои Роштқалъа +107 нафар (3459 нафар), Ванҷ +33 нафар (3500нафар) ваИшкошим +37 нафар (3532 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои заруриро барои назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Нисбат ба аввали соли ҷорӣ шумораи умумии нафақахӯрон дар шаҳри Хоруғ -41 (4020) ва ноҳияҳои Мурғоб -77 нафар (3002 нафар), Дарвоз -53 нафар (2465 нафар), Шуғнон -46 нафар (5044 нафар) ва Рӯшон -22 нафар (3507 нафар)кам гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии моддию молиявии гуруҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаҳои камбизоат ва фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг

**(банди 65-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1. (14.1) Бунёд, азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг (китобхонаҳо, шумораи китобҳо), инчунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо, арзёбӣ гардиданд.**

Дар вилоят дар 10 адад муассисаҳои таълимӣ фарҳангӣ, ки аз онҳо 7 мактаби санъат ва 3 мактаби мусиқӣ мебошанд, теъдоди 1655 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 204 нафар омӯзгорон фаъолият намуда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар замимаи зербанди мазкур бо нишондиҳандаи умумии вилоят мутобиқат намекунанд, аз ин лиҳоз масъулини соҳаро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани номутобиқати тадбирҳо андешанд.

Дар шаҳри Хоруғ 1 осорхона, 4 китобхона, 1 маркази фарҳангӣ , 1 хонаи методӣ, 1 клуби сайёр, 1 мактаби санъати ба номи Ноёбшоев Қурбоншо, Боғи фарҳангӣ  ва истироҳатӣ , Боғи ботаникӣ , Боғи Ғалаба, ансамбли тарона ва рақси “Гулдаста” ва “Наврас” фаъолият мекунанд. Дар муассисаҳои фарҳангӣ  69 нафар корманд кор мекунанд (23 нафар мард ва 46 нафар зан), ки аз ин 38 нафар дорои маълумоти олӣ , 18 нафар маълумоти миёнаи махсус ва 13 нафар маълумоти миёна мебошанд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 дар вилоят бунёди театри замонавӣ дар маркази шаҳри Хоруғ ба маблағи 37 млн сомонӣ аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои сохта шуда, моҳи августи соли 2020 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардид.

Дар ноҳияи Ванҷ 38 адад муассисаҳои фарҳангӣ мавҷуд буда, дар онҳо 111 нафар корманд фаъолият дошта, аз ин 22 нафар бо маълумоти олӣ,  30 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 7 нафар бо маълумоти умумӣ ва 52 нафар  бо маълумоти миёна мебошанд.

Дар назди бахши фарҳанг мактаби мусиқӣ  бо фарогирии 62 нафар хонандагон  фаъолият дошта,ба онҳо 8 нафар омӯзгор дарс медиҳанд. Дар мактаби мусиқӣ шӯъбаҳои дарсии аккордеон, фортепиано, рубоби қошқарӣ, рубоби бадахшонӣ ,синфи фалак, синфи компютер фаъолият менамояд.Аз сабаби набудани омӯзгорони ихтисосманд дар ин муассисаи таълимӣ фаъолияти ин муассиса ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Инчунин

ҷиҳати бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои фарҳангии ноҳия ягон маблағ дохил нагардидааст.

Дар нуҳмоҳаи соли равон дар ноҳияи Дарвоз аз тарафи соҳибкорони ватандӯсти диёр азнавсозии як боғи фарҳангию фароғати дар деҳаи Умарак бо номи “Вомар-ланд” муҷаҳҳаз бо тамоми таҷҳизотҳо барои бозии кӯдакону наврасон сохта, ба истифода дода шудааст. Дар баробари ин, аз тарафи соҳибкори маҳали дар деҳаи Зиғар буниёди китобхона бо маром идома дорад.

Ба ҳолати нуҳмоҳаи соли 2020 дар ноҳия 1-қасри фарҳанг, 5 –хонаи фарҳангӣ, 8 клуб, 23-адад китобхонаҳо, як мактаби мусиқӣ ва Ансамбли тарона ва рақс амал карда истодааст.

Қайд намудан зарур аст, ки аз тарафи Вазорати фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Корвони китоб ба ноҳия бо шумораи 246 нусха китоб ба маблағи 4606 (шаш хазору чорсаду шаш) сомонӣ ва 54 нусха китоб тӯҳфа ва 335 нусха китоб ба маблағи 3000 (сеҳазор) сомонӣ ва аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 50 адад китоб туҳфа ба китобхонаи марказии ноҳия ворид гардидааст.

Инчунин, дар айни замон дар ноҳияи Дарвоз 39 адад муассисаҳои фарҳангӣ ва 1 адад мактаби мусуқӣ кору фаъолият намуда истодаанд.

Аз ин шумора 9 муассиса таъмирталаб, 3 адад садамавӣ буда, 10 адад китобхона дар синфхонаҳои мактабӣ, 2 адад китобхона дар қасри фарҳангӣ ноҳия, 4 адад китобхона дар бунгоҳҳои тиббӣ, 2 адад китобхона дар ҷамоатҳои деҳот ҷой гирифтаанд. Ҳамзамон, 1 адад автомашина дар хизмати кормандони бахши фарҳанг қарор дошта, дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад. Ба ҳолати имрӯза ягон муассисаи фарҳангӣ, китобхона, клуб ва хонаҳои фарҳангӣ бо таҷҳизотҳои зарурӣ ва техналогияҳои нав таъмин нагардидаанд.

Дар ноҳияи Рушон 71 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд мебошанд, аз ҷумла, 9 хонаи фарҳангӣ, 16 клуби деҳотӣ, 1 театри халқӣ, 1 хона-осорхона, 4 клуби сайёр, 36 китобхона , 1 боғи фарҳангию фароғатӣ ва 1адад мактаби санъат фаъолият мекунад. Дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 185 нафар кормандон адои вазифа менамоянд, ки аз ин 48 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 13 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 67 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 57 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа ин норасогии кадрҳои баландихтисос маҳсуб меёбад..

Дар ноҳия Шуғнон 54 адад муассисаҳои фарҳангӣ, ки аз онҳо 1 адад қасри фарҳанг, 8 адад хонаҳои фарҳангии деҳоти, 7 адад клубҳои деҳотӣ, 30 адад китобхонаҳои деҳотӣ, 1адад китобхонаи бачагона, 1 адад китобхонаи марказӣ, 2 адад хонаи осорхона, 2 адад мактабҳои санъат, 1 адад ансамбели “Фалак”, 1 адад ансамбели тарона ва рақси “Умед”амал намуда истодаанд.

Дар ноҳияи Роштқалъа 35 муассисаи фарҳангӣ, ки аз онҳо 7 хонаи фарҳангӣ, 6 клуб, 19 китобхона, 1 мактаби санъат, 1 осорхона, 1 клуби сайёр, 1 ансанбли тарона ва рақс ва бо теъдоди 125 нафар (бо назардошти коркунони техникӣ) амал намуда истодаанд.

Сохтмони наврузгоҳ дар деҳаҳои Сежд идома ва Шошбувад ба анҷом ёфта, таъмири китобхонаи марказӣ,бунёди осорхонаи ҳунарҳои мардумӣ дар маркази ноҳия ва сохтмони хонаи фарҳанг дар маркази ноҳия дарназар аст.

Дар ноҳияи Мурғоб моҳи августи соли 2020 барои хонаи фарҳанги ноҳия тақвияти овоз ба малағи 14398 харидорӣ карда шуд.

Дар давраи ҳисоботи маълумотҳои пешниҳод намудаи ноҳияи Ишкошим нисбати нимсолаи аввал бетағйир боқӣ монда, аз ноҳияи Мурғоб вобаста ба банди мазкур маълумоти пурра пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоятро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта, чораандешӣ намоянд.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 33, 34-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдоштва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, арзёбӣ гардиданд.**

**15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,**

**15.1.Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣбаобиошомиданӣ дар сатҳиҷамоатҳовамаҳаллаҳоиаҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳоиҳаминдавраисолигузаштавабофоизнисбатбашумораиумуми иаҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣвабақияикарзион),**

Дар 9 моҳи соли 2020 ҳисоботӣ мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи вилоят шумораи аҳолӣ 231,9 ҳазор нафар буда, аз он 176,7 нафари аҳолӣ бо оби ошомиданӣ таъмин буда, дар вилоят 76,2%-ро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар ноҳияҳои Рӯшон 81,6%, Дарвоз 80%, Шуғнон 68,6% ва Ванҷ 66% ба назар расида, ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ замина гузошта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 59% ва ноҳияҳои Рошткалъа 55,5%, Ишкошим 54,7% ва Мурғоб 3,5% баробар мебошад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияро зарур аст, ки

ҷалби сармоягузории беруна ва дохиларо ба роҳ монда, ҳамкориҳоро бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ вусъат бахшида шаванд.

Дар шаҳри Хоруғ ҳолати вазнини молиявии корхонаи фаръии таъминоти об ва канализатсияи шаҳр ба назар мерасад ва қарзи кредитории корхона 5,4 млн. сомониро (нисбати 6 моҳа аввали соли ҷорӣ бетағйир) ташкил медиҳад, аз он ҷумла дар назди Ширкати "Помир Энерҷӣ" 2,22 млн. сомонӣ (нисбати 6 моҳа аввали соли ҷорӣ бетағйир), дар назди БАТР 2,5 млн. сомонӣ, андозҳо 813,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби 8 фоизи шартнома бо КВД "ХМК"-и ҷумҳуриявӣ 28469 сомонӣ қарздор мебошад. Қарзҳои дебитории КФОТ-и шаҳри Хоруғ бошад, маблағи 938393 (+204 ҳазор сомонӣ нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ) сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла, аз ҳисоби корхонаҳои буҷавӣ 344767 сомонӣ (+145 сомонӣ нисбати шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ), корхонаҳои тиҷоратӣ 70455 сомонӣ (+40755 сомонӣ нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ), аҳолӣ 35469 сомонӣ (-1131 сомонӣ нисбати шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ) ва аҳолии имтиёздошта 487702 (+18202 сомонӣ нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ) сомониро ташкил медиҳад.

Ба холати 1 октябри соли 2020 қарзи истифодаи оби нӯшокӣ дар вилоят маблағи 813,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин асосан ба шаҳри Хоруғ рост меояд.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят дар 51 деҳа (23987 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта дар 81 деҳа (31187 нафар) қисман ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз дар 16 деҳа (6100 нафар), Ванҷ дар 4 деҳа (2442 нафар), Рӯшон дар 14 деҳа (5009 нафар), Шуғнон дар 2 деҳа (534 нафар), Роштқалъа дар 8 деҳа (1008 нафар), Ишкошим дар 15 деҳа (12681 нафар), Мурғоб 5 деҳа (395 нафар), Хоруғ 3 маҳаллаи аҳолинишин (1918 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки нисбати мушкилоти бамиёномада чораҳои таъхирнопазир роҳандозӣ намоянд.

## 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ

Созишномаи татбиқи лоиҳаи инвестисионии "Беҳтар намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар шаҳри Хоруғ" аз тарафи Вазорати молияи ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД Хоҷагии манзилию коммуналӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба имзо расонда шуда, ки маблағи умумии сармоягузорӣ 4,0 млн. Доллари ИМА-ро дар бар гирифта, аз он 2,0 млн. доллари ИМА қарзи бонкӣ ва 2,0 млн. доллари ИМА-ро грант ташкил медиҳад. Соли ҷорӣ барои корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ 1 адад автомашинаи ассенизатсионӣ ба маблағи 51400 доллари ИМА ва 3 адад генератор ба маблағи 60000 доллари ИМА дастрас гардиданд. Инчунин барои таъмир ва

барқарорсозии 2 адад истгоҳи насосҳои канализатсионӣ165121 доллари ИМА ҷудо гардида, корҳои таъмирӣ ва барқарорсозӣ идома доранд. Инчунини дар доираи лоиҳаи мазкур азнавсозии иншооти обтозакунӣ, таъмири бинои маъмурӣ, сохтмон ва азнавсозии хатҳои обгузар дар шаҳр идома доранд.

Барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани маҳаллаи Шарифобод бо кумаку дастгирии Раиси вилоят 14000 сомонӣ барои харидории насоси обкаш, қубурҳои обгузар ва дигар қисмҳои танзимкунанда ҷудо гардида, корхонаи таъминоти об ва канализатсияи шаҳри Хоруғ тавонист дар муддати кутоҳ маҳаллаи Шарифободро аз оби тозаи ошомиданӣ таъмин намояд ва имрузҳо сокинони маҳаллаи Шарифобод 24 соат аз оби тозаи ошомиданӣ таъмин мебошанд.

Ба ҳолати ҳозира аҳолии шаҳри Хоруғ бо 200 адад ва идораву муассисаҳои шаҳри Хоруғбо 53 ададҳисобкунакҳои об таъмин гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботи ноҳияи Рушон бо маблағгузории «БҶИИМК-и Хазинаи Оғохонсохтмони хати оби нӯшокии деҳаҳои Басид ба масофаи 2 км, 25 нуқтаи обгузар, маблағи 489,7 ҳазор сомонӣ, Дашти Ҷамоати Бартанг 781,1 ҳазор сомонӣ, 30 нуқтаи обгузар ва деҳаи Баҷуви Ҷамоати деҳоти Пастхуфмасофаи 1,5 км, 15 нуқтаи обгузар маблағи 399,6 ҳазор сомонӣ идома дорад. Бо ташаббуси ҷавонони маҳаллаи Индарҷази деҳаи Дерзуд сохтмони хати оби нушоки ба масофаи 7,5 км Лангар –Дерзуд, 50 нуқтаи обгузар ба маблағи 520,0 ҳазор сомонӣ оғоз гардида дар арафаи анҷомёби мебошад

“Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳияи Мурғоб аҳолиро сари вақт бо обӣ нӯшокӣ таъмин менамояд, ки дар ин давра 255 тонна об ба маблағи 9450 сомонӣ дастрас гардид ва ба идораву муассисаҳо хизмат расонида мешавад. Аз тарафи МСДСП-и ноҳия барои соли ҷорӣ 5 адад чохи оби ба нақша гирифта шуда, дар давари ҳисобот 4 адад чохи оби, яъне 80 % ба анҷом расонида ба истифода дода шуд. Деҳаҳо бо чоҳҳои обӣ бо насоси механики таъмин мебошанд.

Корҳои анҷомдодаи шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз ва Шуғнон дар давраи ҳисоботӣ нисбати нимсолаи аввали соли 2020 нусхабардорӣ шуда, бетағйир боқӣ мондааст.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2016-2025» шиору овезаҳо насб гардида, буклетҳо оиди ин масъала аз чоп бароварда шуд.

Аз тарафи мутахассисони соҳаи коммуналӣ тариқи радио ва телевизион оиди Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, 2016-2025, корҳои фаҳмондадиҳи ба роҳ монда, инчунин моҳияту аҳамияти ҷаҳонии он дар муассисаҳои таълимии шаҳр вохуриҳо гузаронида шуданд. Инчунин, суҳбату вохӯриҳо бо аҳолии Ҷамоати деҳоти Даштаки ноҳияи

Дарвоз ва аҳолии Ҷамоати деҳоти Маҳмадулло Абдуллоев ноҳияи Ванҷ дар мавзӯи мазкур баргузор гардид.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияҳои Рушон ва дар мактабҳои таҳсилоти умумии №10 ва маркази эҷодии кудакон ва наврасон байни хонандагони синфҳои 9,10 ва 11 озмун оиди Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» гузаронида шуд.

Ҳамчунин аз тарафи мутахассисон дар ҳамаи ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот дар бобати тозагии об, истифодаи самаранок ва ҳифзи он суҳбатҳо ва вохӯриҳо гузаронида, моҳияти Даҳсолаи амалиёти «Об барои рушди устувор, 2016-2025» ба мардум фаҳмонда шуд.

Вобаста ба барномаи болозикр дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон, Ванҷ, Ишкошим, Роштқалъа ва Мурғоб маълумот омода нагардидааст.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. (15.5)Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” банди 30);**

Ҳаҷми баровардани партовҳо 13,9 ҳазор метри кубӣ ташкил дода, даромаднокӣ бошад, маблағи 871,0 ҳазор сомонӣ ташкил медиҳад, ки аз он ҷумла, дар шаҳри Хоруғ 6,0 ҳазор метри кубӣ ва ноҳияҳои Дарвоз 1,2 ҳазор метри кубӣ, Ванҷ 1,4 ҳазор метри кубӣ, Рушон 1,8 ҳазор метри кубӣ, Шуғнон 0,3 ҳазор метри кубӣ, Роштқалъа 0,7 ҳазор метри кубӣ, Мурғоб 1,3 ва Ишкошим 1,2 ҳазор метри кубӣ.

Аз ҷониби КДФ «ХМК»-и ноҳияи Рушон дар назди нуқтаҳои санитарӣ сандуқҳои ахлотпарто ва ҷойҳои махсуси ахлотпарто ташкил карда шуд. Дар маҷмӯъ ин нуқтаҳо дар маркази ноҳия 18 ададро ташкил медиҳанд. Дар тавозуни корхона 1 адад партовгоҳи умумӣ мавҷуд аст, ки аз маркази ноҳия 4,5 км дур мебошад. Дар 9 моҳи соли 2020 аз пеши идораву муассисаҳо ва аҳолӣ миқдори 2573 метри кубӣ ахлот тоза карда шуда, 61400 метри куби оби ошомиданӣ таъмин карда шуд. КДФ «ХМК»-и ноҳияи Рушон фаъолияташро дар асоси шартнома ба роҳ монда ба ҳолати 01.10.2020 дар маҷмуъ 661 шартномаро ба имзо расонидааст, ки аз онҳо идораву муассисаҳо 625 адад, хоҷагиҳои инфироди 36 ададро ташкил медиҳанд.

Аз ҷониби КДФ «ХМК»-и ноҳияи Шуғнон нуқтаҳои санитарӣ сандуқҳои ахлотпарто ва ҷойҳои махсуси ахлотпарто ташкил карда шудааст. Дар маҷмӯъ ин нуқтаҳо дар маркази ноҳия 27 ададро ташкил медиҳанд. Дар тавозуни корхона 1 адад партовгоҳи умумӣ мавҷуд аст, ки аз маркази ноҳия 5 км дур мебошад.

Ҳаҷми миёнаи солонаи партовҳои сахти маишӣ амалан баровардашаванда ба аҳолӣ 327 $м^3$, муассисаҳои буҷави 1500 $м^3$ ва корхонаҳои худмаблағгузор 220 $м^3$ – ро ташкил медиҳад, ки ба як нафар аҳолии маркази ноҳия тахминан 0,4 $м^3$ – ро ташкил медиҳад. Меъёри

ҷамъшавии партовҳо ба сари ҳар оила бошад 1,5 $м^3$ рост меояд. Дар маҷмуъ дар як шабонаруз 4,5 $м^3$ партовҳо кашонида мешаванд.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят айни ҳол ягон корхонаи безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада мавҷуд набуда, вобаста ба иҷрои супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 17 феврали соли 2018 таҳти №18128 (22.4) ҷиҳати дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои мақсадноки грантӣ ба истифода додани корхонаҳои хурди безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифода баромада, мактуби раиси ВМКБ №1/118 аз 16 марти соли 2018 ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид, аммо то ҳол дастгирӣ ва маблағгузорӣ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ва шарикони рушд барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, беҳтар намудани ҳолати молиявии Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Хоруғ, ва ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо

Дар шаҳри Хоруғ дар давраи ҳисоботӣ соҳилмустаҳкамкунии тарафи чапи дарёи Ғунд дар маҳаллаи Шарифобод ба маблағи 700 ҳаз сомонӣ аз тарафи Агентии Оғохон оид ба макони зист тарҳрезӣ шуда, корҳо дар ин самт ба охир расонида шуд.

Дар 9 моҳи соли равон бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии “ФОКУС” дар деҳаи Эмсии ноҳияи Рӯшон 300 м сад бунёд карда шуд. Қитъаи беҳдошти замин тоза кардани рудхонаи деҳаи Шуҷанди ноҳияро ба масофаи 80 м ва деҳаи Бағуро ба масофаи 650 метр ба охир расонид.

Инчунин, ҶДММ “Купруксоз” аз тарафи рости дарёи панҷ бокумаки маблағи ташкилотҳои байналхалки бунёд кардани садро дармасофви 400 м ба нақша гирифтааст. Барои таъмири каналҳои деҳаҳои Эмс ва Деҳ як тонна

сement ҷудо гардида қисман аз таъмири ҷорӣ бароварда шуданд. Дар канали Хуҷаободи деҳаи Пастхуф бо миқдори 20 м.кубӣ ба маблағи 1,6 ҳазор сомонӣ корҳои таркишӣ ба анҷом расонида шуд. Бо ёрии бевоситаи мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии ноҳия ба миқдори 1200 м.кубӣ канали дашти Вомар тоза карда шуда, барои таъмири каналҳои Мустансир ва Шипад 500 кг семент кумак расонда шуд.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ бо дастгирии молиявии Агентии Оғохон оид ба макони зист бо маблағи 248,8 ҳазор сомонӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунии дар деҳаи Зугванди ноҳияи Ишкошим дар масофаи 1,0 километр анҷом дода шуд.

Ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Ишкошим, Дарвоз, Шуғнон нисбати шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир боқӣ монда, аз ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа ва Мурғоб вобаста ба банди мазкур маълумотҳои муфассал пешниҳод нагардидааст.

### 16.2 Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 27);

Ҷиҳати пешгирӣ ва сари вақт бартараф намудани ҳодисаҳои нохуш дар шаҳри Хоруғ ва ҷамоатҳои шаҳракҳои И. Сомонӣ ва Ш. Шоҳтемур навбатдории шабонарӯзӣ таъсис дода шуда, масъулин ҷиҳати сари вақт расонидани ахборот ба ситоди доимамалкунанда муваззаф гардиданд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020-ум дар ҳудуди шаҳри Хоруғ ҳолатҳои хусусияти табиидошта рух надода ва ба қайд гирифта нашудааст. Ҳолати фавқулодаи техногенӣ 2 адад, ки аз онҳо 1 садамаи нақлиётӣ ва як сӯхтор ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ 627 адад оилаҳо ва ноҳияҳои Дарвоз 478 адад, Ишкошим 258 адад, Роштқалъа 254 адад, Мурғоб 41адад, Шуғнон 21 адад ва Рушон 1260 адад оилаҳо дар минтақаҳои хавфнок зиндагонӣ мекунанд, ки барои кӯчонидани онҳо ба ҷойҳои бехавф ва пешгирии зарари офати табиӣ ба ҳамкории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граҷданӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вусъат бахшида шавад.

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим дар нӯҳ моҳи соли 2020 танҳо ду ҳолати фавқулоддаи табиӣ дар ноҳия ба қайд гирифта шуд, ки ҳаҷми зарари онҳо 1076,0 ҳазор сомонӣ дар асоси санади комиссияи ҳолатҳои фавқулодда муайян карда шудааст. (аз сармоҳи бемаҳал зарар дидани 57,5 га кишти картошка, афтидани куҳпора ба канали магистралии Дашти селексионӣ ва дар масофаи 60 метр вайрону валангор гардидани ин иншоот).

Дар бораи нақшаи миёнмуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирати экологӣ барои солҳои 2017-2020 аз ноҳияи Мурғоб 13 оила ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шуд. Дар давраи нӯҳмоҳаи соли ҷорӣ офати табиӣ бақайд гирифта нашуд. Дар бораи нақшаи миёнмуҳлат муташккилона

кӯчонидани муҳоҷирати экологӣ барои солҳои 2021-2023 дар деҳоти Ҷамоати Ранкӯли ноҳияи Мурғоб ҳамагӣ 41 оила пешгирии зарари офати табиӣ ба нақша гирифт шуд.

Дар ноҳияи Рӯшон 31 деҳа (72,1%), 208 хонавода (4,3%), 1260 нафар (4,7%) аҳолӣ дучори ҷараёнҳои геологии таҳдидкунанда мебошанд. Шумораи бештари аҳолӣ дар мавзеи хавфнок дар ҷамоатҳои Рушон (379 нафар) ва Бартанг (231 нафар) зиндагӣ мекунанд. Ҷамоатҳои осебпазир Бартанг (10,9%) ва Басид (9,1%) маҳсуб меёбанд.Дар ин самт ҳамасола аз тарафи Мақомоти иҷроияи хокимияти давлатии ноҳия барои аҳолие, ки дар ҷойҳои бехавф истиқомат доранд, қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ҷудо карда мешавад.

Мувофиқи нақшаи миёнамӯҳлати ба ҷойҳои бехавф кӯчондани муҳоҷирони экологӣ дар ноҳияи Рошткалъа дар соли 2020 10 хоҷагӣ, аз он 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти М.Миршакар, 1 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Барвоз, 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Рошткалъа, 3 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Қ.Гадолиев ва 2 хоҷагӣ Ҷамоати деҳоти Тусён ба нақша гирифта шуда, аз тарафи бахши муҳоҷирати ноҳия ҳуҷҷатнигории ҳамаи ҳоҷагиҳо мувофиқи тартиби муҳоҷиркунонӣ ба роҳ монда шуда, корҳои фаҳмондадиҳи дар ин самт гузаронида шуд.

Вобаста ба банди мазкур дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ такрор буда, аз ноҳияи Ванҷ маълумоти муфассал пешниҳод нагардидааст.

### 16.3. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқаррапгардида, арзёби гардиданд.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард.

Оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-марти соли 2011, №97 «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор» Раёсат корҳои муайяне амалӣ карда истодааст. Аз қабули қарори мазкур то ин дам, мувофиқи маълумотҳои ба дастомада, 8284 –адад лампаҳои каммасраффи симобдори аз истифода баромада ҷамъоварӣ ва дар нуқтаҳои қабули муассисаҳои хоҷагиюкомуналии шаҳру ноҳияҳои вилоят нигоҳдошта шудаанд, ки ба шаҳри Душанбе барои безарар гардони интиқол додашуданд. Айни ҳол дар корхонаҳои мазкури шаҳру ноҳияви лампаҳои корношоями симобдор 672 адад ҷамъовари карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз кор баромада, аз аҳолӣ ва идораву корхонаҳо 2617 адад, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 327 адад, Дарвоз 1150 адад, Шуғнон 475 адад, Рӯшон 350 адад, Рошткалъа 250 адад ва Ишкошим 65 адад ҷамъоварӣ карда шудааст, ки безараргардонии он ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мондааст.

Дар шаҳри Хоруғ барои ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои аз истифодабаромада, корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар ҳудуди худ нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори аз истифодабаромадаро ташкил намуда, нигоҳдории онҳоро таъмин менамояд ва барои гуронидан ва безарар кардани лампаҳои симобдор ҷойи муайян ҷудо карда нашуда, лампаҳои истифодабурдашудаи симобдор ба шаҳри Исфараи вилояти Суғд интиқол дода мешаванд.

Аз сабаби набудани корхонаҳои саноатӣ дар ноҳияи Рушон аксарияти партовҳо хонагӣ буда, хатари ҷиддӣ надоранд ва ба таври оддӣ ғӯронида шуда, безараргардонида мешаванд. Дар 9 моҳи соли равон 618 адад лампаҳои симобдор безарар гардонида шуданд

Дар ноҳияи Роштқаъла бо қарори раиси ноҳия барои хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия дар мавзеи Анҷин қитъаи замин барои ҷобаҷокунии партовҷой ҷудо гардид. Қитаъи замин, ки майдони 1 га дар бар мегирад, тахту ҳамвор карда шуд. Аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатнома оиди фаъолият ба ҳуқуқи ҷамъоварӣ, истифодабарӣ, безараргардонӣ, кашонидан ва ҷойгиркунонии партовҳо гирифта шудааст. Барои ҷамъоварии партовҳо дар маркази ноҳия 8-қуттии махсус ҷойгир шуда, назди мактабҳо, касалхонаи минтиқавӣ қуттиҳои махсуси партовҷамъкунӣ ташкил карда шуда, бобати сари вақт ҷамъоварӣ намудани партовҳо назорат бурда мешавад.

Лампаҳои симобдорро сокинони ноҳияи Мурғоб бо нуқтаи ҷамъиятӣ Хоҷагии манзилию комуналии ноҳия месупоранд, ки аз тарафи корхонаи номбурда нуқтаҳои қабул, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории лампаҳои симобдор ҷудо гардида, ки он ба талабот ҷавобгӯ нест.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1, 17.3, 17.4, 17.5 ) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3. (17.6) Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. (17.1, 17.3, 17.4, 17.5 ) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш,

**17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон;**

Шумораи умумии ҷавонон дар вилоят 79672 нафарро буда, ки аз онҳо 296 нафарашон ҷавонони роҳбарикунанда тибқи ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ташкил медиҳанд.

Дар нӯҳ моҳи соли 2020 867 нафар ҷавонон расман ақди никоҳ баста ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 324 ҳолат кам мебошад. Ҷудошавии оилаҳои ҷавон бошанд 120 ададро дар бар мегирад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34 ҳолат кам ба назар мерасад. 3201 нафар ҷавонон ҳамчун ҷавонони бекор ба қайд гирифта шудаанд.

Аз ҷумла ҷавонони роҳбарикунанда дар шаҳри Хоруғ +-0 нафар (6 нафар роҳбарикунанда) ва дар ноҳияҳои Ванҷ +8 нафар (ҳамагӣ 95), Мурғоб +11 нафар (26 нафар роҳбарикунанда) ва Рӯшон +-0 нафар (1 нафар роҳбарикунанда) ташкил додааст, ки нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд марҳила ба марҳила таъмин гардида истодааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияи Ишкошим -2 (3 нафар роҳбарикунанда) нисбат ба давраи соли гузашта кам гардидааст, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри болозикрро барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба миён омадааст.

Инчунин, вобаста ба масъалаи мазкур дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъа маълумот пешниҳод нагардидааст.

**17.3. Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо);**

Дар шаҳри Хоруғ 50 адад иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла 13 толори варзишӣ, 1 маҷмааи варзишӣ ва 1 варзишгоҳ барои шаш ҳазор ҷойи нишаст вуҷуд доранд. Ҳамзамон, бо маблағгузории ташкилоти ватанӣ ва шарикони рушд дар ояндаи наздик сохтмони шаш адад майдончаи варзишӣ дар шаҳр дар назар дошта шуда, ҷойҳо барои сохтмони онҳо дар маҳаллаҳои шаҳр муайян гардиданд.

Дар нуҳ моҳи соли 2020 дар Ҷамоати деҳоти Поршинев назди муассисаи таҳсилоти миёнаи №12 ва №14 ноҳияи Шуғнон майдончаҳои варзишӣ оғоз гардидаанд.

Ноҳияи Рушон дорои 3 варзишгоҳ, 4 толори варзишӣ, 34 майдончаи варзишӣ ва 1 клуби варзишии “Вастан” мебошанд. Ноҳия аз 43 деҳа иборат буда, 17 деҳаи он зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд. Мувофиқи нақша чорабиниҳо то соли 2030 16 адад иншоотҳои варзишӣ бунёд карда мешаванд.

Аз ҷумла, дар Ҷамоати деҳотиМ.Абдулвосиевдар соли 2020 2 майдончаи варзишӣ, Н.Додхудоев 1 толори варзишӣ соли 2020, 1 майдончаи варзишӣ соли 2021 ва 1 майдончаи варзишӣ дар соли 2028, Ҷамоати Рушон 1 адад толори варзишӣ соли 2020, 2 майдончаи варзишӣ дар солҳои 2022-2030,

Пастхуф 1 толори варзишӣ соли 2021 ва майдончаҳои варзишӣ соли 2023, ҷамоатҳои Бартанг, Басид ва Савноб то соли 2021- 2030 6 майдончаи варзишӣ ва толорҳои варзишӣ сохта ба истифода дода мешаванд.

Соли равон дар деҳаҳои Барзуд, Шуҷанд, Шпад ва Шидзи ҷамоатҳои деҳоти Н.Додхудоев, Рушон, Абдулвосиеви ноҳияи Рушон майдончаҳои варзишии замонавӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Ба ҳолати имрӯза дар ноҳияи Ишкошим дар 14 деҳаҳое, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, толорҳои варзишӣ умуман вуҷуд надоранд ва танҳо дар ду адади ин деҳаҳо қитъаи замин барои сохта ва ба истифода додани майдончаҳои варзишӣ ҷудо гардида, айни замон сохтмони ин майдончаҳо идома доранд. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар деҳаи Зонги Ҷамоати деҳоти Зонг бо иқдоми ҷавонон ду варзишгоҳ ва аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон варзишгоҳ дар маркази ноҳия сохта шуда истодаанд.

Вобаста ба банди мазкур ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Шуғнону Мурғоб маълумотҳои нопурра дошта, ҳисоботҳои ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва Роштқалъа такроран аз нимсола буда, дар ҳисоботи вилоят маълумот дарҷ нагардидааст, ки ин нишона аз камтаваҷҷуҳии масулини соҳа ба самти ҷавонон дарак медиҳад.

### 17.4. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ, баргузор намудани мусобиқаҳои гуногун аз рӯи ҳамаи намуди варзиш (банди 85 паём);

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 дар ВМКБ 171 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шуда, теъдоди фарогирифта 5714 нафар, яъне 1287 нафар зан ва 4427 нафар мардро ташкил медиҳад. Дар давоми нимсола дар вилоят 192 чорабиниҳои варзишӣ бо фарогирии 11297 нафар, ки аз инҳо 8646 нафар мард ва 2651 нафар зан мебошанд, гузаронида шуданд.

Бо мақсади оммавӣ гардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз дар доираи Нақша - чорабиниҳо бахшида ба ҳар иду ҷашнҳо як қатор мусобиқаҳои гуногуни варзишии сатҳи ноҳиявӣ вилояти баргузор кардаанд.

Дар давоми нуҳмоҳаи соли 2020 3 маротиба гуштин аз намуди "Ҷудо" байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ, 2 маротиба гуштини "Миллӣ" байни сину соли гуногун, 3 маротиба баскетбол, 3 маротиба волейбол, 13 маротиба фӯтбол, 2 маротиба теннси рӯи мизӣ доир гардид, ки ғолибон бо мукофотҳои таъсисдодаи кумитаи тадорукоти қадрдонӣ карда шуданд.

Тазаккур бояд дод, ки аз байни варзишгарон дар мусобиқаҳои гуногуни варзишии баргузорнамуда, беҳтаринҳо интихоб гардида, барои иштирок дар мусобиқаҳои сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ омода карда мешаванд.

Бо ибтикори бахши ҷавон ва варзиш дар Ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Шуғнон чорабиниҳои гуногуни варзишӣ ба монанди валейбол, баскетбол, шохмот ва тениси рӯи мизӣ ташкил ва баргузор шуда истодааст.

Дар самти оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ дар ноҳияи Ишкошим як қатор корҳо роҳандозӣ гардида, дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ бо иштироки зиёди алоқамандони варзиш бозиҳои варзишӣ аз қабили "Гӯштини миллӣ", "Волейбол", "Тенниси рӯи мизӣ", "Футболи хурд" инчунин "Дави миллӣ" ташкилу гузаронида шуданд. Дар нӯҳмоҳи соли 2020 14 мусобиқаи варзишӣ ташкилу гузаронида шуд. Дар ин мусобиқаҳо 1614 нафар варзишгар иштирок намуда, аз ин нишондиҳанда 230 нафар занон мебошанд.

Маблағи умумии мусобиқаҳои доир гардида 16,4 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар самти омодасозии варзишгарони касбӣ бошад, айни замон имкониятҳо маҳдуд буда, мавҷуд набудани толорҳои варзишӣ, норасогиҳои таҳҷизотҳои варзишии муосир дар ин ҷода монеа пеш оварда истодааст.

Ҷавонони ноҳияи Роштқалъа дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намудаистодаанд. Дар доираи омави гардонии варзиш аз моҳи январ сар карда дар варзишгоҳи маркази ноҳия, деҳаҳо, ва толори варзишии Ҷамоати деҳоти Тусиён машқҳои пагоҳирӯзӣ ба роҳ мондааст.

Бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар давоми нимсолаи соли 2020 дар ноҳияи Мурғоб 14 чепионати бозии миллӣ "Ордо 2020" дар байни ҷамоатҳои ноҳия ташкил карда, дар он бозиҳои волейбол, шоҳмот, теннис баргузор гардид. Дар ноҳия аз тарафи сокинон машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шуда дар он 1218 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо 487 нафарашонро ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Ванҷ баҳри баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар ин давом бинобар сабаби хурҷҷи бемории коронавирус машқҳои пагоҳирӯзиро ба таъхир гузошт.

Хотиррасон бояд шуд, ки маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рушон такроран аз нимсолаи соли 2020 мебошанд.

### 17.5. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём)

Дар вилоят ҷамъи умумии иншоотҳои варзишӣ 364, як маҷмааи варзишӣ, аз ҷумла 68 толори варзишӣ, 283 майдончаҳои оддии варзишӣ, 11 варзишгоҳ, 3-то қасри варзишии «Вастан» дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон мавҷуд буда, 10 мактаби варзишӣ бо фарогирии 3632 нафар варзишгар, аз ҷумла 668 духтар фаъолият карда истодааст.

Дар давоми соли 2019 ва нӯҳмоҳаи соли 2020 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 3 толор ва 3 майдончаи варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Роштқалъа як толори варзишӣ ва як майдончаи варзишӣ аз тарафи Вазорати энергетика ва захираҳои об, дар ноҳияи Рӯшон як толори варзишӣ ва 3 майдончаи варзишӣ, 1 толор ва 2 майдонча аз тарафи соҳибкор ва 1 майдонча аз тарафи шарикони рушд, дар

ноҳияи Шуғнон як толор аз тарафи сокинони маҳали Гожак ва дар шаҳри Хоруғ 3 майдончаи варзишӣ, ду майдончаи варзишӣ аз тарафи Федератсияи футболи Тоҷикистон ва 1 адад аз тарафи Агентии Оғохон оид ба макони зист сохта ба истифода дода шуданд.

Дар шаҳри Хоруғ 50 адад иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла 13 толори варзишӣ, 1 маҷмааи варзишӣ ва 1 варзишгоҳ барои шаш ҳазор ҷойи нишаст вуҷуд доранд. Ҳамзамон, бо маблағгузории ташкилоти ватанӣ ва шарикони рушд дар оянда наздик сохтмони шаш адад майдончаи варзишӣ дар шаҳр дар назар дошта шуда, ҷойҳо барои сохтмони онҳо дар маҳаллаҳои шаҳр муайян гардиданд.

Дар ноҳияи Шуғнон аз тарафи соҳибкорону тоҷирон дар нуҳ моҳи соли 2020 бунёди иншоотҳои варзишӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар ноҳияи Дарвоз 2 адад варзишгоҳ бо фарогирии 1200 ҷойи нишаст, 1 клуби варзишӣ бо шумораи 250 ҷойи нишаст, аз тарафи соҳибкорон дар солҳои 2011 то 2016 сохта шуда, мавриди истифодабарӣ қарор доранд. Инчунин, 24 майдончаи варзишӣ ва 10 толори варзишӣ дар тавозуни муассисаҳои таълимии ноҳия буда, барои варзишгарон ва ҷавонон хизмат расонида истодаанд.

Дар нӯҳмоҳаи соли 2020 дар ноҳияи Ишкошим бо иқдоми ҷавонон ва сокинони деҳаи Зонг сохтмони ду адад майдончаи варзишӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Мурғоб дар давоми давраи ҳисоботӣ аз тарафи соҳибкорону тоҷирон, иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла дар Ҷамоати Ғ. Бердибаев толори варзиши сохта шуда истодааст.

Дар ноҳияи Роштқалъа низ сохтмони толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ аз тарафи ҷавонони деҳаҳо низ маблағгузорӣ карда мешаванд ва корҳои сохтмонӣ пурра аз тарафи ҷавонон ба тариқи ройгон анҷом дода шуда истодааст. Дар соли ҷори дар Ҷамоати деҳоти Барвоз аз тарафи соҳибкор Назаршоев майдончаи варзиши сохта шуда истодааст.

Вобаста ба рафти сохтмонҳои иншоотҳои варзишӣ дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ маълумот дарҷ нагардидааст.

### 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Даъвати ҷавонписарон ба хизмати ҳарбӣ яке аз маракаҳои муҳими сиёсӣ буда, хушбахтона ҷавонони бо нангу номуси вилоят аввалин шуда худихтиёрӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданд ва даъвати ҷавонописарон ба муҳлати муқарраргардида 102,3% иҷро гардида, теъдоди наваскарон 236 нафарро ташкил дод. Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси Ватандустии ҷавонон аз ҷониби Раёсат ва сохторҳои он 171 суҳбату вохуриҳо, 41 озмун, 17 мусобиқаи ҳарбӣ-варзишӣ бо фарогирии 22256 наврасону ҷавон гузаронида шуда, ин боис гардид, ки ҷавонон аз шароити хизмат воқиф гарданд ва ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил шаванд.

Баҳри боло бардоштани ҳисси ватанпарастии ҷавонон ва дар сатҳи зарурӣ дар шаҳри Хоруғ баргузор намудани маъракаи муҳими сиёсӣ -даъвати ҷавонписарон ба хизмати ҳарбӣ дар соли 2020, корҳои таблиғотию ташвиқотӣ бо даъватшавандагон, волидайни онҳо, раисони маҳаллаҳо ва фаъолону шахсони обрӯманди шаҳр анҷом дода шуда, нақшаи даъватӣ баҳорӣ ва тирамоҳи соли 2020 100 фоиз иҷро гардида, ҷавонписарони обутобёфта ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ба хизмати ҳарбӣ сафарбар гардиданд

Дар нуҳмоҳаи соли 2020 ноҳияи Дарвоз даъвати тирамоҳӣ ба саффи Қувваҳои Муссалаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро 113 фоиз иҷро шудааст. Тазаккур медиҳем, ки тайи ҳафт соли охир ноҳияи Дарвоз яке аз аввлинҳо шуда, нақшаи даъват ба хизматӣ ҳарбиро сарбаландона ба иҷро мерасонад.

Хотиррасон бояд шуд, ки маълумотҳои ирсолнамудаи ин банд аз ҷониби ноҳияҳои Шуғнон, Ванҷ, Рушон, Ишкошим, Мурғоб ва Роштқалъа такроран аз нимсолаи якуми соли 2020 буда, ба ҳисоботи нӯҳмоҳаи соли ҷорӣ мутобиқат накарданд.

### 17.3 (17.6) Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ

Дар давоми нуҳ моҳи соли 2020 аз ҳисоби ҷавонон дар вилоят 47 ҷиноят содир шудааст нисбати соли 2019, 5 ҳолат зиёд гардидааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз тавассути гузаронидани суҳбату вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷавонон тавонистаанд, ки тамоюли содиршавии ҷинояту ҷинояткориро дар байни ҷавонон коҳиш диҳад. Натиҷаи чунин корҳои ташвиқотию тарғиботии байни ҷавонон самраи хуб дода, дар нуҳмохаи соли 2020 дар байни ҷавонон ягон ҳолати содиршавии ҷиноят ба қайд гирифта нашудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҷавонони ноҳия ҳама зуҳуроти номатлуби замона мубориза бурда, бегонапарастӣ ва амалҳои ғайриқонуниро маҳкум менамоянд.

Ба ҳолати 1 октябри соли ҷорӣ дар ноҳияи Рушон аз тарафи ҷавонои як адад ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Бо мақсади пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, экстремистию терористӣ мақомоти ноҳияи Ишкошим пайваста байни ҷавонон суҳбату вохӯриҳо доир кард мешавад. Хушбахтона ба ҳолати имрӯза шомилшавии ҷавонони ноҳия ба ягон ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва терористӣ вуҷуд надорад.

Инчунин, бо мақсади пешгирии намудани содиршавии ҷиноят эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ раиси ноҳияи Мурғоб дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия байни аҳолӣ ва ҷавонони ноҳия вохӯри гузаронидааст.

Вобаста ба банди мазкур дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ ва Роштқалъа маълумот дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. (18.1, 18.2, 18.3) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

### 18.1. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (банди 41 паём)

Дар ҳудуди вилоят ба ҳолати имруза 45 нафар субъектони хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) бо иҷозатномаи махсуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодаанд. Аз ҷумла: Дарвоз 1, Ванҷ 1, Рӯшон 2, Шуғнон 2, Ишкошим 2, Мурғоб 14 ва шаҳри Хоруғ 17 адад мебошанд.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят баҳри беҳтар намудани инфросохтори соҳаи туризм аз сектори хусусӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, айни замон дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 12 адад, ноҳияҳои Ишкошим 20 адад, Мурғоб 14 адад Рӯшон 8 адад, Дарвоз 8 адад, Шуғнон 4 адад, Роштқалъа 4 адад ва Ванҷ 2 адад меҳмонхона барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ омода мебошанд, ки аксарияти аз ин меҳмонхонаҳо фаъолияти мавсимӣ доранд, ки ҳисоботи пешниҳод намудаи нисбати охири соли гузашта номутобиқати ба назар мерасад.

Бо мақсади ташаккул додани туризми табобатию солимгардонӣ, ки ин шакли аз ҳама паҳншудатарини фаъолияти туристӣ буда, бо мақсади истироҳат, солимгардонӣ, барқароркунии ҷисмонӣ ба шумор меравад, ва дар ҳудуди вилоят 4-осоишгоҳ Гарм-Чашма, Авҷ, Биби Фотимаи Зуҳро ва Ҷелондеҳ арзи вуҷуд доранд, ки барои сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат мерасонанд, ки маълумоти мазкур нисбати 3 моҳаи аввали соли 2020 бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳри Хоруғ барои сайёҳон 43 адад ширкатҳои сайёҳӣ аз ҷумла, “Ассотсиатсияи сайёҳӣ-экологии Помир”, “Тур Де-Памир”, “Бадахшон-Травел”, “Де-Памирӣ”, Ассотсиатсияи ронандагони “Сафар”, “Помир Лоҷ”, инчунин меҳмонхонаҳои “Лаъл”, “Деҳлӣ-Дарбор”, “Помир Вояж”, “Серена”, “Помир Тревела” ба сайёҳони дохилию хориҷӣ бо сатҳи хизматрасонии лозимӣ шароит муҳайё кардаанд. Ҳамзамон, зиёда аз 45 адад

меҳмонхонаҳои хусусӣ, 40 адад хомстейҳо ва 45 адад объектҳои таърихию фарҳангӣ арзи вуҷуд доранд.

Ноҳияи Ванҷ бахри иҷрои Накшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пайваста дар зери назорат қарор дошта, барои амалисозии бандҳои нақша чорабиниҳо корҳо дар ҳама самт вусът тоза бахшидааст. Дар ин давра бинобар сабаби паҳншавии бемории сироятии коронавирус ягон нафар сайёҳ ба ноҳия дохил нагардидааст.

Ба ҳолати нӯҳмоҳаи соли 2020 дар ноҳияи Дарвоз 10 адад меҳмонхона, 2 адад меҳмонхонаи замонавӣ “Карон -Палас” 8 адад ҳомстей, 1 адад тарабхона, 1 адад истироҳатгоҳ, 1 адад минтақаи шикор, 1 ширкати сайёҳӣ, ҶДММ “М- Сайёд”, 1 адад мавзеи таърихию фарҳангӣ, 25 адад мавзеъҳои зиёратӣ, 5 адад мавзеи сайёҳати экологи, 128 адад нуқтаи умумӣ(мағоза ва ошхона) 16 адад ташнобҳои сарироҳӣ, 3 адад автомати пардохти маблағ, 4 адад нуқтаи хизматрасонии бонкӣ, 4 адад бонкамат, 1 беморхонаи марказӣ, 7 маркази саломатии деҳотӣ, 2 адад беморхонаи минтақавӣ, 25 адад бунгоҳи тиббӣ, 3 адад ҳаммом, 2 адад сартарошхона, 2 адад нуқтаи таъмири автомабил, 15 адад нуқтаи фурӯши сӯзишвории автомабилӣ, 3 адад нуқтаи фурӯши қисмҳои эҳтиётии автомабил ва 4 адад нуқтаи фурӯши гази моеъ, 9 адад нишастгоҳ (бисеткаҳо) сохта шуда фаъолият доранд. Шароити хизматрасонӣ дар тамоми меҳмонхонаҳо, ҳомстей, тарбхонаҳо ва дигар бинову иншоотҳо ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад.

Айни ҳол дар ноҳияи Рушон 6 ширкати туристӣ ( ЧДММ « Сарез-тревел, «Боми ҷахон тур», (Бартанг сарезтур), ( Хело Чолоиб), «Динар сервис), (Дарвозаи Помир» ва ду ташкилоти ҷамъиятӣ (ТҶММ «Боми Ҷизев» ва «Парчам») ба қайд гирифта шуда, аз онҳо се ширкат фаъолият доранд. Дар қаламрави ноҳия барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ 6 меҳмонхонаҳо бо ҷойи нишасти 60 нафар ва 27 Хоместей (истироатгоҳои замонавӣ) бунёд гардида, дар хизмати сайёҳон қарор доранд.

Ба ҳолати 1.10.2020 дар ноҳия 147 адад нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ ва 261 адад субъекти савдо ва хизматрасонии пулакӣ фаъолият дошта дар хизмати сайёҳон қарор доранд..

Дар ноҳияи Мурғоб 5 нуқтаҳои фуруши ҳунарҳои мардумӣ ва армуғони маҳаллӣ мавҷуд буда, фаъолият карда барои харидори намудани сайёҳон ҳунарҳои дастии мардумиро омода мекунанд. Аз онҳо 1 нафараш ҳунарманд барои боз ҳам тақвият бахшидани фаъолияти худ дар ин самт барои гирифтани грант лоиҳаи тиҷоратии худро таҳия намуда, барои дастгирӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят пешниҳод намуд. Ҳамчунин ҳаминсол 2 нафар занон аз Ҷамоатҳои Аличур ва Рангкӯл барои кушодани сехи дӯзандагӣ ва барои коркарди пашм дипломи грантро ҳамагӣ ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ гирифтанд. Дар шаҳраки Мурғоб, Ҷамоати Каракӯл сохтмони меҳмонхонаҳои замонавӣ барои беҳтар намудани хизматрасонии сайёҳон идома ёфта, соли 2021 бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода мешавад. Дар мавзеи Модиёни ноҳияи Мурғоб сохтмони

санатория ба истифода дода шуда, барои истироҳати сайёҳон шароитҳои замонавӣ муҳайё карда шудааст. Ҳамчунин дар ин самт барои хизматрасонӣ ба сайёҳон дар ноҳияи Мурғоб 14 меҳмонхонаҳо, аз он ҷумла гест хаусҳо ба қайд гирифта шуда, айни ҳол хизматрасонида истодааст. Дар Ҷамоати Ғ.Бердибаев кушиш ба ҳарҷ дода барои рушди сайёҳии доҳилӣ, яъне барои рушди сайёҳони табобатӣ бо шири асп "Қимиз" ташкил намуда, то ҳоло хизмат карда истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар ноҳияи Роштқалъа ширкати сайёҳӣ таъсис дода нашуда, айни ҳол дар ҳамкорӣ бо соҳибкори маҳаллӣ лоиҳа оиди рушди инфрасохтори сайёҳӣ омода карда шуда, ба шарикони рушд ирсол карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки маълумоти пешниҳод намудаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнону Ишкошим нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ такрор ба назар мерасад.

## 18.2. Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ

Ба ҳолати имрӯза дар ҳудуди вилоят 5 адад маркази иттилоотии сайёҳӣ, аз ҷумла 1 адад дар ноҳияи Дарвоз, 2 адад дар шаҳри Хоруғ ва 2 адад дар ноҳияи Мурғоб фаъолият карда истодаанд.Тибқи Барномаи Бонки Умумиҷаҳонӣ зербанди-1, лоиҳаҳои иҷтимоӣ дар ноҳияи Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб ташкили марказҳои иттилоотӣ барои сайёҳон пешниҳод шуданд.

Вобаста ба иҷрои банди болозикр шуъбаи рушди сайёҳии вилоят тавассути портали мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ имкониятҳои рушди соҳаи сайёҳиро муаррифӣ карда истодааст. Инчунин, тамоми субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, марказҳои иттилоотӣ (АСЭФП, Мурғоб) ва маҷмӯи хизматрасонии сайёҳии вилоят тавассути сомонаҳои хусусӣ имкониятҳои бузурги сайёҳиро ҳамарӯза барои сайёҳон ба марази тамошо гузоштаанд. Аммо ҷиҳати муаррифӣ кардани имкониятҳои бузурги сайёҳии вилоят шуъба ва бахшҳои рушди сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамарӯза тариқӣ сомонаи иҷтимоии Фейсбук маълумотҳои дақиқи объектҳои самти сайёҳиро муаррифӣ карда истодааст.

Бо мақсади аниқ ва диқиқ муайян намудани шумораи сайёҳони воридгардида ба ноҳияи Дарвоз дар дидбонгоҳи БДА дар қитъаи Шоҳон – Зиғар дафтари махсус ташкил карда шуда, шумораи сайёҳони ба ноҳия дохилгардида бо тамоми маълумотҳои зарурӣ ба қайд гирифта мешаванд.

Ба ҳолати нӯҳмоҳаи соли 2020 тариқи дидбонгоҳи дар боло зикргадида 69 нафар сайёҳ ба ноҳия ташриф овардааст.

Дар соли 2020 аз ҳудуди ноҳияи Рушон беш аз 280 нафар сайёҳоне, ки расман ба қайд гирифта шудаанд, аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии ноҳия дидан намуд. Дар асл бошад бошад шумораи сайёҳони ғайрирасмӣ, ки мавзеъҳои таърихию фарҳангии ноҳияро пайваста дидан менамоянд хеле зиёд мебошад. Мушкили асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин номукаммал будани расмиёти бақайдгирӣ ва тартиби иҷозатномагирӣ мебошад. Зеро тибқи расмиёти бақайдгирии муқарраргардида, сайёҳон дар сатҳи миллӣ ба қайд гирифташуда, маблағи пардохти иҷозатномаро низ

дар марказ месупоранд. Дар навбати худ, буҷети маҳаллӣ аз даромадҳои соҳа бе канор монда, рушди устувори соҳаро дар сатҳи маҳаллӣ таъмин карда наметавонад.

Дар ноҳияи Мурғоб 16 ширкатҳои сайёҳӣ ба кайд гирфта шуда, нимсолаи соли ҷорӣ ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ноҳияи Мурғоб 6 нафарро ташкил дода нисбат ба нишондоди соли 2019 ба 7989 нафар кам мебошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо сабаби хуруҷи касалии COVID-19 дар давлатҳои дигар, ташрифи сайёҳон ба ноҳияи Мурғоб кам гардид.

Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба ноҳияи Мурғоб ташриф меоранд дар дидбонгоҳҳои дахлдор сабт гардида ҳисоботи омори дар зери назорат қарор дорад.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояту шаҳри Хоруғ такроран аз нимсолаи аввали соли ҷорӣ буда, ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Роштқалъа бошанд вобаста ба замимаҳо маълумот омода нагардидааст.

## 18.3. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;

Бо мақсади ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ дар сайти Рушон шабакаи интернет мунтаъзам дар мавзӯи урфу одатҳои миллӣ, дастовардҳои ноҳия ба чорабиниҳои варзишию фарҳангӣ баргузор шуда, роликҳои таблиғотӣ пахш карда мешаванд. Дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ҷалби сайёҳон меҳмонхона, ошхона ва ҳаммом дарҳои худро воз намуданд, ки сайёҳон метавонанд аз онҳо истифода баранд. Ноҳия дорои мавзеҳои истироҳатӣ, ҷойҳои тамошобоб ва ёдгориҳои таърихӣ ба монанди Кули Сарез, Боми Ҷизев, Қалъаи Вомар, водии Хуф, мавзеҳои тамошобоби Савноб, Равмед, Басид, Спонҷ ва ғайра мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ маълумотҳои пешниҳодгардидаи вилоят, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Ишкошим ва Роштқалъа нисбати шашмоҳаи аввали соли 2020 бетағйир боқӣ монда ноҳияи Шуғнон маълумот тамоман пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта, аз ҷумла беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ, мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ ва таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 80-и паём)

## 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

## 19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Имрӯз дар вилоят аз ҳисоби занон 1 нафар ба ҳайси раиси ноҳия, 1 нафар муовини раиси вилоят, 7 нафар муовинони раисони шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳо, 10 нафар мудирони шуъбаҳои МИМҲД-и шаҳру ноҳияҳои вилоят , 20 нафар мудири бахшҳои МИМҲД-и шаҳру ноҳияҳои вилоят буда, 22 нафар зан вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 77 нафар занон вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия мебошад.Ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Дарвоз11 нафар, Ванҷ 10 нафар, Рӯшон 7 нафар, Шуғнон 11 нафар, Роштқалъа 9 нафар, Ишкошим 8 нафар, Мурғоб 13 нафар ва шаҳри Хоруғ 8 нафар шомиланд.

Бо супориши Раиси Вилояти Мухтори К\ҳистони Бадахшон гур\ҳҳои корӣаз ҳисоби роҳбарони идораву муассисаҳои вилоятӣ ташкил карда шуда, дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят вохӯриҳо бо усули хона ба хона оиди пешгирии паҳншавии бемории Ковид-19 корҳои фаҳмондадиҳӣ вохӯриҳо гузаронда шуданд.

Шуъбаи кор бо занон ва оилаи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, бо мақсади иҷрои протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020 № 9 ҷиҳати ҳар як оила захира намудани маводҳои ғизоӣ, консервакунонӣ, коркарди сабзавоту меваи хушк,маҳсулотӣ ширӣ ва инчунин паҳншавии хуруҷи дуввуми COVID 19 суҳбату вохуриҳоро бо занон-бонувони шаҳру ноҳияҳо баргузор гардид.

Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2020, №05-1371 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он ба ҳолати 1 апрели соли 2020 теъдоди воҳидҳои кории хизмати давлатии шаҳрвандӣ 758 ададро ташкил дода, 90 (11,8 фоиз) ҷойи холӣ мавҷуд буда, 668 нафар (88,1 фоиз) хизматчиёни давлатӣ амалан фаъолият доранд, ки аз ин шумора 217 нафар (30,6 фоиз)-ро занон ташкил медиҳанд.

Кадрҳои роҳбарикунанда, ки аз мансабҳои сиёсӣ, категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум иборатанд, 254 нафар (38,0 фоиз)-ро ташкил дода, аз ин шумора 53 нафар (20,8 фоиз) занон мебошанд.

Дар самти "баробарии гендерӣ" нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба Маҷлиси вакилони халқи ҷамоати деҳоти ноҳияҳои Дарвоз +6 (ҳамагӣ 13 нафар), Мурғоб +5 (13 нафар), Ишкошим +4 (10 нафар), Шуғнон +2 (11 нафар) ва Роштқалъа +2 (11 нафар) зиёд занон шомил гардиданд, ки баланд бардоштани сатҳи иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ин ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти

ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

## 20. Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ:
### 20.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ);

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар вилоят дар нӯҳ моҳи соли 2020 64310,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли гузашта (70776,7 ҳаз. сомонӣ) -6466 ҳаз. сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 42,2 млн. сомонӣ (-2,8 млн. сомонӣ), Шуғнон 3,9 млн. сомонӣ (-910 ҳаз. сомонӣ), Рӯшон 3,3 млн. сомонӣ (-1,2 млн. сомонӣ), Ванҷ 2,9 млн. сомонӣ (-841,5 ҳаз. сомонӣ), Роштқалъа 1,6 млн. сомонӣ (-646,0 ҳаз сомонӣ), Ишкошим 1,1 млн. сомонӣ (-36,2 ҳаз сомонӣ) ва Мурғоб 1,1 млн. сомонӣ (-38,6 ҳаз сомонӣ) кам гардида, ки дар ноҳияи Дарвоз 4,5 млн. сомонӣ (+859,6 ҳаз. сомонӣ) зиёд гаштааст, ки барои баланд бардоштани шароити зиндагӣ мусоидат намудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон вобаста ба хизматрасонии маишӣ ва субъекти савдо ва хизматрасонии пулакӣ дар ноҳия корҳои назаррас амалӣ гаштанд.

Дар аксарияти деҳаҳои ноҳия хизматрасонии сартарошхона, ҷамомҳо, сехҳои дуредгарӣ, оҳангарӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳо ташкил карда шуда истодаанд. Ба ҳолати 1.10.2020 дар ноҳия 147 адад нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ ва 261 адад субъекти савдо ва хизматрасонии пулакӣ фаъолият доранд. Яке аз манбаҳои рушди соҳибкорӣ ин хизматрасонии пулакӣ ва муомилоти мол маҳсуб мешавад.

Яке аз сабабҳои кам гардидани хизматрасонии маишӣ ин пеш аз ҳама ба паҳншавии бемории сироятии COVID- 19 робита дошта, нуқтаҳои хизматрасонии пулакию маишӣ фаъолият накарда, шумораи сайёҳон кам гардида, марказҳои хизмрасонӣ пурра фаъолият накарданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷаҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 21. Маълумот оид ба пешгирии ҳолатҳои ҷинояткорӣ
### 21.1. Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо.

Тибқи маълумотҳои омории Маркази иттилоотӣ- таҳлилии Раёсати ВМКБ дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар ҳамаи самтҳо дар маҷмӯъ 285 адад ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 адад кам гардида, дар ноҳияҳои Рушон +19 адад (42 адад), Дарвоз +19 адад (42 адад), ва Роштқалъа +3 адад (23 адад) Шуғнон -0 (25

адад) ва Мурғоб -0 (18 адад) сатҳи ҷинояткорӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -31 адад (71 адад) ва ноҳияи Ванҷ - 3 адад (39 адад) ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки афзоиши шумораи ҷинояткорони дар ҷустуҷӯ қарор дошта аз ҳисоби шаҳрвандони вилоят, ки ба гурӯҳҳои ифротгароӣ шомил гардида дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷангида истодаанд, ба назар мерасад.

**21.2. Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст.**

Дар давраи ҳисоботӣ дар миқъёси вилоят дар умум аз ҷониби ҷавонон 47 ҷиноят (2019- 41) ба қайд гирифта шудааст.

Ҷиноятсодиркунӣ ҷамъ дар шаҳру ноҳияҳо вилоят аз тарафи ҷавонон дар нӯҳ моҳи соли 2020, 28 адад ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ҷинояти содиршуда ба шаҳри Хоруғ 9 ҳолат ва ноҳияҳои Ванҷ 12 ҳолат, Шуғнон 4 ҳолат, Мурғоб 2 ҳолат ва Рӯшон 1 ҳолат рост меояд, ки ташкили ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ҷамъиятӣ ва иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи мазкур мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи лозима ба роҳ монда шавад. (номутобиқати маълумоти вилоят бо шаҳру ноҳияҳо).

**21.3. Корҳои анҷомдодашуда вобаста ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо ва қонунвайронкуниҳо.**

Дар давоми 9- моҳи соли 2020 аз тарафи маркази матбуотии Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ 169 маротиба гузоришҳои телевизионӣ , дар умум 8 филми мустанад дар мавзӯъҳои «Пешгирии маводҳои тарфгарӣ», «Пешгирии сӯзондани шинаҳои автомобилҳо», «Огоҳ ва пешгирии нашъамандӣ ва моводи мухаддир», «Роҳ, нақлиёт ва одамон» ва «Пешгири намудани ҳодисаҳои авбошӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ», ҳамзамон 36 маротиба дар барномаи “Мавзӯъи рӯз” гузориш ва наворҳои сабтшуда дар мавзӯъҳои муҳими доғи рӯз тариқи телевизиони «Бадахшон» дар барномаи «Изтироб» оиди вазъ ва таҳлили ҷинояткорӣ дар вилоят ба саҳми аҳолии вилоят ва ҷумҳурӣ расонида шуданд.

Ҳамзамон, оид ба пешгирии касалиҳои сироятии (COVID-19) 32 маротиба гузоришҳо ва наворҳо дар барномаҳои телевизиони вилоятӣ ва ҷумҳурӣ пахш гардиданд.

Инчунин, оид ба самтҳои фаъолияти хизматии кормандони Раёсат ва ҷузъу томҳои он дар шаҳру ноҳияҳо 168 маротиба мақолаҳо ва ахборотҳо аз рӯи ҳодисаҳо ва ҷиноятҳои рухдода дар қаламрави вилоят дар васоити ахбори оммаи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардида, ба саҳми аҳолии кишвар расонида мешаванд. Ҳамзамон, ба воситаи радиои «Бадахшон» 166 маротиба оид ба фаъолияти хизматии ҷузъу томҳои мақомоти корҳои

дохилии вилоят баромад ташкил ва гузаронида шуданд. Ғайр аз ин аз тарафи маркази матбуотии РВКД дар ВМКБ гузориш ҳафтае 1 маротиба рӯзи сешанбе тариқи телевизиони маҳаллӣ дар барномаи «Изтироб» намоиш дода шуда, дар мувофиқа бо Сардори РВКД ҶТ дар ВМКБ наворҳо барои барномаҳои ВКД Чумҳурии Тоҷикистон фиристонда шуда тариқи барномаҳои марказии ҷумҳуриявӣ ба саҳми аҳолии ҷумҳурӣ расонида мешаванд. Ҳамзамон 39 маротиба матнҳо, маводҳои омодагардида бо аксҳо ба сомонаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

## 22. Рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ

### 22.1. Ҷараёни иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2020 муайян карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ҷиҳати татбиқи сифатнок ва саривақтии Нақша - чорабиниҳо аз 26 сентябри соли 2018, №24/10-431 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз 11 то 15 сентябри соли 2018 дар ҷараёни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон баён доштанд, бандҳое, ки мӯҳлати иҷроиши онҳо дар соли 2020 пешбинӣ шудааст, аз ҷумла банди 1, 7,17, 32, 37, 47, 63 ва 94 иҷрокунанда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он муайян карда шудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати ичрои супориши мазкур қарори раиси ВМКБ аз 9 октябри соли 2018, №339 таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати иҷрои он дастраси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, раёсату идораҳо ва муассисаҳои дахлдор гардонд.

Инчунин, вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо аз 8 июли соли 2016, №24/10-225 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Ванч, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва шаҳри Хоруғи ВМКБ аз 25 то 28 июни соли 2016 баён доштанд, бандҳое, ки мӯҳлати иҷроиши онҳо дар соли 2020 пешбинӣ шудааст, аз ҷумла банди 23, 28 ва 36 иҷрокунанда мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон ва Ишкошим муайян карда шудааст.

Аз ин ру шахсони масъул, ҷиҳати иҷрои бандҳое ки дар боло дарҷ гардидааст, тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намуда, аз натиҷа маълумот дар ҳисоботи навбатӣ пешниҳод намоянд.

Дар маҷмӯъ дар нӯҳ моҳи аввали соли 2020 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тамоми кӯшишҳоро барои пешрафти минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии вилоят, иҷрои нақшаҳо ва вазифаҳои афзалиятноки сол равона намуда, давоми соли 2020 бахри равнақ додани корҳои созандагию ободонӣ ва вазифаҳои муайяннамудаи Асосгузори сулҳу ваҳдати милли- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат, барномаҳои соҳавию минтақавӣ ва иҷрои вазифаҳои афзалиятноки соли 2020 баён намудаанд, инчунин, ҷиҳати дар сатҳи баланди сиёсӣ, ташкилию фарҳангӣ баргузор намудани чорабиниҳо бахшида ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста банди мазкур маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мебошад.